ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:** 342. 7 (575.3)
**ТКБ:** 67.99 (2) 01 (2 тоҷик)
**А** – 14

**АБДУЛАҲАДЗОДА СОБИРҶОН АБДУЛАҲАД**

# РАВАНДИ ИНТИХОБОТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Гадоев Б.С.**

**ДУШАНБЕ – 2024**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**.........................3
**МУҚАДДИМА**.............................................................................................4-19
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**...........................................................20-88
1.1. Мафҳум ва масъалаҳои назариявии раванди интихоботӣ......................20-42
1.2. Табиати ҳуқуқии усулҳои раванди интихоботӣ.....................................42-60
1.3. Марҳилаҳои раванди интихоботӣ......................................................60-88
**БОБИ 2. ВИЖАГИҲОИ ХОСИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ СУБЪЕКТОНИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**...........89-162
2.1. Мафҳум ва таснифи субъектони раванди интихоботӣ.........................89-104
2.2. Махсусияти вазъи ҳуқуқии субъектони инфиродии раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……...............................................................104-126
2.3. Нақши комиссияҳои интихобот дар раванди интихоботӣ................126-139
2.4. Масоили иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма дар раванди интихоботӣ.........................................................................................139-162
**ХУЛОСА**..................................................................................................163-168
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**...........................................................................................169-170
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**...................................................171-190
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**...................................................................................................191-192

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМИР** – Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсӣ

**ВАО** – Воситаҳои ахбори омма

**МАҲА** – Машварати Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо

**САҲА** – Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**АШОҶТ** – Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**АМОҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Интихобот яке аз сифату нишондиҳандаи муҳимтарини таҷассуми демократия, зуҳуроти демократӣ ва воситаи татбиқи он мебошад. Ҳуқуқи интихобот аз ҳуқуқҳои асосии сиёсии шаҳрвандон буда, субъекти муносибатҳои ҳуқуқию сиёсӣ будани шаҳрванд ва вазъи ҳуқуқии ӯро пурра менамояд. Тавассути интихоботи умумӣ соҳибихтиёрии халқ равшан таҷассум меёбад.

Дар шароити эъмори давлати демократӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мақом ва нақши падидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ меафзояд. Махсусан, дар чунин шароит падидаҳое, ки асосан дар заминаи изҳори иродаи дастаҷамъонаи шаҳрвандон ва ҷалби омма дар равандҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ асос ёфтаанд, он ҷойгоҳи хоссаро касб менамояд. Ташкил ва гузаронидани интихобот яке аз шартҳои муҳимме мебошад, ки ба бунёди давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Ин ду омил ҷузъи ҷудонашавандаи фазои сиёсӣ дар кишвар ба шумор мераванд. Бо ҳамин мазмун, давлатҳое, ки маҳз роҳи бунёди чунин давлатро интихоб намудаанд, ба падидаи ҳуқуқи интихобот афзалияти хосса дода, дар сатҳи меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунгузории соҳавӣ онро мустаҳкам намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) низ аз давраҳои аввали соҳибистиқлолии худ падидаи ҳуқуқи интихоботро аз лиҳози ҳуқуқӣ ба расмият даровардааст. ҶТ онро асоси амалишавии соҳибихтиёрии худ эътироф намудааст.

Раванди интихоботӣ дар ҷомеаи мутамаддин тавассути низомҳои гуногуни интихоботӣ сурат мегирад. Низоми интихоботӣ иродаи халқро ифода менамояд ва мақомоти масъули ҳокимиятро ташаккул дода, танзимгари асосии раванди интихобот мебошад.

Бо ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми муосири интихоботӣ бо дарназардошти хусусиятҳои муосири рушди давлатдорӣ ташаккул ёфт. Сарчашмаи асосии аз лиҳози меъёрӣ танзим ва муқаррар намудани низоми интихоботии кишвар Конститутсияи ҶТ мебошад. Тибқи муқаррароти он шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсии кишвар

иштирок намуда, бо ин мақсад ҳуқуқҳои интихоботии худро метавонанд дар шакли фаъол ва ғайрифаъол амалӣ намоянд.

Дар ҶТ тартиби ташкил ва гузаронидани интихобот, усулҳои асосии он дар заминаи меъёрҳои устувори демократӣ, ошкоро ва озод амалӣ карда мешавад. Онҳо иштироки шаҳрвандони синни муқарраршудаи кишварро дар интихобот пурра таъмин менамоянд.

Ташкили интихоботи Президент ва вакилони халқ яке аз роҳҳои ба ҳаёти сиёсӣ, ба идораи давлат ва ҷомеа, ба худидоракунии маҳаллӣ ҷалб кардани ҳамаи шаҳрвандон мебошад. Онҳо дар интихобот на фақат чун овоздиҳанда, балки иштироккунандаи маъракаи интихобот низ ҳастанд. Шаҳрвандон ба сифати интихобкунанда, аъзои комиссияҳои интихобот ва аъзои гурӯҳҳои ташаббускор имкони фаъолона иштирок кардан дар интихоботро доранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, ки «Интихобот ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ тавассути изҳори озодона ва ихтиёрии иродаи интихобкунандагон буда, ба таври демократӣ ва озоду шаффоф баргузор намудани он яке аз вазифаҳои муҳимми давлат мебошад»[1].

Воқеан, интихобот дар замони муосир воситаи муҳимми тағйирёбӣ ва ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, интихоботи мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва сатҳои гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Он ҳамчун унсури асосии ҷомеаи демократӣ ва шакли асосии иштироки аҳолӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар мебошад. Маҳз бо баргузории интихобот аз лиҳози қонунӣ ташкил намудани ҳокимият, рақобати солим ва имкони изҳори иродаи сиёсии тамоми шаҳрвандон таъмин карда мешавад.

Ташкил ва баргузории интихобот дар давраҳои муайян сурат гирифта моҳиятан он раванди интихоботиро дар худ касб менамояд, яъне раванди

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи муроҷиат: 17.05.2021).

интихоботӣ шакли дар амал татбиқшавии интихоботро ифода намуда, падидаи мазкурро комил мегардонад. Раванди интихоботӣ бо махсусиятҳои низоми сиёсӣ тасниф карда мешавад. Давлат тавассути муқаррароти қонунгузорӣ тартиби гузаронидани интихоботро ташаккул медиҳад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки барои баргузории интихоботи озоду шаффоф шароити зарурӣ фароҳам оварем. Ҳамчунин, дар заминаи падидаи интихоботӣ, бахусус раванди интихобот, кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба озодии интихобот, ширкат дар идоракунии давлатӣ ва изҳори иродаи сиёсии онҳо таъмин карда мешавад.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон тағйироти доимии қонунгузории интихоботӣ, рушди бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишофи падидаи раванди интихоботиро таъмин менамояд. Ин раванд ба соҳаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа таъсир мерасонад.

Такмили қонунгузорӣ дар ин самт имконият медиҳад, ки самаранокии раванди интихоботӣ, фаъолгардии интихобкунандагон дар давраҳои баргузории интихобот таъмин карда шавад. Ислоҳоти қонунгузории интихоботӣ дар ҶТ бо дарназардошти самтҳои умумии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ба роҳ монда шудааст.

Таҳлил ва баррасии низомноки нақш ва мақоми намудҳои мухталифи сарчашмаҳои ҳуқуқи интихоботӣ имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои муҳимми амалии эҷоди қонунҳо ва истифодаи онҳо ошкор карда шаванд.

Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ коркарди ҳаматарафаи илмии масъалаҳои низоми интихоботӣ, бунёди низоми илмии ташаккул ва фаъолияти самараноки он бо дарназардошти сатҳи муосири танзими ҳуқуқӣ, хусусиятҳои ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Тоҷикистон дар асоси натиҷагирӣ ва таҳлили таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Нишондиҳандаи асосии муайян намудани рушди низоми интихоботӣ ва раванди интихоботӣ танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Конститутсияи ҶТ ҳамчун сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқии кишвар тарзи

демократии ташкили низоми ҳокимиятро муқаррар намуда, равандҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодиву иҷтимоиро ба эътидол овардааст, пойгоҳи асосии гузаронидани ислоҳоти демократӣ, аз ҷумла ислоҳоти ҳуқуқиву конститутсионӣ гардидааст.

Бо дарназардошти ин, омӯзиш ва баррасии илмии танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ вазифаи муҳимми илмӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар Тоҷикистони муосир ба ҳисоб меравад.

Бояд тазаккур дод, ки оид ба масъалаи раванди интихоботӣ дар доираҳои илмии ватанӣ, аллакай маводи зиёди амалӣ ва назариявӣ вобаста ба ташкил ва гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ ташаккул ёфтаанд. Масоили мазкур на танҳо банизомдарорӣ ва дарки назариявӣ, балки ошкор намудани муҳити муносибро дар фазои ҳуқуқии интихоботии кишвар талаб менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Қайд намудан бамаврид аст, ки масъалаҳои алоҳидаи раванди интихоботӣ, дар доираи илмҳои гуногуни ватанӣ, аз қабили сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ, мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Махсусан, паҳлуҳои гуногуни падидаи ҳуқуқи интихобот ва раванди интихоботӣ, самтҳои мухталифи он дар илми ҳуқуқшиносӣ, яъне назария ва таърихи ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, аз ҷониби муҳаққиқони кишвар дар сатҳи дахлдор таҳқиқ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили муҷтамаи (комплексии) падидаи раванди интихоботӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионии ҶТ гузаронида нашудааст.

Дар масъалаи таҳқиқи масоили назариявӣ ва амалии ҳуқуқи интихоботӣ олимони ватанӣ таҳқиқоти амиқи худро анҷом додаанд. Аз ҷумла: З. Ализода[2],

[2] Ниг.: Ализода З. Становление института парламента в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики / Под ред. академика АН Республики Таджикистан Ф.Т. Тахирова. – Душанбе: ТНУ, 2011. – 264 с.

Б.С. Гадоев[3], А.М. Диноршоҳ[4], А.И. Имомов[5], Ҳ.Ш. Имомов[6], Э.С. Насриддинзода[7], С.М. Салоҳидинова[8], Х. Ҳомидов[9], Р.Ш. Шарофзода[10], Ҷ.Н. Ҷамшедзода[11] ва дигарон.

Бояд зикр намуд, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқи интихоботӣ, танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ, субъектҳои танзими раванди интихоботӣ аз тарафи олимони ҳуқуқшиноси хориҷӣ, ба монанди С.А. Авакян[12], С.Н. Бондар[13], Ю.В. Веденеев[14], В.Я. Гелман[15], А.В. Зиновев[16], А.В. Иванченко[17], С.Д. Князев[18], В.В. Маклаков[19], М.С. Матейкович[20] ва дигарон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

---

[3] Ниг.: Гадоев Б.С. Правовые проблемы института референдума в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2003. – 184 с.

[4] Ниг.: Диноршоев А.М., Салохидинова С.М., Сафарзода Н.Р. Избирательное право и избирательный процесс в Республике Таджикистан / Под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. Учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2018. – 200 с.

[5] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри дуюм. – Душанбе, 2017. – 172 с.

[6] Ниг.: Имомов Ҳ. Нақши бунёдии ҳизбҳои сиёсӣ дар замони имрӯза / Ҳ. Имомов // Маводҳои конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Инкишофи падидаи конститутсионализм дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон» / Зери таҳрири А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2014. – С. 202-207.

[7] Ниг.: Насрудинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 196 с.

[8] Ниг.: Диноршоев А.М., Салохиддинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан: Цикл лекции. –Душанбе, 2020. – 247 с.

[9] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа Ҷ.2. –Душанбе, 2013. – 500 с.

[10] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Конституционно-правовые начала формирования гражданского общества и правового государства в постсоветском Таджикистане / Р.Ш. Сотиволдиев // Труды Академии МВД РТ. – 2002. – Вып. 5. – С. 32-48.

[11] Ниг.: Ҷамшедов Ҷ.Н. Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ва мақеи он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷ.Н. Ҷамшедов // Ахбори АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахш. Фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ. – 2016. – №2. – С. 147-152.

[12] Ниг.: Авакьян С.А. Конституционное право России: учебный курс: В 2 т. Т. 2. – М., 2007. – 912 с.

[13] Ниг.: Бондарь Н.С. Конституционные пробелы или конфликты как отражение социальных противоречий: в контексте практики Конституционного Суда РФ / Н.С. Бондарь / Экономический вестник Ростовского государственного университета. – 2010. – Т. 8. – №1. – С. 70-79.

[14] Ниг.: Веденеев Ю.А., Катков Д.Б., Корчиго Е.В. Избирательное право: учебник. –М.: Юриспруденция, 2001. – 168 с.

[15] Ниг.: Гельман В.Я. Избирательные кампании в России: испытание электоральной формулы / В.Я. Гельман // ПОЛИС. – 1996. – №2. – С. 84-100.

[16] Ниг.: Зиновьев А.В., Полякова И.С. Избирательная система России: теория, практика и перспективы. –СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. – 357 с.

[17] Ниг.: Иванченко А.В. Избирательные комиссии в Российской Федерации. Теория. Практика. – М.: Весь мир, 1996. – 304 с.

[18] Ниг.: Князев С.Д. Курс лекций по избирательному праву и избирательному процессу Российской Федерации. – Владивосток: Изд-во ДГУ, 2001. – 213 с.

[19] Ниг.: Маклаков В.В. Избирательное право и избирательные системы буржуазных и развивающихся стран. – М.: Изд-во ВЮ-ЗИ, 1987. – 63 с.

[20] Ниг.: Матейкович М.С. Проблемы правового регулирования выборов в органы государственной власти субъектов Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Тюмень, 1998. – 23 с.

Таҳқиқоти М.В. Баглай[21], С.А. Белов[22], К.В. Краснов[23], Т.А. Василев[24], Е.Н. Хрусталев[25], В.А. Ахлюстин[26] дар омӯзиш ва баррасии низоми интихоботӣ дар шароити муосир диққатҷалбкунанда ба ҳисоб меравад. Аксарияти таҳқиқотҳо ба масъалаи технологияҳои интихоботӣ, назарияи раванди интихоботӣ ва низоми интихоботӣ бахшида шудаанд.

Дар баробари ин, омӯзиш ва баррасии мафҳуми раванди интихоботӣ хусусияти ҷудогона дошта, хулосаҳои муҳим ва бунёдии дар илми ҳуқуқшиносӣ мавҷуда ниёз ба такмил доранд. Тавре зикр гардид, масъалаи мазкур бевосита дар доираи таҳқиқоти мукаммал то айни ҳол амалӣ нагардидааст. Рушди босуръати пойгоҳи меъёрии ҳуқуқии низоми интихоботӣ, суръати рушди иттилоотиву коммуникативӣ (иртиботӣ) дар амалия масъалаҳои сифатан навро пеш меоранд, ки тадриҷан ба номукаммалии назарияи ҳуқуқӣ нисбат ба назария ва амалия оварда мерасонад. Вобаста ба ин, назария ва консепсияҳо номукаммал ба назар расида, таҳқиқи комплексии онҳо ба манфиати кор мебошад. Дар аксарияти ҳолатҳо дар назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ камбудиҳое мушоҳида карда мешаванд, ки дар ҳолати гузариш ба марҳилаи нави рушди раванди интихоботӣ баҳсталаб боқӣ мондаанд.

Масъалаи истифодаи мафҳум ва категорияҳои дар раванди омӯзиш ва баррасии масъалаҳои муҳими раванди интихоботӣ дар шароити имрӯза таҷдиди назарро талаб менамояд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки новобаста ба омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи раванди интихоботӣ, муҳаққиқони соҳа нисбат ба мафҳум, усулҳо, низом, самтҳои мукаммал намудани раванди интихоботӣ ихтилофи назар доранд, тафовути истилоҳотӣ

21 Ниг.: Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации. – М., 2001. – 408 с.
22 Ниг.: Белов С.А. Избирательная система как правовой институт. – СПб.: Изд. Дом С-Петерб. гос. ун-та, 2005. – 173 с.
23 Ниг.: Краснов К.В. Субъект избирательного процесса в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – 278 с.
24 Ниг.: Васильева Т.А. Избирательная компания / Большая российская энциклопедия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://bigenc.ru/law/text/3270593 (дата обращения: 25.10.2020).
25 Ниг.: Хрусталев Е.Н. Избирательный процесс в России: понятие и стадии / Е.Н. Хрусталев / Известия вузов. Правоведение. – 1998. – №2. – С. 32-35.
26 Ниг.: Ахлюстин В.А. Избирательный процесс в Российской Федерации (проблемы теории, правового регулирования и правоприменения): дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2002. – 299 с.

дар таснифоти мафҳумҳо ба мушоҳида мерасанд. Аксарияти ҷанбаҳои назариявӣ-амалии он баҳснок ва таҳқиқношуда боқӣ мондаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Масъалаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили қонунгузорӣ» барои солҳои 2016-2020 иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бо истифода аз таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионии падидаи раванди интихоботӣ дар ҶТ дар заминаи масъалаҳои мавҷудаи пойгоҳи ҳуқуқии дар ин самт ошкоршуда тавсияҳои мушаххас барои мақомоти қонунгузор барои такмили он пешниҳод карда шудаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқоти мазкур иҷроиши вазифаҳои зерин пеш гузошта шудааст:

– дарки мафҳум ва баррасии масъалаҳои назариявии раванди интихоботӣ бо такя ба донишҳои ҳуқуқии муосир;

– муайянсозӣ ва таҳлили табиати ҳуқуқии усулҳои раванди интихоботӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлил ва баррасии марҳилаҳои раванди интихоботӣ дар шароити кунунӣ;

– баррасӣ ва таснифи субъектҳои раванди интихоботӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии субъектҳои инфиродии раванди интихоботӣ;

– ошкор ва таҳлили нақши комиссияҳои интихоботӣ дар раванди интихобот;

– баррасӣ намудани масоили иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма дар раванди интихоботӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро низоми муносибатҳои ҷамъиятии марбут бо раванди интихоботӣ дар ҶТ ташкил медиҳанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионии танзимкунандаи масъалаҳои гуногуни раванди интихоботӣ ва асосҳои назариявӣ вобаста ба тавсиф, табиат, муҳиммият ва масъалаҳои дигари вобаста ба раванди интихоботӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Давраи таҳқиқот марҳилаи муосири рушди ҶТ, яъне давраи Истиқлоли давлатиро дар бар мегирад, ки дар ин раванд, низоми интихоботии кишвар бо вижагии хос, дар заминаи принисипҳои давлати демократӣ ташаккул ёфта, қонунгузории танзимкунандаи масъалаҳои раванди интихоботӣ бо риояи усулҳои чунин давлат рушд ёфтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии рисолаи илмиро таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки ба таври пурра ва ё қисман раванди интихоботиро фаро мегиранд.

Дар ҷараёни омодасозии рисолаи илмӣ таваҷҷӯҳ ба осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ аз қабили С.А. Авакян, З. Ализода, В.А. Ахлюстин, С.А. Белов, М.В. Баглай, С.Н. Бондар, Т.А. Василев, Ю.В. Веденеев, Б.С. Гадоев, В.Я. Гелман, А.М. Диноршоҳ, А.В. Зиновев, А.В. Иванченко, А.И. Имомов, Ҳ.Ш. Имомов, С.Д. Князев, К.В. Краснов, В.В. Маклаков, М.С. Матейкович, Э.С. Насриддинзода, С.М. Салоҳидинова, Е.Н. Хрусталев, Х. Ҳомидов, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон дода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба методҳои муосири илмӣ, аз он ҷумла методҳои диалектӣ-материалистӣ, маҷмуавӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-сохторӣ, методи таҳлили ҳуҷҷатҳо, моделсозӣ ва оморӣ такя менамояд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар истифодаи методҳои умумиилмӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, методҳои низомнокии таҳлилии воқеият асос ёфтааст. Усулҳои зикршуда

имконият фароҳам овrouteданд, ки мавзуи таҳқиқшаванда ба таври пурра ва воқеӣ омӯхта шуда, вазифаҳои дарпешгузошта ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқот дар сарчашмаҳои зиёди ватанӣ ва хориҷӣ – таҳқиқотҳои монографӣ, корҳои таълимӣ ва илмӣ, таҳлили матбуоти даврӣ, ақидаҳои олимони ҳуқуқшинос, ақидаҳои мутахассисон дар соҳаи гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ зоҳир мегардад. Инчунин, асоси таҳлилҳоро Конститутсия, қонунҳои интихоботӣ, санадҳои судӣ, санадҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода мегардад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур яке аз аввалин корҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад, ки ба таҳлили хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионии раванди интихоботӣ дар ҶТ бахшида шудааст. Дар доираи ин рисолаи илмӣ пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмӣ барои такмили раванди интихоботӣ дар ЧТ таҳия шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Муаллиф зимни анҷоми таҳқиқоти илмии худ чунин нуқтаҳоро ба ҳимоя пешниҳод менамояд:

**I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ табиати «интихобот» ҳамчун падидаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва мафҳум, моҳият ва мазмуни раванди интихоботӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Интихобот як раванди мураккаб аст, ки бо иштироки шаҳрвандон дар сатҳи омма амалӣ мешавад. Дар натиҷаи ин раванд, иродаи сиёсии ҳамаи шаҳрвандон баён гардида, ҳадафҳои гуногуни иҷтимоиро пайгирӣ мекунад. Раванди интихоботӣ бошад, ҳамчун амалҳои ташкилӣ ва сиёсиву ҳуқуқии субъектҳо дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии ташкилнамоӣ ва гузаронидани интихобот мебошад, ки дар шакли марҳилаҳои якдигарро ивазкунандаи тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ба вуҷуд меояд. Асос ва заминаи падидаи раванди интихоботӣ дар маҷмуъ падидаи интихобот мебошад. Бо ҳамин мазмун, падидаи раванди интихобот хусусиятҳоеро ҳамчун «низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ» «хусусияти марҳилавӣ», «низоми меъёрҳои

мурофиавии конститутсионӣ» ва «табиати маҷмуавӣ (комплексӣ)» дар худ таҷассум менамояд.

2. Дар рисолаи илмӣ усулҳои раванди интихоботӣ муайян ва баррасӣ гардида, падидаи мазкур аз унсурҳои ҳуқуқи интихоботӣ маншаъ мегирад. Таҳлили қонунгузории амалкунандаи кишвар имкон медиҳад, ки чунин усулҳои раванди интихоботӣ муайян карда шаванд:

– танзими ҳуқуқии ҷараёни интихоботӣ;

– қонуният ва дурустии амалҳои субъектҳои ҷараёни интихоботӣ;

– ташкили интихобот, омодагӣ ва гузаронидани он аз ҷониби мақомоти мустақил ва махсуси дастаҷамъӣ, яъне комиссияҳои интихоботӣ;

– озодӣ ва шаффофияти амалҳо ва қарорҳои интихоботӣ;

– пайваста ва марҳила ба марҳила пеш рафтани ҷараёни интихоботӣ;

– баробарҳуқуқии субъектҳои яксон дар ҷараёни интихоботӣ;

– расмӣ гардонидани натиҷаҳои ҷории интихобот ва тасдиқи онҳо бо ҳуҷҷатҳо;

– имкони шикоят бурдан ба суд ё мақомоти маъмурӣ аз амалҳо ва қарорҳои ҳар як иштирокчии раванди интихобот.

3. Марҳилаҳои раванди интихоботӣ аз ҷумлаи масъалаи муҳим дар иртибот бо таҳлил ва баррасии падидаи мурофиавӣ ба ҳисоб меравад. Раванди интихоботӣ ба мазмуни умумӣ се марҳилаи асосиро фаро мегирад:

– марҳилаи тайёрии раванди интихоботӣ;

– марҳилаи гузаронидани маъракаи интихоботӣ;

– марҳилаи хотимавӣ.

Ҳар як марҳилаи мазкур дар худ зермарҳилаҳоро фаро мегирад, ки давра ба давра ба созгор гардидани интихобот сурат мегиранд.

4. Дар ин тадқиқот таҳлили субъектони раванди интихоботӣ гузаронида шуд, ки тибқи он ба сифати субъектҳо дар ин раванд баромад мекунад:

– шахси мушаххас;

– гурӯҳи иҷтимоӣ;

– ва умуман тамоми шаҳрвандон.

Ин субъектон амалҳои заруриро иҷро намуда, ба муносибатҳои мухталиф ворид мешаванд, ки ин ҳолат амалишавии ҳуқуқҳои мушаххас ва масъулияти муайянро талаб менамояд.

5. Комиссияҳои интихоботӣ дар раванди интихоботӣ ҳамчун субъекти асосӣ ба ҳисоб мераванд, ки ба сифати иштирокчии махсус баромад мекунанд. Яке аз хусусиятҳои муҳимми фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ ин аст, ки онҳо бояд аз мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ дар иҷрои вазифа ва ваколатҳои худ мустақил бошанд. Қарорҳои қабулкардаи онҳо табиати машваратӣ доранд ва барои ҳамаи иштирокдорони раванди интихоботӣ ҳатмӣ ба ҳисоб мераванд.

6. Ҳамчунин, ҳизбҳои сиёсӣ низ ба сифати субъекти раванди интихоботӣ баромад мекунанд, ки асосан фаъолияти онҳо бо ширкат варзидан дар интихобот алоқаманд аст ва нишондиҳандаи воқеии раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократикунонии низоми сиёсӣ, рушди худидоранамоӣ ба ҳисоб меравад.

7. Таъсири воситаҳои ахбори умум ба амали ҳайати интихобкунандагон бештар дар раванди ташвиқоти пешазинтихоботӣ зоҳир мегардад. Номзад, намояндаи ҳизбҳои сиёсӣ наметавонанд, ки бевосита ба ҳар як интихобкунанда робитаҳоро ба роҳ монанд, аз ин хотир зарурат пайдо мешавад, ки интихобкунанда ба намуна ва қоидаҳое, ки тариқи воситаҳои ахбори умум паҳн карда мешавад, истифода барад. Таҳлили қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ташвиқоти пешазинтихоботӣ, нақш ва мақоми воситаҳои ахбори умум ба таври лозима муқаррар карда шудааст. Албатта, чунин ҳолат озод, шаффоф ва демократӣ будани раванди интихоботиро тавсеа медиҳад.

## II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории интихоботии ҶТ равона гардидаанд:

8. Бо мақсади мустаҳкам намудани мафҳуми «интихобот» дар қонунгузории интихоботии ҶТ чунин мафҳуми муаллифии он пешниҳод карда мешавад: интихобот – воситаи муҳимтарини ташаккул додани мақомоти

намояндагӣ ва мансаби интихоботӣ мебошад, ки тавассути иштироки шаҳрвандон бо роҳи овоздиҳӣ сурат мегирад.

9. Бо дарназардошти он, ки дар қонунгузорӣ мафҳуми раванди интихоботӣ муқаррар нагардидааст, мафҳуми он дар қонунгузории кишвар бояд мустаҳкам карда шавад, то фаҳмиши расмиву дуруст ва тафовути он ба дигар падида ва масъалаҳои интихоботӣ мусоидат намояд. Раванди интихоботӣ - маҷмӯи фаъолиятҳоест, ки мақомоти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, комиссияҳои интихоботӣ ва шахсони дигарро дар бар мегирад, ки тибқи расмиёти муқарраршуда бо мақсади ташкил ва баргузор намудани интихоботи мақоми интихоботӣ амалӣ мегардад.

10. Бо мақсади танзими самаранок, бартараф намудани мушкилиҳо ва муаммоҳо дар соҳаи интихобот, махсусан раванди интихоботӣ зарур мешуморем, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои интихоботӣ кодификатсия карда шуда, шакли санади ягонаи мураттабгардида, яъне Кодекси интихоботии ҶТ, таҳия карда шавад.

11. Бо мақсади боз ҳам мушаххас намудани талаботи шаҳрвандӣ нисбат ба ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон пешниҳод менамоем, ки дар сархати панҷуми моддаи 33 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» «пешбарии шаҳрвандони дорои душаҳрвандӣ» ҳамчун асоси маҳдудият ба номзадӣ ба вакили Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ муқаррар карда шавад.

12. Бо мақсади ташкили воқеӣ ва самараноки баргузории интихобот, зарур мешуморем, ки муқаррарот вобаста ба зиндагии доимии шахси муайян дар ҳудуди ҳавзаи интихоботии дахлдор, ки номзадии худро дар он пешбарӣ намудааст ва муайян намудани муҳлати дахлдори зиндагӣ дар ҳудуди мазкур пешбинӣ карда шавад.

13. Бо мақсади мустаҳкам намудани вазъи ҳуқуқии (КМИР) дар самти таъсиси комиссияҳои интихоботӣ пешниҳод менамоем, ки дар моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии

Ҷумҳури Тоҷикистон» чунин ваколат ба мақоми мазкур илова карда шавад: «бо мақсади татбиқи муқаррароти конститутсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ комиссияҳои интихобот ва гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ ташкил намуда, барои таъмини фаъолияти онҳо тамоми чораҳои дахлдорро андешад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки ба таври маҷмуавӣ раванди интихоботӣ дар Тоҷикистон таҳлил гардида, тасаввурот оид ба хусусияти ташкил ва гузаронидани интихобот дар кишвар васеъ гардонида шавад. Таҳлил ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди фаъолияти мақомоти давлатии соҳавӣ, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, дарки воқеии падидаи интихобот ва раванди интихоботӣ, ҳамчунин такмили қонунгузории интихоботии кишвар истифода бурд. Ба ғайр аз ин, мазмунҳои асосӣ ва хулосаҳои рисоларо метавон дар таҳияи стратегия ва таҷрибаи маъракаҳои интихоботӣ, ояндабинии натиҷаи раванди интихоботӣ, баланд бардоштани фарҳанги интихоботии шаҳрвандон ба роҳбарӣ гирифт. Маводҳои диссертатсияро метавон дар курсҳои махсуси ҳуқуқӣ дар таҳияи барномаҳои фаннӣ, хусусан ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи интихоботӣ ва раванди интихоботӣ истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба хусусиятҳои гуногуни танзими ҳуқуқии фаъолияти субъектҳо, марҳилаҳо ва усулҳои раванди интихоботӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории давлатҳои алоҳидаи хориҷӣ дар самти хусусиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии субъектҳои раванди интихоботӣ, таҳқиқи ҳолати қонунӣ, дурнамо ва тамоили рушди унсурҳои демократии интихобот дар Тоҷикистон асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ;

ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллиф маводи назариявӣ ва амалии мавзуи кори пешниҳодшударо амиқ омӯхтааст. Дар натиҷа ӯ бори аввал тавонист мафҳум, моҳият ва усулҳои раванди интихоботӣ дар асоси донишҳои назариявии муосири ҳуқуқӣ муайян намояд; ба таври комплексӣ марҳилаҳои раванди интихоботиро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, мавқеи худро нисбати ҷанбаҳои умумӣ ва фарқкунандаи раванди интихоботӣ ошкор намояд; ҷанбаҳои назариявии субъектҳои раванди интихоботӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар доираи он ҳолатҳои ба сифати субъекти раванди интихоботӣ баромад намудани шахсони инфиродӣ-шаҳрвандро ошкор намояд; хусусият ва доираи фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ дар шароити Тоҷикистон баррасӣ гардида, роҳҳои такмил ва самаранок намудани фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ пешниҳод намудааст; хусусиятҳои иштироки ҳизбҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма дар раванди интихоботӣ баррасӣ гардида, такмили қонунгузорӣ дар ин самт пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, дарёфти мушкилот ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он дар рисола саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми муҳокимаи рисола дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон озмуда шудаанд ва дар конференсияҳои ҳарсолаи анъанавии ҳайати профессорону омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ, дар конференсияҳои чумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд, муаллиф дар онҳо бо маъруза баромад кардааст. Чунончӣ:

**А) Байналмилалӣ:**

– «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» – маърӯза таҳти унвони «Мафҳум ва моҳияти мурофиаи интихобот: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» (Душанбе, 9 декабри соли 2022);

– «XIII Ломоносовские чтения», бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров – маърӯза таҳти унвони «Мурофиаи интихоботӣ ҳамчун намуди мурофиаи ҳуқуқӣ» (Душанбе, 28-29 апрели соли 2023).

**Б) Ҷумҳуриявӣ:**

– «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» – маърӯза таҳти унвони «Субъектони мурофиаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе-2019);

– «Конститутсия – как фактор стабильности государства» – маърӯза таҳти унвони «Мурофиаи интихоботӣ ҳамчун шакли фаъолияти ҳуқуқӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он» (05 ноябри соли 2022);

– «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маърӯза таҳти унвони «Масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии мурофиаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1 ноябри соли 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои ин таҳқиқот дар корҳои интишоршудаи муаллиф, аз он ҷумла 10 мақолаи илмӣ, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва 4 мақола дар маҷаллаҳои дигар нашр гардидааст, таҷассум ёфтаанд.

Нуктаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ оид ба фанҳои ҳуқуқи конститутсионии ҶТ, ҳуқуқи интихобот ва мурофиаи интихоботии ҶТ, инчунин дар навиштани як қатор китобҳои дарсӣ истифода шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби

дараҷаи илмӣ иборат таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 192 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Мафҳум ва масъалаҳои назариявии раванди интихоботӣ

Интихобот воситаи асосии ташаккул ва инкишофи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва роҳбарии ҷомеа тавассути ифодаи райъи шаҳрвандон дар доираи низоми интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Тавассути интихобот мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва сарварони сиёсӣ инкишоф ёфта, сабаби бартараф шудани низоъ дар ҷомеа мегардад, номзадҳо ба мансабҳои интихобии ҳокимият муайян гардида, иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар раванди амалӣ гардидани ҳокимияти халқӣ таъмин мегардад. Дар замони муосир падидаи мазкур дар маҷмуъ унсури муҳиммтарини ташаккулёбии дастгоҳи давлат ба ҳисоб рафта, тарз ва сифати баргузории он сатҳи таҳкими устувории демократияро дар кишвар нишон медиҳад.

Баргузории интихобот ҳамчун ҳалқаи пайвасткунандаи ҷомеа ва давлат баромад намуда, дар натиҷаи он райъи шаҳрвандон чун асоси бунёди ҳокимияти давлатӣ эътироф мегардад. Интихобот воситае мебошад, ки иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар раванди амалигардии ҳокимият таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, баргузории интихобот ҳамчун арзиши демократӣ ба ташаккули ҳокимият ва иштироки васеи мардум дар идоракунии давлат, таҳкими арзишҳо ва унсурҳои демократӣ мусоидат менамояд.

Дар робита ба ин метавон қайд намуд, ки ташкилу баргузории интихобот ҳамчун арзиши демократӣ дар доираи илмҳои гуногун, ба монанди психология, сотсиология, ҳуқуқшиносӣ ва сиёсатшиносӣ диққати махсус дода шуда, барои таҳкими минбаъдаи он мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирад. Масъалаи ташкилу гузаронидани интихобот, арзишҳо ва падидаҳои ҳуқуқии ба он алоқаманд дар доираҳои илми ҳуқуқшиносӣ ба таври мушаххас ба меъёрҳои қонунгузорӣ алоқамандӣ дорад, баррасӣ ва таҳлили масъалаи

интихобот, низоми интихобот ва дигар масъалаҳои марбути он ба сифати объекти таҳқиқоти илмӣ дар доираи он ба ҳисоб меравад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки аксарияти таҳлилгарони илми ҳуқуқшиносӣ номукаммалии заминаҳои ҳуқуқии баргузории интихоботро таъкид намудаанд, ки ба пайдо гардидани мушкилот дар раванди татбиқи меъёрҳои вобаста ба он боис мегарданд[27]. Дар шароити муосир дар доираи интихобот ва ташкилу баргузории он мушкилот ва норасоӣ асосан хусусияти субъективӣ ва объективӣ доранд, ки мухолифат ва номукаммалии меъёрҳои ҳуқуқиро ба бор овардаанд.

Ҳамзамон, чунин мешуморем, ки мафҳумҳои «интихобот» ва мафҳумҳои ба он алоқаманд пеш аз ҳама «раванди интихоботи»-ро мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ бояд қарор дод, зеро ки мафҳумҳои мазкур пояи таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил дода, аз нигоҳи илми ҳуқуқӣ, махсусан илми ҳуқуқи конститутсионӣ, таҳқиқталаб мебошанд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ интихоботро гуногун маънидод менамоянд, ки он дорои чунин унсурҳо мебошад:

– он таҷассумгари демократияи бевосита;

– воситаи ташкили мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;

– раванди интихоботӣ, ки аз маҷмӯи марҳилаҳо иборат аст;

– ҳамчун маъракаи ташкиливу ҳуқуқӣ, ки дар ҷараёни он намояндагони

– мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва мансабҳои интихобии ҳокимияти давлатӣ интихоб мегарданд;

– ба халқ таълуқ доштани ҳокимияти давлатӣ[28].

Олимони соҳа оид ба ин масъалаи муҳимми ҳуқуқӣ андешаҳои ҷолиб баён кардаанд. Ба таври мисол, яке аз онҳо бар он назарраст, ки: «интихобот –

---

[27] Ниг.: Князев С.Д. Избирательный процесс: понятие, особенности и структура / С.Д. Князев // Правоведение. – 1999. – №3. – С. 48; Хрусталев Е.Н. Избирательный процесс в России: понятие и стадии / Е.Н. Хрусталев // Правоведение. – 1998. №2. – С. 33; Сомов С. Избирательному законодательству – свой понятийный аппарат / С. Сомов // Рос. юстиция. – 2001. – №4. – С. 45.
[28] Ниг.: Соломаткин А.С., Кокотов А.Н., Выдрин И.В. Челябинская область – субъект РФ. – Челябинск, 1997 – С. 43.

падидаи мураккаби иҷтимоиву ҳуқуқӣ аст, ки ба ташаккули мансабҳои интихобии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ равона шудааст»[29].

Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки бо дарназардошти табиати мураккаб доштани интихобот, наметавон мафҳуми ягонаи онро муайян сохт. Барои муайян намудани мафҳуми интихобот, самтҳо, ҷанбаҳо ва масъалаҳои гуногуни он бояд мавриди назар қарор гирад[30], чунки интихобот раванди мураккаб буда, дар сатҳи омма амалӣ мегардад, ки дар заминаи он иродаи сиёсии тамоми шаҳрвандон барои масъалаҳои дахлдор ифода мегарданд. Ба назари мо, чунин нуқтаи назар воқеӣ буда, дорои таъиноти иҷтимоии бисёрҳадафа мебошад.

Ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи интихоботӣ, ки падидаи муҳимтарин ва асосӣ маҳсуб меёбад, мафҳуми «интихобот»-ро дар робита бо интихоб гардидани шахсони мансабдори мақомоти намояндагии давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ муайян намудааст. Тибқи арзёбии муҳаққиқони илми ҳуқуқи конститутсионӣ мафҳуми «интихобот» чунин воситаи демократии ташаккули мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фаҳмида мешавад, ки дар он худи халқ ё намояндагони он масъалаи ташаккули ҳокимиятро тариқи тартиботи муқарраргардидаи овоздиҳӣ ҳал менамояд[31].

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ мафҳуми интихоботро чун шакли қонунигардонидашудаи раъйдиҳии бевоситаи халқ, унсури муҳимми демократия эътироф карда, баргузории интихобот ба раванди интихоботӣ монанд карда мешавад[32].

Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ» мафҳуми интихоботро ҳамчун муносибати ҷамъиятӣ бо ташкили мақомоти намояндагӣ, мансабҳои интихобии ҳокимияти давлатӣ ва амалисозии ҳуқуқи

---

[29] Югов А.А. Субъективное избирательное право по действующему законодательству Российской Федерации / А.А. Югов // Рос. юрид. журн. – 2000. – №3. – С. 60.
[30] Ниг.: Торшенко А.А., Трегубенков В.А. Понятие выборов в Российской Федерации / А.А. Торшенко, В.А. Трегубенков // Рос. юрид. журн. – 2001. – №2. – С. 41.
[31] Ниг.: Диноршоев А.М., Салохидинова С.М., Сафарзода Н.Р. Избирательное право и избирательный процесс в Республике Таджикистан / Под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. Учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2018. – С. 10.
[32] Ниг.: Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации. – М., 2001. – С. 359.

субъективии шаҳрванд оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан алоқаманд шарҳ додаанд[33].

Натиҷаи таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба интихобот нишон дод, ки мафҳуми ягонаи фарогирандаи «интихобот» ва падидаҳои ба он алоқаманд муқаррар нагардидааст. Инро метавон чун холигӣ дар қонунгузории интихоботии кишвар эътироф намуд. Бо ҳамин мазмун, масъалаи муайян намудани тамоми аломатҳо ва хусусиятҳои хоси падидаи мазкур дар шароити муосир ба таври пурра ҳалношуда боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ метавон қайд намуд, ки мафҳуми «интихобот» барои ифода намудани ташаккули ҳокимияти намояндагӣ ва интихоби шахсони мансабдори давлатӣ тариқи овоздиҳӣ истифода мешавад.

Дар қонунгузории интихоботии кишвар мафҳуми ягонаи интихобот ҷой надорад. Муайян намудани мафҳуми ягонаи интихобот дар сатҳи қонунгузории кишвар ба таври созгор наметавонад сурат гирад. Ҳоло бошад, набудани санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи мушаххаси муносибатҳои интихоботӣ омили асосӣ мебошад. Аз лиҳози қонунӣ муайян намудани мафҳуми номбурда танҳо дар шароити амал намудани санади меъёрии ҳуқуқии ягона имкон дорад. Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи илмӣ муқаррар намудани мафҳуми интихобот ба фаҳмиши дуруст ва муносиби он мусоидат менамояд. Бинобар ин, метавон чунин мафҳуми муаллифии «интихобот»-ро ҳамчун унсури демократӣ пешниҳод ва баён намуд: «интихобот – воситаи муҳимтарини ташаккул додани мақомоти намояндагӣ ва мансаби интихоботӣ мебошад, ки тавассути иштироки шаҳрвандон бо роҳи овоздиҳӣ сурат мегирад».

Ёдовар бояд шуд, ки мафҳуми пешниҳодшударо метавон дар қонунгузории интихоботи Президенти ҶТ, Маҷлиси Олии ҶТ ва дигар мақомоти интихоботӣ инъикос намуд, ки фаҳмиши дурусти онро дар шароти

[33] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ / Зери назари Имомов А.И ва Диноршоев А.М. – Душанбе, 2013. – С. 164.

давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон ошкор менамояд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар аксарияти ҳолатҳо дар доираҳои илмӣ, махсусан дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми «интихобот» якҷо бо мафҳуми «раванди интихоботӣ» баррасӣ карда мешавад. Раванди интихоботӣ низ аз ҷумлаи мафҳумҳоест, ки дар баробари мафҳуми интихобот мавриди таҳлил ва муҳокимаронии қарор мегирад. Аз ин рӯ, мафҳуми ягонаи он дар доираи илми ҳуқуқи конститутсионии муосир ҷой надошта, дар заминаи асосҳои гуногун мафҳуми он муайян ва пешкаш гардидааст.

Пеш аз он ки дар бораи раванди интихоботӣ сухан гӯем, зарур аст, ки дар хусуси раванди ҳуқуқӣ назару ақидаҳои муҳаққиқонро баён намоем.

Олими рус И.В. Панов мафҳуми «раванд»-ро ба тарзи зайл пешниҳод намудааст: «раванд – танзимкунандаи қадима, маҷмуи муайяни амалҳо ва воқеаҳо, ки ба натиҷаи муайян оварда мерасонанд. Яъне, он дорои ҷараёни инкишоф, такрорроршавӣ, натиҷа, тасҳеҳи дақиқ ва барасмиятдарории беруна мебошад»[34]. Дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми «раванд» ҳамчун гузаштан, пешбарӣ кардан муайян гардидааст[35].

Таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки нисбат ба мафҳуми «раванди ҳуқуқӣ» ҳамчун категорияи умумиҳуқуқӣ фаҳмишҳои гуногуни илмӣ мавҷуд аст. Гарчанде мафҳуми «раванди ҳуқуқӣ» дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ васеъ истифода мегардад, то ба имрӯз мафҳуми ягона ва қонеъкунандаи он дар илм ҳанӯз ташаккул наёфтааст.

Як қатор муаллифон оид ба категорияи «шакли ягонаи мурофиавӣ» андешаҳои мухталиф баён кардаанд. Дар ин самт шакли ягонаи мурофиавӣ ва ҳам ҳуқуқи ягонаи мурофиавӣ, ки метавонад танзими тамоми масъалаҳои мурофиавии ҳуқуқиро дарбар гирад, вуҷуд надорад. Барои равшанӣ андохтан

[34] Панова И.В. Курс административно-процессуального права России. – М.: Юр. Норма, НИЦ ИНФРА-М, 2017. – С. 17.
[35] Ниг.: Ветрова А.А. Понятие и сущность гражданско-правовой ответственности / А.А. Ветрова // Научно-теоретический журнал «Философия права». – 2013. – №3 (58). – С. 22-24

ба ин масъала метавон оид ба мафҳуми умумии шакли мурофиавӣ, ҳамчунин доир ба мафҳуми умумии давлат сухан ронд[36].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ вазифаҳои ба ин монанд дар баррасии мафҳумҳои ягона ва ҷамъбастии категорияҳо, масалан назарияи масъулиятшиносии ҳуқуқӣ, назарияи ҳуқуқвайронкунӣ, мухолифат нисбати муносибати умумии фаҳмиши раванди ҳуқуқӣ ва ғайраҳо зиёданд.

Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар баррасии масъалаи муносибати умумӣ нисбати фаҳмиши раванди ҳуқуқӣ далелҳои асосии мухолифони он асосан дар он зоҳир мегардад, ки раванди ҳуқуқӣ ҳамчун падида вуҷуд надорад ва ҳамчунин чунин соҳаи ҳуқуқ мавҷуд нест.

Гурӯҳи дигар бошад, ба ҷудо гардидани раванд ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ва доштани предмети танзими ҳуқуқии он шубҳа доранд. Тарафдорони ин гурӯҳ чунин мешуморанд, ки раванди ҳуқуқӣ ин падида аст ва он дар ягон шароит наметавонад соҳаи ҳуқуқ бошад ва дорои предмети танзимнамоӣ бошад. Ҷавҳари назарияи умумии раванд гузориши чунин масъалаҳоро пешниҳод намекунад. Бо дарназардошти мавҷудияти назарияи умумии ҳуқуқи мурофиавӣ зарурият ба мавҷудияти соҳаи умумии ҳуқуқи мурофиавӣ нест[37].

Ин эрод ҷанбаи мустаҳками илмӣ дошта, метавон онро тарафдорӣ намуд. Муайян намудани раванди ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи воқеияти объективӣ то андозае нодуруст аст. Ин таҳлили илмӣ барои ифода намудани маҷмуи тамоми падидаҳои мавҷудаи воқеӣ аст, ки ягонагии онҳо на танҳо дар монандии қоидаҳо, балки дар ягонагии усулҳои мундариҷа ва мавҷудияти онҳо зоҳир мегардад, яъне раванди ҳуқуқӣ ин мафҳуми муттаҳидкунандаи абстраксияи илмии масъулияти ҳуқуқӣ, қобилияти ҳуқуқӣ, шахси ҳуқуқӣ ва ғайра мебошад.

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза нисбат ба шарҳи мафҳуми «раванди ҳуқуқӣ» баҳсҳои доманадор дар илми ҳуқуқшиносӣ идома дорад. Дар зинаҳои ибтидоӣ раванди ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ бо мурофиаи

---

[36] Ниг.: Сорокин В.Д. Юридическая процессуальная форма: теория и практика / Под ред. П.Е. Недбайло, В.М. Горшенева. – М., 1976. – С. 174.
[37] Ниг.: Протасов В.Н. Основы общеправовой процессуальной теории. – М., 1991. – С. 14.

судӣ ва низоми судӣ баррасӣ карда мешуд. Масалан, М.С. Строгович қайд менамояд, ки ҳуқуқи мурофиавӣ ин ҳуқуқи мурофиавии судӣ ва раванди ҳуқуқӣ ин мурофиаи судӣ, истеҳсолоти судӣ ба ҳисоб меравад[38].

Дар заминаи рушди илми ҳуқуқшиносӣ дигар назарияҳои раванди ҳуқуқӣ пайдо шуданд, ки мафҳуми мазкурро ба таври васеъ тасниф намудаанд. Аз тарафи намояндагони назарияи умумии ҳуқуқ, илми давлатӣ-ҳуқуқӣ ва ё ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ консепсияи фаҳмиши васеи раванди ҳуқуқӣ пешниҳод гардидааст. Мувофиқи он раванди ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти истифодаи ҳуқуқ на танҳо дар доираи меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва гражданӣ балки, соҳаҳои фаъолияти истифода ҳуқуқ, пеш аз ҳама, соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ, идоракунии давлатиро дарбар мегирад. Аз нуқтаи назари В.М. Горшенев бошад, воқеияти раванди ҳуқуқиро бо фаъолияти воқеии истифодаи ҳуқуқ новобаста аз соҳаҳои ҳуқуқ алоқаманд намудааст[39].

Он асосан ба фаҳмиши васеи раванди ҳуқуқӣ мувофиқ буда, бо фаъолияти мақомоти судӣ маҳдуд намегардад. Раванд худ мафҳуми васеъ буда, ба ғайр аз фаъолияти мақомоти судӣ, ҳамзамон амал ва фаъолияти ғайрисудиро низ фаро мегирад. Раванди ҳуқуқӣ тақозо менамояд, ки масъалаи муайяни ҳуқуқӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ ҳал гардида, ба натиҷаи муайян расонида шавад. Тасдиқи гуфтаҳои мазкур дар раванди интихоботӣ, ки намуди маъмул ва асосии раванди интихоботӣ мебошад, собит мегардад.

Раванди интихоботӣ яке аз шаклҳои раванди ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки омӯзиши он асосан аз тарафи муҳаққиқони соҳаҳои давлативу ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи конститутсионӣ ба роҳ монда шудааст.

Раванди интихоботӣ яке аз мафҳумҳои нисбатан васеи раванди ҳуқуқӣ буда, ба мафҳуми умумии хоси раванди ҳуқуқӣ тобеъ аст. Мо чунин мешуморем, ки барои муайяннамоии пурраи раванди интихоботӣ ҳамчун

---

[38] Ниг.: Полянский Н.Н., Савицкий В.М., Строгович М.С. и др. Проблемы судебного права / Под ред. В.М. Савицкого. – М., 1983. – С. 28.

[39] Ниг.: Горшенев В.М. Функции и содержание норм процессуального права по советскому законодательству / В.М. Горшенев // Проблемы правоведения. – Новосибирск, 1967. – №3. – С. 16-38.

намуди раванди ҳуқуқӣ сараввал мафҳум ва хусусиятҳои мафҳуми «раванди ҳуқуқӣ» бояд мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шавад.

Дар ин маврид ба андешаҳои олимони хориҷӣ такя намудан бамаврид мебошад. Чунончӣ, муҳаққиқ Р.Т. Биктагиров мафҳуми раванди интихоботиро ба маврид ва мувофиқи мақсад шарҳ додааст, ки аз ҷониби пажӯҳишгарони зиёд ҷонибдории худро ёфтааст[40].

Муҳаққиқи дигар С.Д. Князев мафҳуми раванди интихоботиро ба таври зайл арзёбӣ намудааст: «раванди интихоботӣ – ин на фаъолияти субъектҳои ваколатдор, балки низоми муносибатҳое мебошад, ки ба таври муташаккил дар алоқамандӣ ва пайдарҳамии муайян амалӣ мегардад»[41]. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки мафҳумҳои пешниҳодгардида ба таври маҷмуавӣ ва ҳаматарфа аломат ва хусусиятҳои раванди интихоботиро фаро гирифтаанд, онҳо ба таври мушаххас тамоми ҷанбаҳои ба раванд ва шаклҳои интихобот алоқамандро муайян намудаанд. Дар асоси ин, ду нуқтаи назарро метавон қайд намуд, ки раванди интихоботӣ ин давра ва марҳилаҳои алоҳида ва муайян мебошад, ки якдигарро иваз намуда, аз таъин гардидани рӯзи баргузории интихобот то эълони натиҷаҳои ниҳоиро дарбар мегирад. Агар Р.Т. Биктагиров дар мафҳуми муайяннамудаи худ ҷанбаҳо, ба монанди «фаъолияти мақсадноки субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ», «малӣ намудани ҳуқуқи субъективии конститутсионии шаҳрвандон», «интихоб кардан ва интихоб шудан» «ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ», «ваколатдоркунии мансабҳои интихобӣ»-ро ҳамчун марҳила ҷудо намуда бошад, пас С.Д. Князев тамоми марҳила ва давраҳои интихоботро «низоми муносибатҳо» медонад, ки дар алоқамандӣ ва пайдарпаӣ амалӣ мегарданд.

---

[40] Ниг.: Биктагиров Р.Т. Субъекты избирательного права России: теоретико-правовое исследование. Монография. – Казань: Школа, 2009. – С. 120-121. «Раванди интихоботӣ – ин фаъолияти мақсадноки субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ вобаста ба амалӣ намудани ҳуқуқи субъективии конститутсионии шаҳрвандон оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти интихоботии ҳокимият, ҳамчунин фаъолияти шаҳрвандон – интихобкунандагон дар ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ вобаста ба ваколатдоркунии мансабҳои интихобӣ аст, ки тавассути иҷрои амалҳо ва равандҳои интихоботӣ бо тартиб ва муҳлатҳои муайяни дар меъёрҳои мурофиавии қонунгузории интихоботӣ муқарраргардида амалӣ мешаванд».

[41] Князев С.Д. Избирательный процесс: понятие, особенности и структура / С.Д. Князев // Правоведение. – 1999. – №3. – С. 48.

Дар ин самт мафҳуми аз ҷониби А.М. Диноршоҳ ва С.М. Салоҳиддинова пешниҳодгардида диққатҷалбкунанда аст, ки моҳият ва мазмуни «раванди интихоботӣ» -ро шакли фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар бораи омоданамоӣ, ташкилнамоӣ ва баргузории интихобот бо қонунгузории дар боло қайдшуда пешбини намудаанд[42]. Албатта, дар муқоиса бо дигар мафҳумҳо, ин мафҳум нисбатан маҳдуд буда, тамоми ҷанбаҳо, аломатҳо ва хусусиятҳои раванди интихоботиро фарогир нест.

Ҳамин тариқ, дар таҷрибаи баргузории маъракаҳои интихоботӣ «раванди интихоботӣ» бо тартиби ташкил ва гузаронидани интихобот алоқаманд аст.

Дар шароити имрӯза қонунгузории аксарияти кишварҳо, аз он ҷумла қонунгузории Тоҷикистон, шарҳи илмии мафҳуми «раванди интихоботӣ» муқаррар нагардидааст.

Мафҳуми «маъракаи интихоботӣ» дар қонунгузории як қатор кишварҳо ва илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар доираҳои илмӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ» мафҳуми «маъракаи интихоботӣ» ҳамчун низоми чорабиниҳои ташвиқотӣ, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои мустақил бо мақсади таъмин намудани дастгирӣ аз ҷониби интихобкунандагон дар интихоботи қарибулвуқуъ гузаронида мешавад, муайян гардидааст[43].

Дар асоси ин, метавон қайд намуд, ки маъракаи интихоботӣ ин танҳо як марҳилаи муайяни раванди интихоботӣ аст ва наметавон онҳоро ҳамчун муродиф истифода намуд.

Бо вуҷуди ин, истифодаи ин мафҳум маънои рад ё эътироф накардани мафҳуми «раванди интихоботӣ»-ро ҳамчун категорияи илмӣ ва амалӣ надорад, зеро бе раванди интихоботӣ худи интихобот ва натиҷаҳои он ғайриимкон мегардад. Мутобиқан, ин мафҳум яке аз категорияҳои асосии илм ва амалияи гузаронидани интихобот боқӣ мемонад, ки мазмуну муҳтавои

[42] Ниг.: Диноршоев А.М., Салохиддинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан: Цикл лекции. – Душанбе, 2020. – С. 121-122.
[43] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ / Зери назари Имомов А.И. ва Диноршоев А.М. – Душанбе, 2013. – С. 279.

ҳуқуқии интихоботро ифода менамояд. Истилоҳи «маъракаи интихоботӣ» ва «раванди интихоботӣ» аз рӯйи мазмуну моҳият ба ҳам монанд нестанд, гарчанде дар илм ва амалияи ташкилу гузаронидани интихобот дар якҷоягӣ истифода шудаанд.

Маврид ба зикри хос аст, ки мафҳуми раванди интихоботӣ нисбат ба маъракаи интихоботӣ васеътар буда, моҳияти амал ва ҷараёнҳои ҳуқуқиро ки субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ дар раванди баргузории интихобот амалӣ менамоянд, ҳамзамон муайян намудани натиҷаҳои онро нисбат ба мафҳуми «маъракаи интихоботӣ» пурра ва дақиқ ифода менамояд.

Аз далелҳои дар боло қайдшуда бармеояд, ки истифодаи мафҳуми «раванди интихоботӣ» ҳамчун амали хусусияти мурофиавӣ дошта, дуруст аст. Як қатор муаллифон дар масъалаи ислоҳи қонунгузории интихоботӣ барои мустаҳкам намудани мафҳуми раванди интихоботӣ, ки фарогирӣ маҷмуи муносибатҳои интихоботӣ, ки дар раванди гузаронидани интихобот амалӣ мегарданд, муҳим арзёбӣ намудаанд[44].

Тавре зикр гардид, дар доираи илми муосир фаҳмишҳои мухталиф нисбати мафҳуми «раванди интихоботӣ» ҷорӣ гардидаанд. Дар доираи назару фаҳмишҳои аз тарафи муаллифон пешниҳодшуда навъҳои гуногуни мафҳуми падидаи мазкур пешниҳод карда шудааст.

Аввало, аксарияти онҳо мафҳуми «раванди интихоботӣ»-ро ҳамчун танзими ҳуқуқии фаъолияти пайдарпайи ҳамдигарро ивазкунанда дар тайёрӣ ва гузаронидани интихобот муайян намудаанд[45]. Тарафдорони ин нуқтаи назар қайд менамоянд, ки раванди интихоботӣ навъи раванди ҳуқуқӣ аст. Дар ин асос, метавон раванди интихоботиро ҳамчун марҳилаҳои пайдарпайи якдигарро ивазкунандаи тайёр ва баргузории интихобот баррасӣ намуд.

---

[44] Ниг.: Дамаскин О.В., Корчиго Е.В., Сеченова Р.Р. Избирательный процесс и электорально-правовая культура. – М.: Норма, 2005. – С. 40-42.

[45] Ниг.: Биктагиров Р.Ф. Субъект избирательного права Российской Федерации: конституционно-правовое исследование: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2010. – 24 с.; Веденеев Ю.А., Катков Д.Б., Корчиго Е.В. Избирательное право: учебник. – М.: Юриспруденция, 2001. – 156 с.; Маклаков В.В. Избирательное право и избирательные системы буржуазных и развивающихся стран. – М.: Изд-во ВЮ-ЗИ, 1987. – 245 с.; Цыбуляк С.И. Избирательный процесс: проблема определения понятия / С.И. Цыбуляк // Гос. власть и местное самоуправление. – 2009. – №5. – С. 167.

Ба ғайр аз ин, як қатор муаллифон мафҳуми раванди интихоботиро бо мафҳуми маъракаи интихоботӣ ҳамнавъ ҳисобидаанд[46]. Ба мазмуни васеъ маъракаи интихоботӣ ба иттилоотонию ҳавасманднамоӣ ва иштироки онҳо дар овоздиҳӣ равона гардида, дар давраи тайёрӣ ва ташкили интихобот амалӣ карда мешавад. Ба мазмуни маҳдуд марҳилаи алоҳидаи интихоботро ташкил дода, дар ҷараёни он ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ташвиқоти пешазинтихоботиро амалӣ намуда, интихобкунандагон бо номзадҳо ва барномаҳои пешазинтихоботии номзад ва ҳизби сиёсӣ шинос мегарданд. Қайд намудан бамаврид аст, ки маъракаи интихоботӣ ба усулҳои озодии ташвиқот, баробарии имконияти номзадҳо, шаффофият, бетарафии мақомоти ҳокимияти давлатӣ нисбат ба номзадҳо ва назорати хароҷоти маъракаи интихоботӣ асос меёбад.

Чуноне дар боло зикр гардид, тафовути мазмуни байни раванди интихоботӣ аз мафҳуми маъракаи интихоботӣ ҷой дорад. Далелҳои зеринро метавон барои тасдиқи ин мавқеъ истифода бурд:

– моҳиятан мафҳуми маъракаи интихоботӣ мафҳуми сиёсию иҷтимоӣ буда, истифодаи он барои ифодаи раванди ҳуқуқӣ, ки раванди интихоботӣ ҷузъи таркибии он ба ҳисоб меравад, беасос аст;

– раванди интихоботӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ мавҷуд буда, он нисбат ба мазмуни маъракаи интихоботӣ моҳияти амалу тартиботи ҳуқуқиро, ки субъектони ҳуқуқи интихоботӣ дар ҷараёни ташкилу гузаронидани интихобот ва муайян намудани натиҷаҳои он амалӣ менамоянд, таҷассум менамояд;

– маъракаи интихоботӣ марҳилаи муайянро ифода намуда, фарогири амалҳо ва тартиботи дахлдори интихоботӣ буда, наметавонад таҷассумгари мазмуни тартиботи сершумори ҳуқуқӣ, ки аз тарафи иштирокчиёни интихобот амалӣ мегарданд, ба ҳисоб равад;

– инчунин, мафҳуми маъракаи интихоботӣ фарогирандаи фаъолияти номзад, иттиҳодияҳои интихоботӣ, ки барои бадастории натиҷаи муайян дар

[46] Ниг.: Веденеев Ю.А., Катков Д.Б., Корчиго Е.В. Избирательное право: учебник. – М.: Юриспруденция, 2001. – С. 47.

интихобот аз рӯзи пешбарии номзад, рӯйхати номзадҳо то рӯзи пешниҳоди ҳисоботи молиявии номзад иштирок мекунанд, дарбар мегирад. Ифода намудани амалҳои гуногуни ҳуқуқӣ барои истифодаи як мафҳум вобаста ба мазмун, ҳаҷм ва замон нодуруст ва номуносиб аст.

Вобаста ба муҳлати он бошад дар қонунгузории давлатҳо гуногуни мушоҳида мегардад. Масалан, муҳлати маъракаи интихоботӣ бо меъёри санаи муайян пас аз эълони интихобот (Испания), таъин намудани интихобот (Полша), пешбарии номзад, ё рӯйхати номзадҳо (Федератсияи Россия), то гузаронидани интихобот (Туркия, Тоҷикистон) мувофиқ карда мешавад. Дар маҷмӯъ, маъракаи интихоботӣ як рӯз пеш аз марҳилаи овоздиҳӣ, ба итмом мерасад. Ба роҳ мондани маҳдудиятҳо дар амалӣ намудани ташвиқоти пешазинтихоботӣ ҳангоми овоздиҳӣ имконият медиҳад, ки таъсири таҳдиди «беруна» кам шавад ва ба интихобкунанда имконият дода шавад, ки интихоби мустақил ва санҷидашуда дошта бошад[47].

Дар ин самт ихтилофи назарро миёни ҳуқуқшиносон мушоҳида менамоем. Ба таври мисол, Ю.А. Дмитриев ва В.Б. Исраелян бар муқобили чунин монанднамоӣ баромад намудаанд, зеро муҳлати гузаронидани маъракаи интихоботӣ аз муҳлати ташкили раванди интихоботӣ фарқ дорад[48]. Мувофиқи ақидаи онҳо маъракаи интихоботӣ танҳо қисми таркибии раванди интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Тафовути нишондодашуда мувофиқи ақидаи ин олимон, ҳатто ба аломатҳои воқеии раванди интихоботӣ дахл надорад.

Дар баробари ин, дар фарзияҳои илмӣ чунин андеша низ мавҷуд аст, ки мувофиқи он раванди интихоботӣ ҳамчун низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки бо ташкил ва гузаронидани интихобот алоқаманд аст, муайян карда мешавад[49].

---

[47] Ниг.: Васильева Т.А. Избирательная компания / Большая российская энциклопедия [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://bigenc.ru/law/text/3270593 (санаи мурочиат: 25.10.2020).
[48] Ниг.: Дмитриев Ю.А., Исраелян В.Б. Избирательное право: учебник. – М.:Юстицинформ, 2008. – С. 54.
[49] Ниг.: Авакьян С.А. Конституционное право. Методическое руководство к семинарам. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1996. – С. 9.

Онҳо қайд менамоянд, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои алоҳида муттаҳид мешаванд, лекин пайдарпайии онҳо қатъӣ нест[50].

Ҳамин тариқ, марҳилавӣ будани раванди интихоботӣ ба ақидаи онҳо хос нест. Бо ин мазмун, дар фаҳмиши васеъ раванди интихоботӣ аз мафҳуми низоми интихоботӣ фарқияте надорад. Дар алоқамандӣ бо ин, чунин муносибатро нисбат ба раванди интихоботӣ – муносибати низомнок меноманд.

Раванди интихоботиро метавон низоми меъёрҳои мурофиавӣ номид, чунки он тартиби ташкил ва баргузории интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллиро танзим менамояд[51]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аксарияти меъёрҳои қонунгузории интихоботӣ на хусусияти моддиву ҳуқуқӣ, балки хусусияти мурофиавӣ доранд. Чунин фаҳмиши раванди интихоботиро дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ муносибати меъёрӣ ном мебаранд.

Метавон қайд намуд, ки он табиати маҷмуавии (комплексии) раванди интихоботӣ эътироф карда мешавад. Дар ин ҳолат, раванди интихоботиро метавон ҳамчун шакли ҳуқуқии танзими ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ тавассути гузаронидани интихобот тасниф кард. Дар доираи фаҳмиши мазкур раванд на танҳо марҳилаҳо, балки фаъолияти меъёрэҷодкунӣ ва амалисозии ҳуқуқ дар ҷараёни гузаронидани интихоботро дарбар мегирад[52].

Ҳамин тариқ, дар асоси ин андешаронихо оид ба раванди интихоботӣ як қатор муаллифон, ба монанди А.В. Зиновев ва И.С. Полякова, раванди интихоботиро аз унсурҳои мухталиф ба мисли мурофиавӣ ва меъёрӣ иборат медонанд[53]. С.Д. Князев бошад унсурҳои субъективӣ, технологӣ ва

---

[50] Ниг.: Ахлюстин В.А. Избирательный процесс в Российской Федерации (проблемы теории, правового регулирования и правоприменения): дис. ... канд. юрид. наук. – М.; СПб., 2002. – С. 123.
[51] Ниг.: Белов С.А. Избирательная система как правовой институт. – СПб.: Изд. Дом С-Петерб. гос. ун-та, 2005. – С. 61.
[52] Ниг.: Серков С.В., Серков В.А. К вопросу о понятии голосования и его роли в избирательном процессе Российской Федерации / Особенности реализации избирательного законодательства на современном этапе. – Тюмень: Вектор Бук, 2007. – С. 110.
[53] Ниг.: Зиновьев А.В. Полякова И.С. Избирательная система России: теория, практика и перспективы. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. – С. 78.

институтсионалии онро муайян намудаанд[54]. Дар сарчашмаҳои илмии ҳуқуқӣ чунин мавқеъро нисбати раванди интихоботӣ муносибати омехта меноманд.

Дар ин ҷо нуқтаи назари мурофиавӣ ва маҷмуавӣ ба пуррагӣ нишонаҳои раванди интихоботиро таҷассум намекунад, вале муносибати меъёрӣ дар фаҳмиши анъанавии раванд асос ёфта, аломатҳои мухталифи раванди интихоботиро таҷассум менамояд.

Умуман, раванди интихоботӣ ҳамчун низоми муносибатҳои моддӣ, мурофиавӣ, сиёсӣ, маъмурӣ, молиявӣ ва иттилоотии ба ҳам алоқаманд мебошад, ки дар пайдарҳамии муайян амалӣ гардида, бо татбиқи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон, тайёрнамоӣ ва баргузории интихобот вобастагӣ дорад[55].

Бо дарназардошти сарчашмаҳои ҳуқуқӣ метавон гуфт, ки раванди интихоботӣ унсури иҷтимоии бисёрҳадафа буда, хусусиятнок будани онро нишон медиҳад. Ин хусусиятҳо имконият медиҳанд, ки он аз падидаҳои иҷтимоии баҳам монанд ҷудо карда шавад. Аз ин лиҳоз, дар сарчашмаҳо ва адабиётҳои ҳуқуқӣ ба масъалаи муайяннамоии хусусиятҳои ин фаъолият диққати махсус равона карда шудааст. Хрусталев Е.Н. ба ин масъала диққати хосса дода, хусусиятнок будани раванди интихоботиро пешниҳод намудааст:

– пеш аз ҳама бо фаъолияти иштирокчиёни ваколатдор муайян карда мешавад, яъне чунин фаъолият ба Конститутсия такя намуда, унсури муҳимми сохтори конститутсионӣ ба ҳисоб меравад;

– таркиби раванди интихоботӣ аз марҳилаҳои пайдарпай ва ба ҳам алоқаманд, ки ҳар яке дорои таъиноти муайян мебошанд;

– асоси фаъолияти иштирокчиёни онро меъёрҳои Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳад;

---

[54] Ниг.: Князев С.Д. Курс лекций по избирательному праву и избирательному процессу Российской Федерации. – Владивосток: Изд-во Дальневост. гос. ун-та, 2001. – С. 98.
[55] Ниг.: Агаев А.М. Избирательный процесс в Российской Федерации: Конституционно-правовое исследование: монография. – Казань: «Идея-Пресс», 2012. – С. 287.

– он марҳилавӣ буда, дар алоқамандӣ ва пайдарпай амалӣ мешавад. Ҳар як марҳила аз амалҳои муайян иборат аст, ки аз тарафи субъектҳои ваколатдор амалӣ карда мешаванд.

Хусусиятҳои зикргардидаи раванди интихоботӣ имконият медиҳад, ки он ҳамчун амали субъектҳои ваколатдор муайян карда шавад. Амалҳои зикршуда аз марҳилаҳои пайдарпай ва алоқаманд иборат буда, ба ташкилу гузаронидани интихобот дар заминаи меъёр ва усулҳои демократии ҳуқуқи интихоботӣ равона шудааст.

Асоси раванди интихоботиро ғояҳои зерини хуқуқи интихоботӣ ташкил медиҳанд:

– умумият;

– баробарӣ;

– бевосита;

– овоздиҳии пинҳонӣ;

– иштироки ихтиёрӣ дар интихобот;

– баробарии тамоми иштирокчиёни раванди интихоботӣ;

– ошкорбаёнӣ ва ғайраҳо[56].

Дигар махсусияти муҳимми раванди интихоботӣ ин бо меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавӣ танзим намудани он мебошад. Воқеан, истилоҳи «раванд» худ баёнгари танзими муносибатҳои мазкур тавассути меъёрҳои мурофиавӣ аст. Ҳамзамон, дар сатҳи илми муосир андешаҳо нисбат ба ҷой доштани меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ дар танзими муносибатҳои марбут ба раванди интихоботӣ мавҷуд аст. Чунончӣ, Д.М. Худолей зикр мекунад, ки қисми махсуси қонунгузории интихоботӣ, ки моҳиятан раванди интихоботиро ифода менамояд, ки дорои меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ мебошад[57].

Бо дарназардошти ин мо чунин меҳисобем, ки раванди интихоботӣ тавассути танҳо меъёрҳои мурофиавӣ танзим гардида, мазмунан ба татбиқи

---

[56] Ниг.: Хрусталев Е.Н. Избирательный процесс в России: понятие и стадии / Е.Н. Хрусталев // Правоведение. – 1998. – №2. – С. 33.

[57] Ниг.: Худолей Д.М. Понятие избирательного процесса / Д.М. Худолей // Вестник Пермского университета. – 2015. – №2 (28). – С. 21.

меъёрҳои моддӣ, ки дар қонунгузории интихоботӣ муайян гардидааст, равона мегардад. Агар дар доираи он меъёрҳои моддӣ амал намояд, пас табиати категорияи «раванд» бахсталаб боқӣ мемонад. Дар ҳама маврид дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ, аз ҷумла раванди интихоботӣ, асоси танзими ҳуқуқии онро меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавӣ ташкил медиҳад.

Раванди амалишавии ҷомеа дар шаклҳои гуногун, ба монанди равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ амал менамояд. Бо қабул ва истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ давлат ба ин равандҳо таъсир расонида, онҳоро ба танзим медарорад. Ҳамин тариқ, раванди интихоботӣ ҳамчун воситаи танзими муносибатҳо, ки дар ҷомеа дар самти ташкил ва гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ пайдо мешаванд, баромад менамояд.

Дар ин замина метавон қайд намуд, ки он дорои таъиноти мақсаднок буда, ба ташаккули мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ваколатдоркунии шахсони интихобгардида мебошад. Он худ ба худ амалӣ нашуда, аз ҷониби субъектҳои асосӣ ва ёрирасонӣ ҳуқуқи интихоботӣ амалӣ карда мешавад.

Бо дарназардошти аломат ва хусусиятҳои раванди интихоботӣ унсурҳои таркибии ташкили ҳокимиятро аз нуқтаи назари сиёсию ҳуқуқӣ баҳо дод. Метавон гуфт, ки дар ҷомеаҳои демократию ҳуқуқбунёд ду шакли амалишавии муносибатҳои ҳокимиятии конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ мавҷуд аст:

– муносибатҳои ҳуқуқии байни шаҳрванд-интихобкунанда ва давлат, ки дар алоқамандӣ бо амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии интихоб шудан ё интихоб намудан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ пайдо мешаванд. Ҳуқуқи конститутсионии мазкур на танҳо дар доираи овоздиҳӣ, метавонад дар марҳилаҳои мухталифи тайёрӣ ва гузаронидани интихобот амалӣ гардад;

– дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар раванди интихобот амалӣ мегардад, байни халқ ва давлат пайдо мешавад, ки объекти он ваколатдоркунии ҳокимиятии мақомоти давлатӣ ва маҳаллии интихобгардида аз тарафи халқ ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимият ба ҳисоб меравад. Озод будани интихобот

ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқро ифода намуда, сарчашмаи он Конститутсия мебошад.

Ёдовар бояд шуд, ки бе раванди интихоботӣ ташаккули демократияи намояндагӣ ғайриимкон аст, зеро метавон аз тариқи низоми муносибатҳои ҳуқуқии интихоботӣ роҳи демократии ташкили ҳокимиятро дар асоси интихоботи рақобатпазир таъмин намуд[58].

Дигар таносуби мантиқӣ ва амалии раванди интихоботӣ аз дигар намудҳои раванди ҳуқуқӣ оммавӣ будани он мебошад. Усули мазкур имкон медиҳад, ки раванди интихоботӣ нисбат ба дигар намудҳо дорои сатҳи баланди оммавият аст[59]. Дар робита ба ин, агар ба субъектони дигари низоми ҳуқуқӣ аз ҷумла, мурофиаи ҷиноятӣ, граждани ва маъмурӣ назар намоем, он фарогири якчанд шахси ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ аст. Дар раванди интихоботӣ бошад ҳамаи шаҳрвандон, сохторҳои мухталифи давлатӣ ва ҷамъиятӣ – субъектони ҳуқуқи интихоботӣ иштирок менамоянд. Сатҳи баланди оммавият моҳиятан ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон ҳамчун ҳуқуқи дастаҷамъона аст, яъне ташкилу баргузории интихобот бо иштироки шахсони мушаххас ва алоҳида наметавонад, ки созгор гардад. Тавре зикр гардида буд, интихобот чорабинии сиёсӣ аст, дар заминаи он мақомоти ҳокимияти давлатӣ ташаккул меёбад ва шарти асосии он изҳори иродаи тамоми аҳли ҷомеа, яъне иштироки шаҳрвандон бо роҳи овоздиҳӣ мебошад.

Боиси зикр аст, ки раванди интихоботӣ аҳаммияти ҳуқуқиву сиёсӣ дошта, аз дигар равандҳои дар ҷомеа буда бо хусусиятҳои таъсисдиҳию ваколатдоркунӣ мавқеи назаррас дорад. Илова бар ин, дар сарчашмаҳои мухталифи ҳуқуқӣ раванди интихоботӣ ҳамчун инфрасохтори технологӣ ва шакли амалӣ намудани усулҳои конститутсионии ташкили интихоботи даврагии озод ва дар доираи талаботи муқарраркардаи қонун таъмини ҳуқуқи

[58] Ниг.: Избирательное право и избирательный процесс в Российской Федерации: учебник для вузов / Отв. ред. А.А. Вешняков. – М.: Изд-во НОРМА, 2003. – С. 273.
[59] Ниг.: Дамаскин О.В., Корчиго Е.В., Сеченова Р.Р. Избирательный процесс и электорально-правовая культура. – М., 2005. – С. 59.

интихоботии шаҳрвандон дар марҳилаҳои ба ҳам алоқаманди пайдарпай тасниф шудааст[60].

Дар асоси чунин андешарониҳо ва нуқтаҳои назари дар илми ҳуқуқии муосир ҷойдошта метавон чунин аломатҳои хоси онро муайян намуд:

– фаъолияти махсуси давлатӣ мебошад, ки ба амалӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ равона карда шудааст;

– дорои субъектҳои ба худ хос – субъекти ваколатдори давлатӣ

– ҳокимиятӣ мебошад, ки фаъолияти мурофиавиро амалӣ менамоянд;

– тавассути меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавӣ танзим мегардад;

– дар доираи марҳилаҳои муайян сурат мегирад.

Дар консепсияи нисбатан васеи раванди интихоботӣ моҳияти мафҳуми мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар он бунёди сохтори дохилии он, бо ҷудо намудани унсурҳои субъективӣ, технологӣ ва институтсионалӣ пешниҳод карда шудааст. Ба унсури субъективӣ иштирокчиёни раванди интихоботӣ, ки ҳуқуқ ё масъулияти ворид гардидан ба муносибатҳои ҳуқуқии интихоботиро доранд, дохил мешаванд. Доираи васеи субъектҳои инфиродӣ ва коллективии ҳуқуқи интихоботӣ, шуруъ аз интихобкунандагон то иштирокчиёни ёрирасони раванд ба ин унсур шомил мегарданд.

Раванди интихоботӣ ин фаъолияти мақсадноки субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ оид ба амалӣ гардидани ҳуқуқи субъективии конститутсионии шаҳрвандон дар интихоб намудан ва интихоб гардидан ба мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ, аз як тараф ва фаъолияти ҳокимиятии шаҳрвандон – интихобкунандагон оид ба ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, инчунин ваколатдоркунии шахсони мансабдори интихобӣ, аз тарафи дигар, ки тариқи иҷро намудани амалҳо дар тартиб ва муҳлатҳо, ки бо меъёрҳои мурофиавии қонунгузории интихоботӣ пешбинӣ шудаанд, ба ҳисоб меравад.

Раванди интихоботӣ падидаи динамикӣ ба ҳисоб меравад, ки дар вақт ва фазои муайян амалӣ мегардад. Қувваи пешбарандаи он иродаи ҳуқуқии

[60] Ниг.: Пылин В.В. Избирательное и референдумное право Российской Федерации. – СПб., 2003. – С. 176.

субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ мебошад, ки мақсади он бадастории натиҷаи муайяни сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ва таҷдиду қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Раванди интихоботӣ пеш аз ҳама фаъолияти дигаргунсозанда аст. Раванди интихоботӣ фаъолияти истифодакунии ҳуқуқ буда, дорои хусусиятҳо ва мустақилият мебошад, ки яке аз навъҳои раванди ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, он бо бадастории шаклҳои мувофиқи танзими мурофиавии раванди ташаккули мақомоти давлатӣ алоқаманд аст.

Моҳияти интихобот ва ҳуқуқи интихоботӣ аз муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки дар ҷомеа ташаккул ёфтаанд, бармеояд. Аз ин рӯ, метавон қайд намуд, ки фаъолияти мушаххас ва муносибатҳои мавҷуда дар ҷомеа ба ҳам алоқаманд мебошанд. Дар ин самт алоқамандии раванди интихоботӣ ва равандҳои сиёсӣ муҳим аст.

Раванди сиёсӣ фарогири фаъолияти сиёсии тамоми иштирокчиёни муносибатҳои сиёсӣ, ки аз мувофиқати нерӯҳои сиёсӣ бармеояд, мебошад, ки дар ниҳояти кор бо мубориза барои ҳокимият, нигоҳ доштан ва иштирок дар амалӣ намудани он алоқаманд аст. Ҷанбаи муҳимми раванди сиёсӣ интихобот ба ҳисоб меравад. Интихобот дорои хислати бисёрфунксионалӣ буда, ҳамчун воситаи фаъолгардии аҳолӣ баромад менамояд, ки алоқаи ҷавобиро миёни шаҳрвандон ва мақомоти интихоботӣ ба роҳ монда, метавонад ба рушди демократия мусоидат намояд.

Ҳуқуқи интихоботӣ танҳо дар шароит ва муҳити солими рақобатпазири созгор, ки моҳиятан гуногунандешӣ ва нерӯҳои сиёсиро тақозо мекунад, имконпазир аст. Фаъолияти озоди ҳизбҳои сиёсӣ ва пешбарии озоди шахсони дахлдор (шаҳрвандони ҶТ, ки ба талаботи қонунгузории интихоботӣ ҷавобгӯ мебошанд) ба ҳайси номзад ба мансаби интихобӣ маҳаки муҳимтарини ташкили қонунии интихобот маҳсуб меёбад.

Вазифаи асосии интихобот муайян намудани ҳизб ва шахсоне мебошад, ки сиёсати давлатӣ ва идоракунии давлатиро дар тамоми ҳудуди кишвар ва дар сатҳи маҳаллӣ амалӣ менамоянд. Аз сарчашмаҳои илмӣ бармеояд,

интихобот ҳамчун унсури демократӣ ба шаҳрвандон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ имконияти баробари иштирок дар идораи корҳои давлатӣ фароҳам меорад ва ё роҳҳи ҳалли ҳамагуна манфиатҷӯию муноқишаҳо баромад менамояд[61].

Дар иртибот бо вазифаҳои ҳуқуқи интихоботӣ муаллифони хориҷӣ зикр намуданд, ки ҳуқуқи интихоботӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин равона мегардад:

– ташаккули парламент, ки самтҳои асосии афкори ҷамъиятии интихобкунандагонро таҷассум менамояд;

– ташаккули ҳукумати устувор, ки ба иродаи аксарияти интихобкунандагон мувофиқ аст;

– интихоби намояндагоне, ки сифатҳои шахсии онҳо барои иҷроиши вазифаҳои идоракунӣ мувофиқ аст[62].

А.А. Белкин қайд менамояд, ки «маҳсули» раванди интихоботӣ, пеш аз ҳама, ҳайати намояндагон ва дигар мансабҳои интихоботӣ мебошад. Вобаста ба ин муаллиф натиҷаи раванди интихоботиро ба се қисми таркибӣ ҷудо менамояд:

– субъектҳои муайян бо хусусиятҳои шахсӣ ва мансубияти ҳизбиву сиёсӣ;

– самти сиёсати ҳукумат, яъне маҷмуи барнома ва лоиҳаҳо, ки ба таври дақиқ дар муҳлатҳои алоҳидаи фаъолияти парлумон фарқ менамоянд ва институтҳои асосии кишварро дигаргун намекунанд;

– тағйири институтҳои асосии давлатӣ ва ҳуқуқӣ, ки тариқи парлумони нав ташаккулёфта ба даст оварда мешавад[63].

Таҳлили масъалаи раванди интихоботӣ нишон медиҳад, ки дар сарчашмаҳои илмӣ равиши яктарафа муайян шудааст, яъне бо марҳилаҳои он маҳдуд гардидааст. Воқеан, асоси раванди интихоботиро марҳилаҳои он, ки мазмунан ифодагари раванд мебошанд, ташкил медиҳад, аммо мо бар он назар

[61] Ниг.: Никифоров А.Л. Деятельность, поведение, творчество / Деятельность: теории, методология, проблемы. – М., 1990. – С. 52-69.
[62] Ниг.: Лейкман Э., Ламберт Д. Исследование мажоритарной и пропорциональной избирательных систем. – М.: Иностранная литература, 1958. – С. 18.
[63] Ниг.: Белкин А.А. Избирательный процесс / А.А. Белкин // Вестн. Санкт-Петерб. Ун-та. – 1993. – Сер. 6. – №4 (№27). – С. 96.

ҳастем, ки раванди интихоботӣ бо марҳилаҳои он як дониста намешаванд. Марҳилаҳои раванди интихоботӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини раванди мазкур аст. Илова ба ин, раванди интихоботӣ фаррох буда, дигар масъалаҳоро ба монанди муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба падидаи интихобот алоқамандӣ дорад. Дар доираи он, моҳият ва табиати раванди интихоботӣ, ҳолати ҳуқуқии субъектони он низ муҳим арзёбӣ мегарданд. Бинобар ҳамин, марҳилаҳои раванди интихоботӣ яке аз масъалаҳои маркавии он ба ҳисоб рафта, дар радифи он дигар масъалаҳо ҳам барои созгор гардидани раванди мазкур хусусияти муҳим доранд.

Бо дарназардошти хусусияти марҳилавии раванди интихоботӣ андешаҳои зиёд вобаста ба хусусияти пайдарҳамии он ҷой дорад. Ҳамзамон, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хусусияти марҳилавӣ барои аксарияти марҳилаҳои раванди интихоботӣ хос нест. Як қатор амалҳои интихоботӣ, ки дар марҳилаҳои гуногун бояд амалӣ шаванд, дар як ҳолат иҷро карда мешаванд, масалан, пешбарии номзадҳо, бунёди хазинаҳои интихоботӣ, таъин намудани намояндагон дар комиссияҳои интихоботӣ, амалӣ намудани ташвиқоти пешазинтихоботӣ ва ғ.

Иштироки доираи васеи субъектҳо дар раванди интихоботӣ хусусияти дигари он ба ҳисоб меравад. Ин субъектҳо дар вақти мухталиф метавонанд ба раванди интихоботӣ ворид ва аз он хориҷ гарданд. Пешбарии номзадӣ ва амалӣ намудани тарғибу ташвиқот аз ҷониби номзад нисбат ба номзадони дигар пештар ё баъдтар сурат мегирад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди интихоботӣ ягона набуда, маҷмуи ҷараёну амалҳои мухталиф аст, ки дар як ҳолат барои ҳар як номзад мавҷуд аст.

Тарафдорони ин назария барои рафъи мухолифатҳо кӯшиш намудаанд, ки ду мафҳум – маъракаи тайёрнамоии интихобот ва маъракаи интихоботии номзадро аз ҳам фарқ кунанд. Аз ҷониби К.В. Краснов ин масъала таҳлилу баррасӣ шуда, чунин асоснок намудааст[64].

[64] Ниг.: Краснов К.В. Субъект избирательного процесса в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 10. Маъракаи интихоботӣ оид ба гузаронидани интихобот дорои тамоми хусусиятҳои раванди ҳуқуқӣ аст, лекин маъракаи номзад ва ҳизбҳо чунин хусусиятҳоро доро намебошад. Ӯ чунин

Аз ҷониби Ю.А. Дмитирев бошад ба таври пурра ин нуқтаи назар инкор карда шудааст[65].

Воқеан, мафҳуми маъракаи интихоботӣ оид ба гузаронидани интихобот мафҳуми васеътар буда, раванди интихоботиро метавон ҷузъи таркибии он ҳисобид. Маъракаи интихоботӣ оид ба гузаронидани интихобот мазмунан ташкилу баргузории интихоботро ифода менамояд. Дар ин маврид андешаи Ю.А. Дмитриевро метавон тарафдорӣ кард, ки дар доираи маъракаи мазкур баъзе амалҳо метавонад то раванди интихоботӣ сурат гирифта, мантиқан васеъ будани маъракаи интихоботӣ оид ба гузаронидани интихоботро тасдиқ менамояд.

Раванди интихоботӣ сохтори ба худ хос дошта, ки он дар раванди ҳуқуқии тайёрнамоӣ ва гузаронидани интихобот намоён мегардад. Дар аксар сарчашмаҳои илмӣ се унсури муҳимтаринро муайян намудаанд, ки сохтори дохилии онро ташкил медиҳад ва мо низ ин мавқеъро ҷонибдорӣ менамоем. Инҳо унсурҳои субъективӣ, технологӣ ва институтсионалӣ мебошад.

Иштирокчиёни раванди интихоботӣ унсури субъективии онро ифода намуда, дорандаи ҳуқуқу уҳдадориҳо дар ҷараёни интихобот мегарданд.

Унсури технологии раванди интихоботӣ муҳлат ва расмиётҳоро дар раванди интихобот ифода менамояд. Воқеан, интихобот ин маъракаи сиёсӣ аст ва нисбат ба он меъёрҳои императивии ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст, ки дар доираи он муҳлат ва расмиётҳои дахлдор аҳаммияти хос доранд. Риояи муҳлат ва расмиётҳо хусусияти қатъӣ дошта, дар акси ҳол чораҳои ҷавобгарии дахлдори ҳуқуқиро ба бор меорад.

Таркиби институтсионалии раванди интихоботиро марҳилаҳои тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ташкил менамояд. Маҷмуи муносибатҳо, ки дар вақт

---

мешуморад, ки раванди интихоботӣ ин ду қисмати алоҳидаро дар бар мегирад, аз ин хотир дорои хусусиятҳои махсус мебошад.

[65] Ниг.: Дмитриев Ю.А., Исраелян В.Б. Избирательное право: учебник. – М.: Юстицинформ, 2008. – С. 87. Ӯ чунин мешуморад, ки маъракаи интихоботӣ оид ба гузаронидани интихобот ва раванди интихоботӣ ба ҳам монанд нестанд. Аксарияти амалҳои интихоботӣ то огози маъракаи интихоботӣ амалӣ карда мешаванд. Илова бар ин, худи маъракаи интихоботӣ, ки аз ҷониби комиссияи интихоботӣ амалӣ карда мешавад, аз хусусиятҳои раванд маҳрум аст, зеро қонунгузорӣ иҷозат медиҳад, ки комиссияи интихоботӣ амалҳоро аз марҳилаҳои мухталифи раванд пиёда намояд.

ва муҳлати муайян ба татбиқи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон ва дигар иштирокчиёни интихобот равона шудааст марҳилаи раванди интихоботӣ тавсиф шудааст. Бо дарназардошти ин, ҳар як марҳила аз марҳилаи нисбатан хурд таркиб ёфта, аз маҷмуи амалҳо ва расмиёти интихоботӣ иборатанд, ки барои расидан ба ҳадафи мушаххас равона карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, раванди интихоботӣ – категорияи мураккаб ва гуногунҷабҳаи ҳуқуқи интихоботӣ ва амалияи интихобот ба ҳисоб меравад, ки тамоми давраҳо ва марҳилаҳои маъракаи интихоботиро муттаҳид менамояд. Ҳарчанд истилоҳи мазкур дар қонунгузории ҶТ муқаррар нашудааст, аммо дар он мафҳуми маъракаи интихоботӣ мавриди истифода қарор гирифтааст[66], ки он то андозае мафҳуми раванди интихоботиро дар худ таҷассум менамояд. Тавре қайд намудем, маъракаи интихоботӣ оид ба гузаронидани интихобот мафҳуми васеъ аст ва раванди интихоботиро дар худ фаро мегирад. Бинобар ҳамин, ба назари мо дар қонунгузории интихоботии кишвар зарурияти муқаррар намудани мафҳуми раванди интихоботӣ ба миён омадааст, ки ба фаҳмиши расмӣ ва дуруст ва тафовути он аз дигар падида ва масъалаҳои интихоботӣ мусоидат менамояд. Бо дарназардошти ин чунин мафҳуми муаллифии раванди интихоботӣ пешниҳод мегардад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани он мувофиқи мақсад аст. «Раванди интихоботӣ – ин фаъолият ва амали мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, комиссияҳои интихоботӣ ва дигар шахсон мебошад, ки бо риояи расмиётҳои дахлдор бо мақсади ташкил ва баргузор намудани интихоботи мақоми интихоботӣ равона мегардад».

## 1.2. Табиати ҳуқуқии усулҳои раванди интихоботӣ

Яке аз унсурҳои марказӣ дар фаҳмиши мазмун ва табиати раванди интихоботӣ «усул» ба ҳисоб меравад, ки дар заминаи онҳо раванди интихоботӣ асос меёбад. Бо дарназардошти маъниҳои мазкур метавон усули

---

66 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 июли соли 1994, №1042 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 12.10.2021).

ҳуқуқи интихоботиро ба сифати асоси амалан татбиқ намудани он муайян кард. Маҳз, онҳо тамоми паҳлуҳои ҳуқуқи интихоботиро инъикос намуда, хислати мунтаззамиро вобаста ба падидаи мазкур таъмин мекунанд. Халалдор гардидани усулҳо, ҳаққонӣ ва қонунӣ будани интихоботро зери шубҳа қарор медиҳад[67].

Мафҳумҳои «усулҳои ҳуқуқи интихоботӣ» ва «усулҳои раванди интихоботӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ, хусусан илми ҳуқуқи конститутсионӣ ҷой дорад ва вобаста ба таносуби онҳо андешаҳои баҳсталаб зиёданд. Масъалаи таносуби усулҳои ҳуқуқи интихоботӣ ва раванди интихоботӣ аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд. Бояд гуфт, ки дар қонунгузории ҶТ андоза ва меъёри фарқкунандаи усулҳои ҳуқуқи интихоботӣ ва раванди интихоботӣ нишон дода нашудааст. Аз ин лиҳоз, ҷудо намудани онҳо каме душвор аст, зеро як доираи муайяни усулҳоро метавон ҳамчун усулҳои ҳуқуқи интихоботӣ ва усулҳои раванди интихоботӣ баррасӣ намуд. Мо бар он назарем, ки усулҳои ҳуқуқи интихоботи умумӣ, баробар, мустақим ва овоздиҳии пинҳонӣ ва дигар усулҳое, ки дар раванди гузаронидани он истифода мешаванд, ҷой доранд. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки дар адабиёти ватанӣ фаҳмиши ягонаи мафҳумҳои «принсип» ва «усул»[68] истифода мегардад ва вобаста ба фаҳмиши илмии онҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмӯи ғояҳои роҳбарикунанда ҳамчун усул истифода гардидааст.

Ҳамзамон, дар робита ба он дар як қатор санадҳои байналмилалӣ аз ҷумла, дар Маҷмуи меъёрҳои тавсиявии гузаронидани интихобот», ки аз тарафи Шурои интихоботи демократии Ассамблеяи Парламентии Шурои Аврупо, бахши усулҳо «Усулҳои роҳбарикунандаи нисбат ба интихобот» ва зербахши он «Усулҳои умумиаврупоӣ дар соҳаи интихобот» муқаррар карда шудааст. Ин омилҳо ба усулҳои умумиаврупоӣ дар соҳаи интихобот ҳуқуқи

[67] Ниг.: Ҳомидов Х. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷӣ. Қисми умумӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2013. – С. 129-130.
[68] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе, 2017. – С. 420.

интихоботи озод, баробар, овоздиҳии пинҳонӣ, бевосита ва даврагӣ будани интихобот марбутанд[69].

Аз таҳлили санадҳои байналмилалии болозикр бармеояд, ки барои ташкили мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ қисме аз усулҳо ба таври умумӣ ба ҳуқуқи интихоботӣ ва қисми дигари он бошад ба раванди интихоботӣ алоқаманд аст. Бояд тазаккур дод, ки дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ усулҳои интихобот дар маҷмуъ муайян гардидаанд ва ба таври мушаххас усулҳои раванди интихоботӣ мустаҳкам нагардидааст. Дар робита бо ин, бо дарназардошти мазмун ва табиати ҳуқуқи интихоботӣ ва раванди интихоботӣ усулҳои онҳо бояд аз ҳамдигар тафовут дошта, дар алоҳидагӣ эътироф карда шаванд. Тасдиқи ин гуфта дар сарчашмаҳои илмӣ низ инъикоси худро ёфтааст[70].

Усулҳои раванди интихоботӣ аз мазмуни қонунгузории интихоботӣ бармеояд ва ҳамчун намуди алоҳидаи раванди ҳуқуқӣ бештар ба усулҳои махсус такя менамояд. Бо вуҷуди ба таври мушаххас барои раванди интихоботӣ муқаррар нагардидани усулҳо, аз мазмуни умумии қонунгузории интихоботии кишвар онҳо аён мегарданд. Бо дарназардошти он, ки раванди интихоботӣ намуди маъмули раванди ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад, усулҳои онро метавон бе ягон шакку шубҳа дар умум ҳамчун намуди усулҳои раванди ҳуқуқӣ арзёбӣ намуд, ки дар доираҳои илмӣ низ чунин андеша дастгирӣ ёфтааст[71].

Андешаҳои илмӣ роҷеъ ба усулҳои интихоботӣ, махсусан ташкилу баргузории он, зиёд ба назар мерасад. Бахусус дар яке аз сарчашмаҳои илмӣ чунин усулҳои ташкил ва гузаронидани интихобот муайян гардидааст, ки он қобили таваҷҷуҳ аст:

---

[69] Международные избирательные стандарты: сб. документов [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.venice.coe.int/webforms/documents/default.aspx?pdffile=CDL–AD(2002)023rev2–cor–rus (санаи муроҷиат: 17.06.2022).

[70] Ниг.: Баландин В.Н., Павлушина А.А. Принципы юридического процесса. – Тольятти, 2001. – С. 28.

[71] Ниг.: Амаскин О.В., Корчиго Е.В., Сеченова Р.Р. Избирательный процесс и электорально-правовая культура. – М.: Норма, 2005. – С. 59; Биктагиров Р.Т. Субъект избирательного права России: теоретико-правовое исследование. – Казань: РИЦ «Школа», 2009. – С. 110.

– рақобатпазирии номзадҳо;

– ташкили ҳудудии интихобот[72];

– мутобиқати буҷа ва маблағгузории хусусии интихобот;

– озодии маъракаи интихобот;

– дастрасии баробар ба номзадҳо;

– иттиҳодияҳои интихоботӣ ба воситаҳои ахбори омма;

– бетарафӣ дар маъракаи интихоботии мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ ва мансабдорон;

– назорати ҷамъиятӣ нисбати раванди омодагӣ ва гузаронидани интихобот;

– ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани қонунгузории интихоботӣ ва ҳуқуқҳои субъектҳои раванди интихоботӣ[73];

– рақобатпазирии интихобот;

– масъулияти иштирокчиёни раванди интихоботӣ;

– муайян кардани салоҳият байни субъектҳои раванди интихоботӣ;

– ҳимояи судии ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон[74];

– баробарии иттиҳодияҳои интихоботӣ[75];

– қонуният;

– татбиқи истеҳсолоти интихоботӣ танҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдор;

– муттасилии татбиқи расмиёти интихобот;

– хусусияти ҳуҷҷатии муайян кардани натиҷаҳои интихобот ва натиҷаҳои овоздиҳӣ[76] ва ғ.

Усулҳои мазкур ба таври мушаххас ва бо дарназардошти ҳар як марҳилаи интихоботӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба он муайян гардидаанд. Дар умум,

---

[72] Ниг.: Матейкович М.С. Проблемы правового регулирования выборов в органы государственной власти субъектов Российской Федерации : автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Тюмень, 1998. – С. 11.

[73] Ниг.: БиктагировР.Т., Кинзягулов Б.И. Курс современного избирательного и референдумного права России. – Т. 1. – Уфа, 2007. – С. 61-62.

[74] Ниг.: Юсов С.В., Манжинская Н.Г. Избирательное право и избирательный процесс : учебник для вузов. – Ростов н/Д : Изд-во СКНЦ ВШ ЮФУ, 2008. – С. 23-56.

[75] Ниг.: Головин А.Г. Избирательное право России: курс лекций. – М.: Норма, 2007. – С. 143.

[76] Ниг.: Кукушкин М.И., Югов А.А. Понятие и структура избирательного процесса / М.И. Кукушкин, А.А. Югов // Выборы и референдумы. – 1998. – №1. – С. 16.

усулҳои тинтихобот хусусан усулҳои ташкил ва баргузор намудани он дар заминаи усулҳои конститутсионии ҳуқуқи интихоботи умумӣ, баробар, мустақим ва овоздиҳии пинҳонӣ амалӣ мегардад.

Бо дарназардошти табиати хос доштани раванди интихоботӣ зарурати муайян намудани усулҳои он пеш меояд. Таҳлили қонунгузории амалкунанда оид ба интихобот имконият медиҳад, ки усулҳои зерини раванди интихоботӣ ҷудо карда шаванд:

– танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ;

– қонуни будани амалӣ субъектҳои раванди интихоботӣ;

– ошкорбаёнӣ дар раванди интихоботӣ;

– муттасилӣ, пешрафт ва марҳилавӣ будани раванди интихоботӣ;

– баробарии субъектҳои раванди интихоботӣ;

– ба расмият даровардани натиҷаҳои ҷорӣ ва ниҳоии интихобот;

– имконияти бо тартиби судӣ ва маъмурӣ шикоят овардан;

– беғаразии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо.

Барои ошкор намудани мазмуну муҳтавои ҳар яке аз ин усулҳо онҳоро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

1. Танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ, марҳилаҳои он, амалҳои алоҳидаи интихоботӣ, тайёрӣ ва гузаронидани интихобот дар асоси муқаррароти қонунгузорӣ сурат мегирад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии раванди интихоботиро Конститутсияи ҶТ, Қонунҳои конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ», «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ», «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур дар маҷмӯаи меъёрҳои худ марҳилаҳои асосии раванди интихоботӣ ба монанди ташаккули заминаҳои ташкиливу технологии интихобот, пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо, тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон, ташвиқоти интихоботӣ, ташкили овоздиҳӣ,

ҳисобкунии овозҳо, муайян намудани онҳо тариқи воситаҳои ахбори умум бахшида шудаанд.

Ҳоло низоми нисбатан мукаммали қонунгузории интихоботии ҶТ ташаккул ёфтааст ва раванди такмили он идома дорад. Он тавассути ворид гардидани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории интихоботии кишвар такмил дода мешаванд ва он ба шароити муосири ҷомеа ва рушди давлат мутобиқ кунонида мешаванд. Бо вуҷуди он ки Конститутсияи ҶТ сарчашмаи тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқи интихоботӣ ба ҳисоб меравад, дар он усулҳои умумии ҳуқуқи интихоботӣ муқаррар шудааст.

Самаранокии танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ бо баланд бардоштани шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, шахсони мансабдор ва шуури ҳуқуқии тамоми ҷомеа алоқаманд аст. Маврид ба зикр аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва тарғибу ташвиқоти ҳуқуқӣ гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ аҳаммиятнок аст. Аҳаммиятнок будани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар сатҳи маҳалҳо то ба имрӯз ба таври нокифоя технологияҳои иттилоотиву ҳуқуқӣ таъмин карда шудаанд.

Санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар маҷмуаи он муносибатҳои ҷамъиятии бо интихобот ва раъйпурсӣ алоқаманд мавҷуд аст, низоми қонунгузории интихоботро ташкил медиҳад. Ба ин низоми қонунгузорӣ Конститутсияи ҶТ, қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, Қарорҳои Ҳукумат, санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, оинномаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, санадҳои ҳуқуқии комиссияҳои интихоботӣ дохил мешаванд.

Қонунгузорӣ оид ба раванди интихоботӣ бошад, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки шаклҳои амалӣ намудани ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандонро ҷиҳати ташаккули мақомоти интихоботии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо ташаккули мақомоти намояндагӣ ва интихоби дигар шахсони мансабдор алоқаманд аст, танзим менамояд.

Мавзуи танзими ҳуқуқии меъёрҳои интихоботӣ усулҳои гузаронидани интихобот, тартиби ташаккули комиссияҳои интихоботӣ, усулҳои фаъолияти комиссия, тартиби пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба интихобот ба ҳисоб меравáнд.

Мутахассиси илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ А. Имомов дар робита ба мавзуи баррасишаванда қайд менамояд, ки меъёрҳои ҳуқуқи интихоботӣ асоси конститутсионӣ доранд ва таркиби онҳоро муносибатҳои хислатан гуногунранг, ки аз қонунгузории интихоботӣ бармеоянд, ташкил медиҳад[77].

Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки усули танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ тибқи қонунгузорӣ амалӣ гардида, як қатор қоидаю нишондод ва муқарраротро вобаста ба раванди интихоботӣ муқаррар менамояд.

Ин маънии онро дорад, ки «Усули танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ» мазмунан тибқи қонунгузорӣ амалӣ гардида, қоидаҳо, нишондодҳо ва муқарраротро вобаста ба раванди интихоботӣ муқаррар менамоянд.

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ дар самти танзими меъёрии раванди интихоботӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Мақоми мазкур дар доираи ваколатҳои худ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва қабул намуда, равандҳои алоҳидаро дар интихобот ба таври мушаххас муқаррар менамояд, ки ин низ мазмунан усули танзими ҳуқуқии раванди интихоботиро ифода менамояд. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ»[78] мақоми номбурда санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро дар шакли қарор қабул менамояд, ки дастаҷамъона сурат мегирад ва санадҳои қабулнамудаи мақоми мазкур дар заминаи санадҳои қонунгузории кишвар (Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва ғ.) таҳия ва қабул карда мешавад.

---

[77] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 465. Меъёрҳои ҳуқуқи интихоботӣ барои муқаррар ва таҳкими ин муносибатҳо пешбинӣ шудаанд: муайян намудани доираи ашхосе, ки ҳуқуқи интихоб кардан ва ҳуқуқи интихоб шуданро доранд; муайян намудани усулҳои асосии интихоботи демократӣ, ки риоя намудани онҳо шарти ошкоро баргузор гаштан ва озодона ифода кардани иродаи интихобкунандагон мебошад; танзими тартиби ташкил, баргузор ва ҷамъбаст кардани интихобот; танзими муносибатҳои субъектони ташкил ва гузаронидани интихобот; муайян кардани муносибати интихобкунандагон бо номзадҳо ба вакилӣ мебошад.

[78] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АМОҶТ. – 1995. – №21. – мод. 245; – 2001. – №4. – мод. 212; – 2008. – №12. – қ.1. – мод. 983; – 2018. – №7-8. – мод. 520.

Таҷрибаи қабули санадҳои мақоми мазкур шаҳодат медиҳад, ки дар таносуб бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои интихоботӣ, онҳо раванди интихоботиро ҳамаҷониба ва ба таври мушаххас танзим намудаанд, ки дар татбиқи усули танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ нақши муҳим доранд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон ба хотири таъмини самараноки танзими раванди интихоботӣ зарур аст, ки санади ягонаи маҷмуии ҳуқуқӣ қабул карда шавад. Андешаҳо оиди ҳолати мазкур аз ҷониби олимони ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ зиёд ба назар мерасад. Аз ҷумла, А. Имомов ҷонибдори он аст, ки тамоми муносибатҳои алоқаманд ба ташкилу гузаронидани интихобот ҷамъ ва дар шакли санади ягона Қонуни конститутсионӣ ё Кодекси интихоботӣ аз роҳи тағйиру илова ворид намудан ба Конститутсияи ҶТ қабул карда шавад[79].

Вобаста ба масъалаи мазкур Б.С. Гадоев дар таҳқиқоти илмии худ қайд мекунад, ки муносибатҳои интихоботиро дар ҶТ муфассалтар ба танзим даровардан зарур аст[80].

Таҷрибаи қонунгузории интихоботии давлатҳои пасошуравӣ нишон медиҳанд, ки дар онҳо санади ягонаи мураттабгардида, яъне кодекси интихобот таҳия ва қабул гардидаанд. Дар кодексҳои номбурда унсурҳои таркибии интихобот барои ташкилу баргузории интихоботи мақоми интихоботии ҳама сатҳҳо танзими худро ёфтаанд. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Белорус, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва ғ. чунин намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуд аст. Дар кишвари мо бошад санади ягонаи танзимкунандаи интихобот

---

[79] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 467. Ӯ қайд менамояд, ки ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқии ба интихоботи Президенти ҶТ, интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ ва интихоботи вакилони Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи дахлдор муттаҳид карда шаванд.

[80] Ниг.: Гадоев Б.С. Тенденции развития высших форм непосредственной демократии в Республике Таджикистан Конституционно-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С. 27-28. Дар ин маврид ӯ пешниҳод мекунад, ки аз қонунҳои конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ», «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ», «Дар бораи интихоботи маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», «Дар бораи раъйпурсии ҶТ» ва қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот» меъёрҳои танзимкунандаи мақом, салоҳият ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ ва комиссиҳои оид ба гузаронидани раъйпурсӣ хориҷ ва Кодекси комиссияҳои интихоботии (раъйпурсии) Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад.

мавҷуд набуда, бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида (Президенти ҶТ ва вакилони халқ) амал мекунанд.

Аз ҷониби олимони ватанӣ низ баъзе андешаҳо роҷеъ ба кодификатсия намудани қонунгузории интихоботӣ пешниҳод гардидааст. Мо низ андешаи мазкурро дастгирӣ мекунем, ки қонунгузории интихоботӣ кодификатсия карда шуда, дар доираи он тамоми интихоботи шахсони дахлдор муқаррар ва танзим гардида, баъзе мушкилиҳо ва муаммоҳо бо ин роҳ бартараф ва ҳал гардида, дар шакли санади ягонаи мураттабгардида, яъне Кодекси интихоботии ҶТ таҳия карда шавад.

Вобаста ба ин, таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки барои самаранок намудани танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ дар аксарияти кишварҳо чунин таҷриба ба роҳ монда шудааст. Бо ин роҳ мухолифати камбудиҳо, ки дар қонунҳои алоҳидаи интихоботӣ ҷой дорад, дар ҳолати муттаҳид намудан бартараф карда мешаванд.

2. Усули дигари раванди интихоботӣ қонунӣ будани амалҳои субъектҳои раванди интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Бешубҳа, қонунӣ будан талаботи ҳатмии фаъолияти мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад, лекин мазмун ва моҳияти «қонунӣ будан» дар назарияи илми ҳуқуқ ягона нест, ки он хусусияти гуногунҷабҳаро дар худ касб менамояд.

Қонуният ва манъи дахолати ғайриқонунӣ ба раванди интихоботӣ, яъне раъйдиҳии оммаи мардум бояд озод ва шаффоф бошад, он тарзе амалӣ гардад, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун сурат гирад.

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ зери мафҳуми «қонунӣ будан», чун қоида, иҷро ва риояи бемайлону амиқи қонун ва дар маҷмуъ санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда аз тарафи шаҳрвандон, шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ ва созмону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад[81]. Ин омил мазмунан ифодагари усули қонуният аст, ки ҳамчун усули умумиҳуқуқӣ муайян гардидааст. Усули мазкур новобаста аз доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳида ба роҳбарӣ гирифта шуда, дар такя ба муқаррароти

[81] Ниг.: Юридический энциклопедический словарь / Под ред. А.Я. Сухарева. – М., 1984. – С. 101.

қонунгузорӣ амал карданро аз иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ талаб менамояд. Ин амал бевосита ба иштирокчиёни раванди интихоботӣ дахл дошта, фаъолияти онҳоро бо талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории интихоботӣ муайян менамояд.

Дар таҳқиқотҳои олимони варзида мафҳуми «қонуни будан» аз риоя ва иҷрои муқаррароти қонун бармеояд, яъне маҷмуи тартиботи ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҷамъиятии бо қонун ҳифзшаванда моҳияти онро ифода мекунад[82].

Илова бар ин, дар илми ҳуқуқшиносӣ андешаҳое мавҷуданд, ки фаҳмиши васеи қонунӣ буданро нишон медиҳанд. Мувофиқи ин андешаҳо қонуният ҳамчун падидаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ки раванди такмили шакли давлатӣ-ҳуқуқии ташкили ҷомеа ва амалинамоии ғояи адолати иҷтимоиро тариқи риоя ва иҷрои ҷиддӣ ва бемайлони қонунгузории амалкунандаро инъикос менамояд, амал менамояд[83].

Дар ҷараёни интихобот қонуни будани амалҳо маҳаки асосӣ ба ҳисоб рафта, шарти асосии самаранок ва дуруст баргузор намудани ин чорабинии сиёсӣ шумурда мешавад. Қайд бояд намуд, ки тамоми паҳлуҳои ташкилу баргузории интихобот дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ сурат мегирад. Дар ин раванд кам ҳолатҳое чун одат ва анъанаҳо мавҷуд аст, ки дар ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ нагардидаанд. Ин асосан аз табиати императивӣ доштани танзими муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба интихобот мебошад. Бинобар ҳамин, интихобот пурра дар доираи қонунгузорӣ роҳандозӣ мегардад ва шарти босубот гардидани он ин ба роҳбарӣ гирифтани ҳар як меъёри муқаррарнамудаи қонунгузории кишвар мебошад.

Дар иртибот бо қонунӣ будани амалҳои иштирокчиёни раванди интихоботӣ ҳама самтҳои марбут ба интихоботро метавон ибрози назар

---

[82] Ниг.: Александров Н.Г. Законность и правонарушения в социалистическом обществе. – М.: Госюриздат, 1955. – С. 68; Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность (очерк теории). – М.: Юрид. лит., 1976. – С. 118; Рабинович П.М. Упрочение законности закономерность социализма: Вопросы теории и методологии исследования. – Львов: Вища шк.; Изд-во при Львов. Ун-те, 1975. – С. 121-122; Бахрах Д.Н. Вопросы законности в государственном управлении / Д.Н. Бахрах // Правоведение. – 1992. – №3. – С. 4.

[83] Ниг.: Завидов Б.Д. Комментарий к Закону о судоустройстве РСФСР (постатейный) / Под ред. В.-С. Анохина, И.Г. Заздравных; науч. ред. Н.П. Курцев. – М.: Юстицинформ, 2003. – С. 18.

намуд. Чунончӣ, ҳангоми баҳогузорӣ ба қонунӣ будани қарорҳову амалҳои комиссияҳои интихоботӣ, ки тибқи қонунгузории амалкунанда сурат мегиранд ва амалӣ намудани ваколатҳои худ дар доираи қонун ифода карда мешавад. Қабули қарорҳо ва баамал баровардани амалҳои муайян тақозо менамояд, ки он бо тартиби пебининамудаи қонунгузорӣ амалӣ карда шавад.

Қарорҳо ва амалҳои комиссияи интихоботӣ, ки ба қонунгузории амалкунанда мухолифат доранд ё берун аз доираи ваколатҳо қабул карда шудаанд, бояд бекор кард шаванд. Ваколати бекоркунии қарор ё амали ғайриқонунии комиссияи интихоботиро мақоми болоӣ ё суд дорад. Агар ҳолати мазкур аз ҷониби комиссияҳои поёнӣ сурат гирад, комиссияи интихоботии зинаи болоӣ ҳуқуқ дорад, нисбат ба масъалаи мазкур қарори дахлдор қабул намояд ё маводҳои зарурииро барои баррасии такрорӣ ба комиссияи зинаи поёнӣ ирсол намояд.

Илова бар ин, усули мазкур тақозо менамояд, ки амал ва қарорҳои иштирокчиёни раванди интихоботӣ ба меъёрҳои қонунгузорӣ ва тартибу қарорҳои қабулкардаи субъектони ташкилкунандаи интихобот аз ҷумла, комиссияҳои интихоботӣ мутобиқат кунад.

Ғайр аз ин, усули қонунӣ будан бо сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсии субъектон маҳдуд намегардад. Он доираи васеи тарзу воситаҳои бо қонун пешбинишударо дарбар мегирад. Бо муқаррар намудани намудҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани қонунгузории интихоботӣ, ташкили комиссияҳои интихоботӣ, мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо, ба охир нарасида доираи фаъолияти назорати ҷамъиятии дигар иштирокчиёни ин фаъолият амал ва қарорҳои иштирокчиёни раванди интихоботӣ, намояндагони воситаҳои иттилоотӣ, мушоҳидон ва аъзоёни комиссияҳои интихоботӣ, шахсони боэътимод ва дигар субъектҳо, ки ваколати назоратиро доранд, ба ҳисоб меравад[84].

[84] Ниг.: Игнатенко В.В. Конституционно-правовая ответственность в избирательном процессе / В.В. Игнатенко // Акад. юрид. журн. – 2002. – №3 (9). – С. 19.

Қонунгузории интихоботӣ салоҳияти баргузории интихоботро ба зиммаи мақомоти машваратии махсусгардонидашуда комиссияҳои интихоботӣ вогузор намудааст, ки он беҳтарин усул ба шумор рафта, аз ҳар гуна дахолати беасосу ғайриқонунӣ дар раванди интихоботӣ ҳифз менамояд.

Мақомоти номбурда на танҳо ба манфиаҳои гурӯҳҳию синфӣ балки, тамоми манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандони инфиродиро ҳифз ва таъмин менамояд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки дар доираи қонун тамоми амал ва фаъолияти худро ба роҳ монанд, то ин ки усули қонуният таъмин ва иҷро карда шавад. Ҳамин тариқ, ба комиссияҳои интихоботӣ масъулияти таъмини қонунӣ будани тамоми равандҳои интихоботӣ, аз қабили қонунӣ будани натиҷаҳои он, мақомоти интихобшуда ва шахсони мансабдор вогузор карда шудааст.

Фаъолияту босамару қонунии онҳо боис мегардад, ки эътимоду боварии ҷомеа, шаҳрвандон ва аҳолии маҳал нисбат ба ҳар як маъракаи ташкилу гузаронидани интихоботи даврагию озод вобаста ба ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мансабҳои интихобӣ зиёд гардад. Метавон қайд намуд, ки комиссияҳои интихоботӣ ягона субъекте мебошад, ки дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои интихоботӣ дорои ваколатҳои ҳокимияти ташкили раванди интихобот ба ҳисоб меравад.

3. Ошкорбаёнӣ дар раванди интихоботӣ аз хусусияти ҷамъиятии интихобот ва аз қарору амалҳои интихоботӣ, ки бо он алоқаманд мебошанд, бармеояд. Ин усул дар моддаҳои алоҳидаи қонунгузории интихоботии ҶТ муқаррар карда шудааст. Боз метавон қайд намуд, дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун ба нашр расонидани қарорҳои комиссияҳои интихоботӣ, мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва дигар субъектон дар раванди интихобот ҳатмӣ мебошад.

Дар ин самт оммавият ва озод будани раванди интихоботиро ҳамчун заминаи муҳимми интихоботи шаффоф ва демократӣ метавон қайд намуд. Маълум аст, ки ташаккули демократия бевосита ба иттилоотонӣ ва маълумотнокии ҳуқуқии шаҳрвандон алоқаманд аст, ки дар чунин шароит

тадбирҳои мустаҳкамкунандаи оммавият ва озод будани раванди интихоботӣ бояд ҳамаҷониба ва пурра тибқи қонунгузории интихоботӣ таъмин карда шаванд.

Интихоботи ҳақиқӣ ва воқеӣ ба интихобкунандагон имконият медиҳад, ки интихоби воқеӣ ва муносиб намоянд. Гуногунандешии сиёсӣ бояд ба таври қонунӣ аз тарафи давлат тариқи қабули қонунгузории муайян мавриди таъмин ва ҳимоя қарор мегирад. Инчунин, зарур аст, ки маблағгузории адолатнок ва шаффофияти маъракаҳои интихоботӣ пешбинӣ карда шавад. Шарти муҳимми интихоботи озод иттилоотонии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Барои воқеӣ будан интихобот бояд райъи сиёсии халқро таҷассум намояд. Мусаллам аст, ки ба иттилоот оид ба номзадҳо, ҳизбҳо ва раванди интихоботӣ дастрасӣ надоштан, интихобкунандагон наметавонанд ин райъи сиёсиро ташаккул ва ифода намоянд.

Бо дарназардошти муҳим ва аҳаммиятнок будани усули ошкорбаёнӣ дар тамоми раванди интихоботӣ ҳуҷҷатҳо ва стандартҳои байналмилалӣ меъёрҳоро бобати татбиқи унсурҳо ва усулҳои давлати демократӣ муқаррар намудаанд. Яке аз ин ҳуҷҷатҳои сатҳи байналмилалӣ ин Эъломия дар бораи меъёрҳои интихоботи озод ва адолатнок буда, он чунин меъёрҳоро вобаста ба ошкорбаёнӣ дар раванди интихоботӣ муқаррар намудааст[85]:

– муқаррар ва мустаҳкам намудани равандҳо ва институтҳои демократӣ ухдадории умумии ҳукумат, интихобкунандагон ва нерӯҳои сиёсии муташаккил ба ҳисоб меравад. Интихоботи доимӣ ва воқеӣ унсури зарурӣ ва ҳатмии дастгирӣ намудани саъйу кӯшишҳо дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон шуморида мешавад;

– пуррагии ҳокимият танҳо бо раъйдиҳии халқ таъмин мегардад, ки дар интихоботи воқеӣ, озод ва адолатнок, ки ба таври даврӣ дар асоси овоздиҳии баробар ва пинҳонӣ ташкил мегардад, ифода шудааст;

– ҳар як шаҳрванд ҳақ дорад дар интихобот бидуни табъиз овоз диҳад;

[85] Ниг.: Бондарь Н.-С. Конституционные пробелы или конфликты как отражение социальных противоречий: в контексте практики Конституционного Суда РФ / Н.-С. Бондарь // Экономический вестник Ростовского государственного университета. – 2010. – Т. 8. – №1. – С. 70-79.

– шаҳрванд танҳо ё дар якҷояги̇ бо дигарон ҳуқуқ дорад ақидаҳои сиёсии худро ба таври озод иброз намояд, иттилоотро пайдо ва дастрас намояд ва интихоби асоснок намояд;

– ба таври озод дар тамоми ҳудуди кишвар ҳаракат намуда, дар маъракаи пешазинтихоботӣ иштирок намояд[86].

Ҳамзамон, дар сатҳи илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ низ андешаҳои муҳим вобаста ба усули ошкорбаёнӣ ҷой дорад. Чунончӣ, олими шинохта А. Имомов қайд менамояд, ки интихобот озоду ошкоро ва бе фишору таҳдид дар доираи қолабҳои демократӣ ташкил ва ҷамъбаст гардад. Ҳамзамон, таъкид менамояд, ки иродаи халқ поя, асос ва қудрати ҳукумат бошад ва ин ирода бояд дар интихоботҳои даврӣ ва ғайриқаллобона ифода ёбад. Маҳз вакили дар интихоботи озод ва ошкоро интихобшуда ва мақомоти намояндагии бо ин усул ташкилёфта салоҳияти қонунӣ дорад[87].

Ҳамин тариқ, усули ошкоро дар раванди интихоботӣ дар қонунгузории интихоботии кишвар пешбинӣ гардидааст, ки риояи ҳатмии онҳо қонунӣ будани раванди интихоботиро таъмин намуда, ба ҳар як шаҳрванд имконият медиҳад, ки дар раванди интихоботӣ фаъолона ширкат намояд. Усули мазкур дар қонунҳои конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» (м.4)[88], «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» (м.6)[89] ва «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» (м.8)[90] муқаррар гардидааст, ки тибқи онҳо тамоми марҳилаҳои интихобот ба таври шаффоф ва ошкоро сурат мегирад, ки мантиқан таъминкунандаи интихоботи демократӣ мебошад.

---

[86] Ниг.: Бондарь Н. – С. Конституционные пробелы или конфликты как отражение социальных противоречий: в контексте практики Конституционного Суда РФ / Н.-С. Бондарь // Экономический вестник Ростовского государственного университета. – 2010. – Т. 8. – №1. – С. 70-79.

[87] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 460-461.

[88] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АШОҶТ. – 1994. – №13. – мод. 195; АМОҶТ. – 1999. – №9. – мод. 238; – 2005. – №12. – мод. 626; – 2018. – №2. – мод. 60; – №9-10. – мод 580; – 2019. – №7. – мод. 459.

[89] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АМОҶТ. – 1999. – №12. – м. 296; – 2004. – №7. – м. 451; – 2007. – №5. – м. 352; – 2008. – №10. – м. 797; – 2012. – №8. – м. 811; – 2014. – №3. – м. 140; – №7. – қ.1. – мод. 382; – 2017. – №7-9. – мод. 562; – 2018. – №2. – мод. 61; – 2019. – №7. – мод. 460.

[90] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» // АМОҶТ. – 1999. – №12. – мод. 298; – 2007. – №5. – мод. 353; – 2012. – №8. – м. 813; – 2014. – №7. – қ.1. – мод. 383; – 2014. – №11. – мод. 640; – 2017. – №5. – мод. 269; – 2019. – №7. – ст. 461.

4. Усули муттасилӣ, пешрафт ва марҳилавӣ будани раванди интихоботӣ риояи ҷиддии нақшаи тақвимии маъракаи интихоботиро пешниҳод менамояд, ки аз тарафи комиссияи интихоботӣ дар асоси амалҳо ва мӯҳлатҳои гузаронидани онҳо мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ оид ба интихоботи мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ тасдиқ карда мешавад.

Усули мазкур бо нақшаи раванди интихоботӣ алоқаманд буда, аз иҷрои амалҳои пайдарпай иборат аст. Он марҳилавӣ аз таъини интихобот то муайян ва нашри натиҷаҳои интихобот аз тарафи комиссияи интихоботӣ, ки интихоботро ташкил намудааст, фаро мегирад. Дар раванди интихоботӣ амалу ҷараёнҳои якхела ба ҳам муттаҳид гашта, марҳилаи алоҳидаро ташкил медиҳанд ва барои раванди интихоботӣ пайдарпай амалишавии марҳилаҳо, ки қонунгузории интихоботӣ мураттаб муқаррар кардааст, хос мебошад.

Вайрон гардидани хусусияти марҳилавии интихобот, ба дигар сана гузаронидани интихоботи мувофиқи қонун банақшагирифташуда риоя нагардидани стандартҳои байналмилалии интихоботӣ шуморида мешавад. Ҳолати истисноӣ метавонад танҳо эълон намудани вазъияти фавқулода ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат давлат бояд заминаҳои ҳуқуқие дошта бошад, ки ба таври дақиқ ва саҳеҳ шароит, тартиботи эълон намудани вазъияти фавқулодаро дошта, дар ин асос чорабиниҳои маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳоро муқаррар намояд. Ҳамин тариқ, вазъияти фавқулода танҳо мувофиқи қонун эълон шуда, ба роҳ мондани чунин вазъият дар алоқамандӣ бо вазъияти фавқулодаи ҷамъиятӣ, ки ба ҳаёти шаҳрвандон ва авзои ҷомеа таҳдид менамояд, роҳ дода мешавад.

5. Усули баробарии субъектҳои раванди интихоботӣ, ки аз лиҳози ҳуқуқӣ баробар будани субъектҳои мазкурро ифода мекунад. Дар ин самт алоқаи байни усули раванди интихоботӣ ва ҳуқуқи интихоботӣ мушоҳида карда мешавад. Аз мазмуни он бармеояд, ки дар раванди интихоботӣ бо дарназадошти аломат ва дигар омилҳо ҳуқуқи ҳеҷ як субъекти якхелаи онро маҳдуд намуд, зеро онҳо дорои ҳуқуқҳои баробар мебошанд.

Баробарии тамоми номзадҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро дар ин раванд қонунгузории интихоботии ҶТ муқаррар карда, як қатор ҳолатҳои истисноиро пешниҳод менамояд, ки бо синну соли номзадҳо алоқаманд аст.

Баробарии ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти раванди интихоботӣ ва баробарии тамоми номзадҳо, раванди ягонаи пешбарии номзадҳо ва шароити ягонаи ташвиқоти пешазинтихоботӣ барои тамоми номзадҳо ва ҳизбҳо, маблағгузории маъракаҳои интихоботӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ, пешниҳоди ҳуқуқҳои баробар ба тамоми номзадҳо, баробарии озодии ташвиқоти пешазинтихоботӣ, имкониятҳои баробари дастрасӣ ба воситаҳои ахбори умум новобаста аз шакли моликияти онҳо, ки имконияти амалӣ намудани ташвиқоти пешазинтихоботиро дар шаклҳои бо истифода аз воситаҳои гуногун, ки бо Конститутсия ва қонунгузории интихоботии кишвар мухолифат намекунад, дар раванди интихоботӣ аҳаммияти махсусро касб менамоянд. Ин усул дар татбиқи арзишҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мусоидат намуда, яке аз шартҳои муҳимтарини бунёди чунин давлат ба шумор меравад.

6. Усули ба расмият даровардани натиҷаҳои ҷорӣ ва ниҳоии раванди интихоботӣ якҷоя бо муҳлати маъракаи интихоботӣ унсури технологии раванди интихоботиро ташкил менамоянд. Моҳияти ин усул дар мавҷудияти хаттии натиҷаҳо ё ҷараёни муайяни амалҳои интихоботӣ зоҳир мегардад. Ба расмият надаровардани ҳуҷҷатҳо қолабҳои демократии баргузории интихоботро ғайриимкон мегардонад ва беэътирофии ин ё он амалро дар раванди интихоботӣ, махсусан дар суд ва идораҳои маъмурӣ, дар баррасии баҳсҳои интихоботӣ ба миён меорад.

Аз ин рӯ, аҳаммияти ҳуҷҷатҳо дар раванди ташкилу баргузории интихобот ба таври хос зоҳир мегардад. Бе ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба роҳ мондани раванди интихоботии муосир ва таъмини қонуниятмандии он ғайриимкон аст.

Маврид ба зикри хос аст, аз тарафи субъектҳои раванди интихоботӣ дар ҷараёни ташкилу гузаронидани интихобот ҳуҷҷатҳои зиёд тартиб дода мешавад. Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳои тибқи талаботи қонунгузории марбут ба

интихобот масъулияти иштирокчиёни раванди интихоботиро ҷиҳати мустаҳкамнамоии расмию ҳуқуқии онро талаб менамоянд. Ба таври мисол, як қатор амалу ҷараёнҳо дар марҳилаи ташаккули асосҳои ташкилию технологии интихобот бо тартиби муқаррааргардида амалӣ карда мешавад. Пеш аз ҳама, дар ин давра тасдиқи нақшаи ҳавзаҳои якмандата ва бисёрмандатаи интихоботӣ, қарор оиди таъсиси ҳавзаҳои интихоботӣ, оид ба таъин намудани ҳайати комиссияҳои интихоботӣ, тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон ва ғ. ба роҳ монда мешавад.

Дар марҳилаи ниҳоии интихобот бошад як қатор ҳуҷҷатҳо ба монанди бюллетенҳои интихоботӣ, протоколҳои комиссияҳои интихоботӣ оид ба натиҷаи овоздиҳӣ дар ҳудудҳои мухталиф, ки аз тарафи комиссияи интихоботӣ тартиб дода мешаванд, аҳаммияти хоссаро касб менамоянд.

7. Имконияти бо тартиби судӣ ва маъмурӣ шикоят овардан аз амал ва қарорҳои ҳар як иштирокчии раванди интихоботӣ барои усули демократии раванди интихоботӣ дорои аҳаммияти зарурӣ аст. Ин усул масъулияти тамоми иштирокчиёни раванди интихоботиро баланд менамояд, зеро он воситаи самараноки ҳуқуқии шаффофияти раванди интихоботӣ буда онҳоро аз қарорҳо ва амалҳои шубҳанок огоҳ менамояд.

Дар рафти ташкил ва гузаронидани интихобот барои вайрон намудани муқаррароти қонунгузории интихоботии ҶТ имконияти шикоят кардан пешбинӣ шудааст ва як қатор ҷавобгарӣ аз ҷумла, ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионӣ барои риоя накардани қонунгузории интихоботӣ муқаррар карда шудааст.

Тартиби пешниҳод ва баррасии даъво ва аризаҳо, андозаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо, ки бо интихобот алоқаманд мебошанд, ҳам дар қонунгузории интихоботӣ ва ҳам дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, маъмурӣ муқаррар карда шудаанд.

8. Беғаразии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, судҳо, корхонаҳо, идораҳо ва ташкилотҳо, роҳбарони онҳо, ки бояд талаботи қонунро ба роҳбарӣ гиранд ва ба манфиатҳои корӣ ё

сифатҳои шахсии номзадҳо ва дигар субъектҳои раванди интихоботӣ диққат надиҳанд, пешниҳод менамояд.

Усули беғаразӣ дар алоқамандӣ бо шаффофияти ташкил ва баргузории интихобот алоқаманд буда, тақозо менамояд, ки ягон хел таъсиррасонии субъективӣ ва омилҳои дигари таъсиркунанда ба ин раванд ба миён наояд. Дигар ҷиҳати усули мазкур дар он ифода мегардад, ки дар заминаи он амалҳои коррупсионӣ дар чунин раванд пешгирӣ карда мешавад ва ба таври қонунӣ фаъолият намудани шахсони дахлдор мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ намудҳои гуногуни усулҳои раванди интихоботӣ мавҷуданд, аммо ба назари мо, усулҳои номбаргардидаи раванди интихоботӣ моҳияти демократӣ ва дар як ҳолат хусусиятҳои раванди интихоботиро ҳамчун яке аз намудҳои раванди ҳуқуқӣ ошкор менамоянд.

Тазаккур бояд дод, ки бо ворид гардидани усулҳои муносиби касбӣ ва низомнок бо ҷалби мутахассисони мухталиф ва дастовардҳои навтарин дар соҳаи технологияҳои интихоботӣ раванди интихоботии муосир рушд дода мешавад. Интихоби технология ва самаранокии истифодаи онҳо аз хислати раванди интихоботӣ, ҷараён ва натиҷаҳои он вобаста аст. Дар шароити бисёрҳизбӣ ба қисмҳои алоҳида ҷудо гардидани ҷомеа вазифаи муҳимми ташкили самараноки маъракаи интихоботӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити имрӯза мубориза барои ҳокимият бо истифодаи тамоми усулҳои технологии мавҷуда муайян карда мешавад, лекин дар шароити муосир на ҳамеша ин технологияҳо мувофиқи хусусиятҳои интихобкунандагон дигаргун гардидаанд, ки ин омил ба таври назаррас таъсири истифодаи онҳоро паст менамояд. Чунин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки дар аксарияти ҳолатҳо субъектҳои раванди интихоботӣ ба истифодаи технологияҳои анъанавии исботшуда, ки асосан аз таҷрибаи тарҳҳои ғарбии гузаронидани маъракаи интихоботӣ ворид гардидаанд, рӯй меоранд. Қайд намудан зарур аст, ки технологияҳои муосири интихоботӣ, ки бомуваффақият дар хориҷ истифода мегарданд, на ҳамеша самараи дилхоҳро дар маъракаҳои

интихоботии ватанӣ медиҳанд, чунки дар аксар мавридҳо онҳо ба хусусиятҳои миллӣ ва маҳаллӣ созгор нестанд.

Дар шароити воқеии кишвар технологияҳои интихоботӣ бояд тарзи объективии гузаронидани интихобот, яъне фазои ҳуқуқӣ, амалияи маъракаҳои интихоботӣ, анъанаҳои милливу сиёсӣ, имкониятҳои ташкиливу моддии давлатро ба инобат гиранд. Дар хотир бояд дошт, ки ҳар як маъракаи интихоботӣ дорои хусусиятҳои умумӣ ва махсус мебошад.

Ба хусусиятҳои умумӣ заминаи ягонаи қонунгузорӣ, танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ, амал ва фаъолияти номзадҳо ба мансабҳои интихобӣ ва ғ. дохил мешаванд. Илова бар ин, хусусиятҳои ин ё он маъракаи интихоботӣ аз махсусияти маҳаллӣ бармеояд. Он нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии иштирокчиёни маърака, интихобкунандагон ва ҳаҷми ҳудудии ҳавзаҳоро фарогир аст[91].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон иброз дошт, ки усулҳои раванди интихоботиро ба сифати асоси амалан татбиқ намудани меъёрҳои моддии ҳуқуқи интихобот муайян кард. Маҳз, онҳо тамоми паҳлуҳои ҳуқуқи интихоботиро инъикос намуда, ба онҳо хислати мунтазамию пуррагӣ мебахшанд. Бевосита татбиқ шудани усули ҳуқуқи интихоботӣ воқеӣ ва қонунӣ будани интихоботро ифода намуда, табдил ёфтани онро ба маъракаи изҳори иродаи амалии мардум таъмин мекунанд.

### 1.3. Марҳилаҳои раванди интихоботӣ

Аз таҳлилу баррасии ҳамаҷониба бармеояд, ки ташкилу баргузории интихобот мазмунан амалҳои муайяни бонизомро дар бар гирифта, ҳар яки онҳо дар ин раванд аҳаммияти хосро ифода мекунад. Маҷмуи фаъолияти пайдарпайи мақомот ва намояндагони дастгоҳи давлатӣ, интихобкунандагон, ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳои мансабҳои интихобӣ мафҳуми раванди ташкил ва гузаронидани интихоботро фаро мегирад. Ба мазмуни воқеӣ ва аслии худ ин раванди пайдарпай марҳилаҳои раванди интихоботро дар худ таҷассум

[91] Ниг.: Кошелюк М.Е. Технологии политических выборов. – СПб.: Питер, 2004. – С. 32.

менамояд, ки дар фаҳмиши пурра ва дурусти раванди мазкур марҳилаҳои он аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва марказӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи муайян намудани марҳилаҳои раванди интихоботӣ айни замон дар доираи ҳуқуқи интихоботӣ ба яке аз масъалаҳои баҳснок мубаддал гардидааст ва то ҳол фаҳмиши ягонаи он ҷой надорад. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки муаллифон вобаста ба миқдори марҳилаҳои раванди интихоботӣ мавқеи ягона надоранд. Ба андешаи мо, ба хотири муайян намудани миқдори марҳилаҳои раванди интихоботӣ, пеш аз ҳама, таснифоти марҳилаҳои раванди интихоботӣ бояд муайян карда шуда, аломатҳои асосии он ҷудо карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки унсури институтсионалии раванди интихобот бо марҳилаҳо ва давраҳои омодагӣ ва баргузории интихобот ташаккул меебад[92], он дар асоси амалҳо ва марҳилаҳои интихобот ташкил карда мешавад. Марҳилаҳо аз маҷмуи ҷараёнҳои муайян иборат буда, ин ё он муносибати дахлдори ҷамъиятиро дар раванди интихобот ифода намуда, пайдарпай амалишавии ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандонро таъмин менамояд. Мутобиқан, раванди интихоботӣ дар қонунгузорӣ ташаккул ёфта, дар амалия, пеш аз ҳама ҳамчун низоми марҳилаҳои пайдарпайи тайёрӣ ва гузаронидани интихобот иҷро карда мешавад. Таъиноти асосии ин марҳилаҳо ба даст овардани натиҷаҳои интихобот, яъне ташкили мақомот ва мансабҳои интихобӣ мебошад.

Барои дарки марҳилаҳои раванди интихоботӣ ба таркиби он таваҷҷӯҳ бояд кард, зеро ҳар як марҳила бо дигар марҳилаҳои раванди интихоботӣ робитаи амалӣ дорад. Марҳилаҳои алоҳида дар раванди баргузории интихобот бо дигар марҳилаҳо муттаҳид мегарданд. Онҳоро метавон ба се марҳилаи раванди интихоботӣ ҷудо кард:

– марҳилаи омодагӣ;

– марҳилаи гузаронидани маъракаи интихоботӣ;

[92] Ниг.: Игнатенко В.В., Князев С.Д. и др. Избирательное право Российской Федерации. – Иркутск, 2003. – С. 186.

– марҳилаи ниҳоии интихобот.

Ҳар як марҳилаи номбурда дар навбати худ аз зермарҳилао иборат мебошад. Марҳилаи омодагӣ иборат аз:

– таъини интихобот;

– бақайдгирии интихобкунандагон ва тартиб додани рӯйхат;

– таъсиси ҳавза ва участкаҳои интихоботӣ;

– ташкили комиссияҳои интихоботӣ.

Мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин комиссияҳои интихоботӣ мақомҳое мебошанд, ки бештари амалҳо аз ҷониби онҳо сурат мегиранд.

Дар марҳилаи гузаронидани маъракаи интихоботӣ марҳилаҳои нисбатан хурди зерин дохил мешаванд:

– пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо;

– гузаронидани таблиғоти пешазинтихоботӣ;

– маблағгузории маъракаи интихоботӣ.

Дар миёнаи ин марҳилаҳо марҳилаи ниҳоии интихобот муҳим арзёбӣ мегардад, ки он фарогирӣ чунин унсурҳо мебошад:

– ҷараёни овоздиҳӣ;

– ҳисоби овозҳо ва муайян кардани натиҷаи интихобот;

– нашри натиҷаҳо;

– бақайдгирии номзадҳои интихобшуда;

– ҳалли баҳсҳои интихоботӣ.

Мақсади асосии ин марҳила муайян кардани шахсони мансабдори интихоботӣ ва ваколатдор кардани онҳо мебошад. Албатта, ин марҳилаҳо пайдарпай амалӣ карда мешаванд, онҳо таъиноти ягона доранд ва тавре зикр гардид ҳадафи асосии онҳо дар маҷмӯъ муайян кардани вакилон ва мансабдорони интихобшуда ва ташкили мақомоти ҳокимияти давлатии интихоботӣ мебошад.

Дар адабиёти илмӣ, баробари марҳилаҳои тавсифшуда ва таркиби онҳо ақидаи ягона вуҷуд надорад. Масалан, В.В. Маклаков марҳилаҳои раванди интихоботиро аз ҷанбаҳои зерин иборат медонад:

– таъин гардидани интихобот;

– таъсиси ҳавзаҳои интихоботӣ;

– таъсиси участкаҳои интихоботӣ;

– таъсиси мақомоти интихоботӣ;

– бақайдгирии интихобкунандагон;

– пешбарии номзадҳо;

– маъракаи таблиғотӣ;

– овоздиҳӣ;

– ҳисоб кардани овозҳо ва муқаррар кардани натиҷаҳои овоздиҳӣ;

– имконияти давраи дуюми интихобот ё интихоботи нав;

– муайяннамоии ниҳоӣ ва нашри натиҷаҳои интихобот[93].

Е.Н. Хрусталев низ марҳилаҳои раванди интихоботиро аҳаммиятнок нишон дода, онҳоро чунин таснифбандӣ намудааст:

– марҳилаи тайёрӣ ба интихобот;

– ташкили комиссияҳои интихоботӣ;

– пешбарии номзадҳо;

– ташвиқоти пешазинтихоботӣ;

– ташкили хазинаҳои интихоботӣ;

– муайян намудани натиҷаҳои овоздиҳӣ ва интихобот;

– қонунигардонии интихобот[94].

Қайд намудан зарур аст, ки мувофиқи қонунгузории интихоботии Тоҷикистон марҳилаҳои алоҳидаи раванди интихоботӣ ҷудо карда мешавад, ки барои амалҳои муайян вақти муайян ҷудо карда шуда, он аз таъин гардидани интихобот то ба эълон гардидани натиҷаҳои онро дар воситаҳои ахбори умум дар бар мегирад.

---

[93] Ниг.: Маклаков В.В. Избирательное право стран – членов Европейского сообщества. – М., 1992. – С. 153.
[94] Ниг.: Хрусталев Е.Н. Избирательный процесс в России: понятие и стадии / Е.Н. Хрусталев // Правоведение. – 1998. – №2. – С. 19.

Таҳлили қонунгузории интихоботии ҶТ ва инчунин, амалияи истифодаи он имконият медиҳад, ки марҳилаҳои зерини раванди интихоботӣ ҷудо карда шавад:

– таъин намудани интихобот;

– ташкили ҳавза ва участкаҳои интихоботӣ;

– таъсиси комиссияҳои интихоботӣ;

– пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо;

– ташвиқоту тарғиботи пешазинтихоботӣ;

– маблағгузории интихобот;

– овоздиҳӣ дар интихобот;

– муайян намудани натиҷаи овоздиҳӣ ва натиҷаи интихобот.

Раванди ташкил ва баргузории интихобот фаъолияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танзимшуда мебошад, аз ин рӯ он мунтазам ва устувор аст ва аз марҳилаҳои муайяни қаблан муқарраршуда иборат аст. Муайян кардани рӯзи интихобот, таъсиси ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ, таъсиси мақомоти интихоботӣ, бақайдгирии интихобкунандагон, пешниҳоди номзадҳо ва ба қайд гирифтани онҳо, маъракаи таблиғу ташвиқ, овоздиҳӣ, ҳисоби овозҳо ва муайян намудани ҷамъбасти овоздиҳӣ, давраи дувуми овоздиҳӣ ва ё интихоботӣ, муайян намудани натиҷаи интихобот, назорати гузаронидани интихобот ва баҳсҳои интихобот ва эълони (чопи) ниҳоии натиҷаи интихобот марҳилаҳои бевосита гузаронидани интихобот мебошанд[95].

Марҳилаҳои зикршуда хоси интихоботи мустақим буда, ҳангоми гузаронидани ҳам интихоботи пурра ва ҳам интихоботи ҷузъӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ҳангоми гузаронидани интихоботи ғайримустақим бошад, баъзеи ин марҳилаҳо сарфи назар мешаванд ва ё баъзе марҳилаҳои нав илова мегарданд.

Таҳлили қонунгузории интихоботии ҶТ ва амалияи ташкил ва баргузории интихобот дар кишвар имкон медиҳад, ки чунин марҳилаҳои раванди интихобот муайян карда шаванд:

---

[95] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 143.

– таъин кардни интихобот (муайян намудани рӯзи интихобот);

– ташкили ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ;

– таъсиси мақомоти интихоботӣ;

– бақайдгирии интихобкунандагон;

– пешниҳоди номзадҳо ва ба қайд гирифтани онҳо;

маъракаи таблиғу ташвиқ;

– ташкили овоздиҳӣ;

– ҳисоби овозҳо ва муайян намудани натиҷаи овоздиҳӣ.

**1. Таъини интихобот (муайян намудани рӯзи интихобот).** Таҳлили Конститутсияи ҶТ ва қонунгузории интихоботӣ нишон медиҳад, ки раванди интихоботӣ бо таъин намудани таърихи баргузории интихобот оғоз мегардад. На камтар 75 рӯз пеш аз ба охир расидани ваколатҳои Маҷлиси Олии ҶТ даъвати қаблӣ, интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ ва мақомоти намояндагии маҳаллӣ аз ҷониби Президенти ҶТ таъин карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ тартиби муайян намудани интихобот ва рӯзи интихобот ба таври мухталиф пешбинӣ шудааст. Санадҳои ҳуқуқии давлатҳои ҷаҳон аз ду тартиби муайян намудани рӯзи интихобот истифода мекунанд. Гурӯҳе аз онҳо рӯзи интихоботро қаблан муайян кардаанд ва дар ин ҳолат интихобот худ ба худ тибқи талаботи муқарраршуда оғоз меёбад ва дар рӯзи муайян овоздиҳӣ сурат мегирад. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳам интихоботи умумимиллӣ ва ҳам интихоботи мақомоти давлатӣ ва худидоракунии штатҳо дар рӯзи сешанбеи якуми моҳи ноябри соли ҷуфт гузаронида мешавад. Интихоботи президентӣ дар ин кишвар бошад ҳар соли кабиса (соли кабиса соли пурраи шамсӣ, ки 366 рӯз буда, дар чор сол як бор такрор мешавад ва дар он ба моҳи феврал як рӯз илова мегардад) баргузор мегардад, аммо дар аксари ҳолатҳо Конститутсияҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ рӯзи қаблан муайяншудаи баргузории интихоботро пешбинӣ накардаанд ва ин талаб мекунад, ки ҳар дафъа пеш аз интихобот рӯзи баргузории он муқаррар карда шавад[96].

---

[96] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ.2. – Душанбе, 2013. – С. 143.

Таъини интихоботи мақоми интихоботӣ дар ҶТ бошад, бо назардошти мӯҳлати ваколатҳои онҳо, ки дар ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ пешбинӣ шудаанд (марг, истеъфо, эътирофи шахси мансабдори интихобшуда ғайри қобили амал), бо риояи муҳлати пешбининамудаи қонунгузории кишвар интихобот таъин карда мешавад.

**2. Ташкили ҳавза ва участкаҳои интихоботӣ.** Муқаррар кардани ҳавзаҳои интихоботӣ яке аз марҳилаҳои муҳимми гузаронидани интихобот мебошад. Агар ҳавзаҳои интихоботӣ дуруст муқаррар карда шаванд, дар он сурат таносуби одилонаи байни шумораи вакилон ва интихобкунандагони ҳар кишвар ҳосил мешавад, ки он парламентро ба ифодакунандаи афкори умумии шаҳрвандон табдил медиҳад. Ҳавзаҳои интихоботӣ аз воҳидҳои марзию ҳудудие, ки шаҳрвандонро ба мақсади интихоби шахси мансабдори интихобӣ, вакилони мақомоти намояндагии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ муттаҳид мекунанд, намояндагӣ менамоянд. Асосан ду роҳи муқаррар кардани ҳавзаҳои интихоботӣ маълум аст. Баъзан барои интихоботи навбатӣ ҳавзаҳои интихоботии махсус таъсис дода мешаванд, аммо дар бисёр мавридҳо ба сифати ҳавзаҳои интихоботӣ марзу ҳудуди узви давлати федеративӣ ва ё воҳидҳои марзию ҳудудии сиёсӣ, ба монанди вилоятҳо, музофотҳо, шаҳрҳо ва ғайра хизмат мекунанд. Муқаррар кардани марзу ҳудуди кишвар ба сифати ҳавзаи ягонаи интихоботӣ истисно аз қоидаи умумӣ буда, дар баъзе кишварҳо мавриди истифода қарор мегирад[97].

Муқаррар кардани ҳавзаҳои интихоботӣ дорои аҳаммияти муҳимми сиёсӣ буда, усули асосии онро Конститутсияҳо пешбинӣ менамояд ва танзими муфассали онро ба уҳдаи қонунгузории интихоботӣ вогузор кардаанд. Баъзе қонунҳои асосӣ бошанд, ҳатто шумораи вакилонеро, ки аз ҳавзаи интихоботӣ бояд интихоб шаванд, муқаррар мекунанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки бо таъсиси ҳавзаҳои интихоботӣ алоқаманд мебошад ин ҳар сари вақт аз нав дида баромадани онҳо аст. Мақсад аз ин ба эътибор гирифтани тағйир ёфтани шумораи аҳолӣ ё аниқтараш

[97] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 151.

шумораи интихобкунандагони ҳавзаи интихоботӣ мебошад, ки одатан ин кор баъди гузаронидани ба рӯйхатгирии навбатии аҳолӣ сурат мегирад.

Вобаста аз шумораи вакилоне, ки аз ҳавзаи интихоботии марбута интихоб мешаванд ҳавзаи интихоботии якмандата, бисёрмандата ва умумиҷумҳуриявиро аз ҳам ҷудо мекунанд. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки сухан дар бораи шумораи вакилоне, ки бояд интихоб шаванд, меравад, на оид ба шумораи номзадҳое, ки дар ҳар ҳавзаи интихоботӣ метавонад мухталиф бошад.

Муқаррар кардани ҳавзаҳои интихоботӣ бо мақсади таъмини иқтидори ҳамнавъи овози интихобкунандагон ба сифати ифодакунандаи асли ҳуқуқи интихоботии баробар татбиқ мегардад. Аз ин рӯ, ҳавзаҳои интихоботии якмандата бо дарназардошти тақрибан шумораи баробари сокинони ҳавзаҳо таъсис дода мешаванд, аммо ҳавзаҳо метавонанд танҳо бо дарназардошти шумораи интихобкунандагон муқаррар карда шаванд. Ин метавонад дар сурати ҷой доштани фарқияти ҷиддии шумораи шаҳрвандони минтақаҳои давлати марбута, ки бо ин ё он сабаб наметавонанд аз ҳаққи интихобот истифода кунанд (масалан, аксарияти сокинони ҳавзаи интихоботиро атфоли наврасон ташкил медиҳанд) татбиқ карда шавад. Ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандата низ, ба шарте, ки аз онҳо шумораи баробари вакилон интихоб шаванд, бояд аз нигоҳи шумораи сокинонашон (интихобкунандагонашон) низ баробар бошанд. Одатан, аз чунин ҳавзаи интихоботӣ шумораи баробари вакилон интихоб мешаванд, аммо дар ин ҳолат он бояд ба шумораи аҳолии ҳавза мувофиқат кунад. Иқтидори ками овози интихобкунанда дар ҳавзаи сернуфуз аз роҳи таъсиррасонии интихобкунанда интихоби шумораи бисёри вакилон аз чунин ҳавза баробар карда мешавад[98].

Муқаррар кардани ҳавзаҳои интихоботӣ боз як вазифаи муҳимми дигарро иҷро мекунад, яъне он робитаи наздики байни интихобкунандагон ва интихобшавандагонро (номзадҳоро) таъмин намуда, барои ҳар як шаҳрванд имконияти аз наздик шинос шуданашро бо паҳлуҳои гуногуни барномаи

[98] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 154.

пешазинтихоботии номзадҳо ва шахсияти онҳо фароҳам меорад. Гузашта аз ин, ҳавзаҳои интихоботӣ баъди интихобот ва интихоб шудани намоянда низ нақши муҳимро ҷиҳати таъмини назорати интихобкунандагон нисбат ба рафтори сиёсии намоянда иҷро мекунанд. Интихоб шудани такрории вакил аз ҳавзаи интихоботии марбута мустақиман аз рӯҳияю майли интихобкунандагони ҳавза вобаста аст.

Ҳавзаҳои интихоботӣ ба участкаҳои интихоботӣ тақсим мешаванд, ки онҳо воҳидҳои марзию ҳудудие мебошанд, ки шаҳрвандонро бо мақсади овоз додан муттаҳид мекунанд. Онҳо ба мақсади таъмини овоздиҳии муносиб ва наздик кардани интихобот ба интихобкунандагон таъсис дода мешаванд. Тартиби ташкил ва фаъолияти участкаҳои интихоботиро асосан қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ таҳти танзим қарор медиҳанд.

Ташкили ҳавзаҳои интихобот ва участкаҳои интихобот давраи дуюми маъракаи интихобот буда, моҳиятан кори ташкил ва гузаронидани интихобот аз иҷрои ин амалҳо сурат мегирад. Дар хусуси дар ҳавзаҳои интихоботӣ баргузор гаштани интихоботи номзадҳо ба вакилӣ ва комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ дар Конститутсияи ҶТ меъёр мавҷуд нест. Ваколатҳо оид ба таъсиси комиссияи Марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ (минбаъд КМИР) ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ вогузор карда шудаанд. Масъалаҳои тартиби ташкили ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботи вакили Маҷлиси намояндагон дар Қонуни конститутсионии дахлдор танзим ёфтааст[99].

Ҳавзаҳои интихоботии ҳудудӣ хоси интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони маҷлиси намояндагон мебошад. Барои интихоби аъзои Маҷлиси миллӣ панҷ ҳавзаи ининтихобтии бисёрмандатӣ ташкил карда мешавад ва 41 ҳавзаи якмандатии ҳудудӣ барои интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон ташкил мешавад, инчунин як ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ барои

[99] Ниг.: Имомов Ашурбой. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри дуюм – Душанбе. 2017. – С. 114-115.

интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, ки рӯйхаташон аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст, ташкил мешавад.

Ҳангоми ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ» талаботи зеринро муқаррар менамояд:

1) Тақрибан шумораи баробари интихобкунандагон дар ҳавзаҳои интихоботӣ, бо 15 фоиз каму зиёди шумораи интихобкунандагон, дар ноҳияҳои дурдаст то 20 фоиз иҷозат дода мешавад;

2) Ҳавзаҳои интихоботии ВМКБ, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳудуди ягонаро дар қаламрави мазкур ташкил медиҳанд. Ҳавзаҳои интихоботиро аз ҳисоби маҳалҳои ҳамҳудуд ташкил кардан мумкин аст[100].

Ҳангоми риояи талаботи дар боло зикршуда, тақсимоти маъмурию ҳудудии ҷумҳурӣ, чун қоида, ба назар гирифта мешавад. КМИР рӯйхати ҳавзаҳои интихоботиро бо нишон додани ҳудуд ва шумораи интихобкунандагон, инчунин ҳайати комиссияҳои интихоботӣ пас аз панҷ рӯзи таъини интихобот нашр мекунад[101].

Дар робита ба ташкили участкаҳои интихоботӣ барои интихобкунандагон бо назардошти ҳудуди ноҳия, шаҳр, ноҳияҳои тобеи шаҳр участкаҳои интихоботӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити беҳтар ташкил карда мешавад.

Оиди участкаҳои интихоботие, ки дар давлатҳои хориҷӣ, хусусан дар назди намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешаванд, метавонад дар муаасисаҳои муолиҷавӣ, дар шифохонаҳо, маҳалли будубоши шаҳрвандон, хонаҳои истироҳатӣ ва дигар ҷойҳои дурдасту душворгузар, ки ба ҳавзаи интихоботии маҳалли будубоши онҳо наздик ташкил шавад[102].

---

[100] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №12. – мод. 296; – 2004. – №7. – мод. 451; – 2007. – №5. – мод. 352; – 2008. – №10. – мод. 797; – 2012. – №8. – мод. 811; – 2014. – №3. – мод. 140; – №7. – қ.1. – мод. 382; – 2017. – №7-9. – мод. 562; Қонуни конститутсионии ҶТ аз 21.02.2018 с., №1508.

[101] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри дуюм. – Душанбе, 2017. – С. 115-116.

[102] Ниг.: Имомов А. Асари зикршуда. – С. 116.

Участкаҳои интихоботӣ дар давоми бисту панҷ рӯзи баъди таъини интихобот ташкил карда мешаванд. Участкаҳои интихоботӣ дар маҳалҳое ташкил карда мешаванд, ки шумораи интихобкунандагон на камтар аз 20 нафар ва на бештар аз 3000 нафарро ташкил диҳад.

Дар кишварҳои хориҷӣ тартиби гуногуни ташкили участкаҳои интихоботӣ бо дарназардошти шумораи аҳолӣ ва шароити маҳал муайян гардидааст. Масалан, дар Фаронса ҳамчун участкаҳои интихоботӣ воҳидҳои поёнии марзию ҳудудии сиёсию маъмурии кишвар – коммунаҳо қабул шудаанд. Дар Испания чунин воҳидҳо метавонанд ба якчанд участкаҳои интихоботӣ, ки онҳо аз 500 то 2000 интихобкунандаро дар бар мегиранд, тақсим шаванд. Коммунаҳои Италия низ ба якчанд участкаҳои интихоботӣ тақсим шуда аз 100 то 800 ва дар маҳалҳои душворгузар аз 50 то 100 интихобкунандаро дар бар мегиранд[103].

Хотиррасон кардан бамаврид аст, ки дар интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ интихобот дар ҳавзаҳои интихоботӣ, ки мувофиқи меъёри Конститутсияи ҶТ ва Қонуни конститутсионӣ муқаррарнамуда ташкил меёбанд, баргузор мегардад.

Дар интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ участкаҳои интихобот ташкил карда намешаванд. Ҳамин гуна қоида дар Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» низ пешбинӣ шудааст ва барои интихоботи вакилони Ҷамоат участкаҳои интихоботӣ ташкил намеёбанд.

**3. Ташкили мақомоти интихоботӣ.** Ташкил ва гузаронидани интихоботро мақомоти махсус таъмин мекунанд. Дар давлатҳои гуногун онҳо бо номҳои мухталиф, аз ҷумла комиссия, бюро, ҳайати раиса ва ғ. ёд мешаванд. Онҳо вобаста аз салоҳияти худ ва паҳн шудани он ба марзу ҳудуди муайян ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

– марзию ҳудудӣ, аз ҷумла мақомоти марказии интихобот, ки низоми онҳо ба сохтори марзию ҳудудии давлати марбута устувор аст;

[103] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 155.

– ҳавзавӣ, ки онҳо дар он ҳавзаҳои интихоботие амал мекунанд, ки сарҳади онҳо бо воҳидҳои марзию ҳудудӣ мувофиқ нестанд;

– участкавӣ, ки дар участкаҳои интихоботӣ амал мекунанд[104].

Ба ҳар яке аз ин мақомот иҷрои вазифаю салоҳияти алоҳидаю мустақил хос мебошад. Одатан, дар сатҳи қонуни асосӣ салоҳияти мақоми марказии интихобот муқаррар гардида, тартиби ташкил ва салоҳияти дигар мақомоти интихоботиро қонунгузории соҳавӣ таҳти танзим қарор медиҳанд.

Тавре ки аз мисолҳои зикргардида ба мушоҳида мерасанд, Конститутсияҳои давлатҳои ҷаҳон нисбат ба масъалаи муайян намудани тартиби ташкил ва салоҳияти комиссияҳои марказии интихоботӣ аз бархӯрдҳои мухталиф истифода мекунанд.

Мақомоти интихоботии сатҳи поёнӣ низ аз ин истисно нестанд, аммо метавон салоҳияти умумии хоси онҳоро муайян кард. Мақомоти интихоботӣ дар участкаҳо одатан ба рӯйхатгирии интихобкунандагон ва тағйиру тасҳеҳи он, хабардор кардани интихобкунандагон аз рӯзи баргузории интихобот, ташкили овоздиҳӣ ва муайян намудани натиҷаи он дар участка машғул мешаванд. Мақомоти интихоботии ҳавзавӣ бошанд, номзадҳои пешниҳодшударо ба қайд мегиранд, рафти муътадили маъракаи пешазинтихоботиро таъмин мекунанд ва натиҷаи интихоботи ҳавзаро муайян менамоянд. Мақомоти марзию ҳудудии интихоботӣ дар сурати ҷой доштани мақомоти ҳавзаҳои интихоботӣ натиҷаи интихоботро дар марзу ҳудуди марбута ҷамъбаст ва ба нашр мерасонанд ва ҳангоми мавҷуд набуданӣ мақомоти интихоботии ҳавзавӣ вазифаҳои онҳоро низ иҷро мекунанд[105].

Мувофиқи Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи КМИР» КМИР-ро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ таъсис медиҳад, бо пешниҳоди Президент раис, муовин ва аъзои КМИР-ро интихоб ва бозхонд менамояд. КМИР мақомоти доимоамалкунанда мебошад. Муҳлати ваколати

[104] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 155.
[105] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Асари зикршуда. – С. 157.

он 7 сол буда, ҳангоми интихоби ҳайати нав фаъолияти ҳайати пешинаи он қатъ мегардад[106].

**4. Бақайдгирии интихобкунандагон.** Яке аз тадбирҳо, ҳамзамон марҳилаи муҳимми раванди интихоботӣ, ки ба гузаронидани интихоботи дурусту одилона мусоидат менамояд, ин бақайдгирии интихобкунандагон мебошад. Бояд тазаккур дод, ки аз бақайдгирии дақиқ ва ба василаи он фаро гирифтани интихобкунандагон натиҷаи интихобот ва хислати намояндагии мақоми интихобӣ вобаста аст. Бақайдгирии интихобкунандагон аз шароити зарурии татбиқи ҳуқуқи овоздиҳии интихобкунандагон буда, дохил кардани онҳоро ба рӯйхати интихобкунандагон мадди назар дорад. Маҳз интихобкунандагоне, ки ба қайд гирифта мешаванд имконияти танҳо дар ҳамин участкаи интихоботӣ овоз доданро пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, бақайдгирӣ ҳатман то рӯзи овоздиҳӣ бояд анҷом дода шавад ва аз ин роҳ пеши роҳи ҳар гуна қаллобиҳои вобаста ба интихобот ва имконияти якчанд бор овоз додани интихобкунанда гирифта шавад. Мақсад ва ҳадафи бақайдгирии интихобкунандагон низ дар дақиқ муайян намудани шахсияти интихобкунанда ифода ёфта, барои гирифтани пеши роҳи овоз додани афроде, ки дорои ин ҳуқуқ нестанд ва ё наметавонанд дар ин ҳавзаи интихоботӣ овоз диҳанд, истифода мешавад[107].

Яке аз амалҳои муҳим дар маъракаи ташкил ва гузаронидани интихоботи вакилон тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон мебошад. Сари вақт тартиб додан ва ба эътибори умум барои шиносоӣ пешниҳод кардани рӯйхати интихобкунандагон, ошкор кардани камбудиҳои дар он ҷойдошта ва бартараф кардани онҳо, барои ба интихобот ҷалб кардани шаҳрвандони ҳуқуқи интихоботидошта барои риоя шудани усули умумии ҳуқуқи интихобот мусоидат менамояд. Хусусан, муайян кардани шаҳрванди дар рӯзи интихобот синнаш ба 18 расида ва дохил кардани он ба рӯйхати интихобкунандагон барои ҷалб кардани ҷавонон ба ҳаёти сиёсии мамлакат мусоидат менамояд.

---

[106] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АМОҶТ. – 2019. – №7. – мод. 471.
[107] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 158.

Рӯйхати интихобкунандагон оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ дар ҳар як участкаи интихоботӣ тартиб дода мешавад ва аз ҷониби раис ва котиби комиссияи интихоботӣ имзо карда мешавад. Барои тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон комиссияи интихоботии участкавӣ метавонад намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро ҷалб кунад.

Рӯйхати интихобкунандагон санади доимӣ буда, ҳар сол ва ё пеш аз ҳар интихобот мавриди тасҳеҳ қарор мегирад. Масалан, дар Фаронса таҳияи рӯйхати интихобкунандагон ба уҳдаи комиссияи маъмурии ҳар коммуна ва ҳар участкаи интихоботӣ ки ба ҳайати он мэр, намояндаи маъмурият, ки онро префект таъин мекунад ва як нафар узви дигар, ки аз ҷониби раиси суди дараҷаи болоӣ таъин ва дохил мешаванд, вогузор шудааст. Рӯйхати интихобкунандагон нашр карда мешавад ва ба ҳар як интихобкунанда варақаи интихоботӣ дода мешавад, ки он ҳангоми овоздиҳӣ пешниҳод мегардад ва мухр карда мешавад. Ҳангоми аз рӯйхат хориҷ кардани интихобкунанда, мэр уҳдадор аст, ки ӯро аз ин ҳолат хабардор кунад. Чунин қарори комиссияи маъмуриро ба суди поёнӣ шикоят кардан мумкин аст. Қарори суд ниҳоӣ аст, аммо интихобкунанда метавонад аз болои ин қарор ба суди кассатсионӣ шикоят кунад. Рӯйхати муфассали интихобкунандагон дар бойгонии коммуна нигоҳ дошта мешавад ва ҳар як интихобкунанда ҳуқуқ дорад, ки маълумот ва нусхаи заруриро аз рӯйхати мазкур пайдо кунад ва он ҳамчун василаи муҳимми назорати интихобкунандагон нисбат ба рафти интихобот ва гирифтани пеши роҳи ҳар гуна сӯиистифодаҳо хизмат мекунад[108].

**5. Пешниҳоди номзадҳо ва ба қайд гирифтани онҳо.** Яке аз давраҳои муҳимми маъракаи интихоботӣ пешбарии номзадҳо мебошад, ки аз тарафи субъектҳои муайяншудаи қонунгузорӣ сурат мегиранд. Ҳамин тавр, қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» ҳуқуқи пешбарии номзадҳо, тартиби пешбарии номзадҳо ба вакилии Маҷлиси

[108] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ.2. – Душанбе, 2013. – С. 159.

намояндагон, тартиби пешбарии номзадҳо ба аъзогии Маҷлиси миллиро муқаррар мекунад (моддаҳои 31-32). Дар робита бо ин масъалаҳо инчунин тартиби супурдани гарави интихоботиро аз тарафи номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин номгӯи шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи ба парлумон номзад шуданро надоранд, талаботе, ки нисбати номзадҳо пешниҳод мешаванд, танзим карда шудааст (моддаҳои 32-34)[109].

Ин яке аз марҳилаҳои муҳимми ташкил ва гузаронидани интихобот мебошад ва маҳз дар ҳамин марҳила доираи афроде, ки аз ҷумлаи онҳо президентҳо, вакилон, сенаторҳо, вакилони мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва дигар мансабдорони интихобӣ интихоб мешаванд, муайян мегардад. Оид ба аҳаммияти ин марҳила ҳанӯз сад сол қабл яке аз мутахассисони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ Н.Е. Кудрин чунин изҳори андеша карда буд: «Барои табдил наёфтани интихобот ба қаллобии дағалона ва аз ҷониби ҳокимияти марказӣ ба мақсади маҳрум кардани мардум аз воқеият ва бархӯрдор кардани он ҳамчун овози хушку холӣ ва садои беасос истифода нашавад, қабл аз ҳама барои шаҳрвандон имконияти интихобӣ бошууронаи номзадҳоро бояд фароҳам овард. Албатта, барои ин эълони муҳлати дақиқи интихобот ва муқаррар кардани ба истилоҳ «давраи интихобот», яъне фосилаи байни эълони овоздиҳӣ ва худи овоздиҳӣ зарур аст. Ин фосила бо муборизаи интихобот фаро гирифта мешавад ва намояндагони ҳизбҳои сиёсии мухталиф номзадҳои худро пешниҳод мекунанд, парчами худро ба ин ё он андоза афрохта, барномаҳои худро рушд медиҳанд ва аз ин роҳ ҳусни таваҷҷуҳи интихобкунандагони ояндаро бештар менамоянд»[110].

Бо дарназардошти тартиби пешниҳоди номзадҳо ба мансабҳои интихобӣ он ба намудҳои зерин тақсим мешавад:

– худпешбарӣ;

– пешниҳод аз ҷониби интихобкунандагон;

---

[109] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АМОҶТ. – 1999. – №12. – м. 296; – 2004. – №7. – м. 451; – 2007. – №5. – м. 352; – 2008. – №10. – м. 797; – 2012. – №8. – м. 811; – 2014. – №3. – м. 140; – №7. – қ.1. – мод. 382; – 2017. – №7-9. – мод. 562; – 2018. – №2. – мод. 61; – 2019. – №7. – мод. 460.

[110] Кудрин Н.Е. Организация выборов / Конституционное государство. – С. 258.

– пешниҳод аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.

Зарурат ба таъкид аст, ки таснифи пешниҳодшудаи тартиби пешбарии номзадҳо дорои хусусияти нисбӣ буда, он метавонад дар шаклҳои мухталиф истифода шавад.

Барои пешбарӣ намудани номзадҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин шаҳрвандон бо роҳи худпешбарӣ ҳуқуқ доранд.

Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд шахсонеро, ки аъзои ҳизбҳои сиёсӣ намебошанд, ҳамчун номзад пешниҳод кунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ба шарте номзадро ба вакилии Маҷлиси намояндагон пешбарӣ карда метавонанд, ки агар онҳо ба тартиби муқарраркардаи қонун то рӯзи таъини интихобот дар Вазорати адлия ба қайд гирифта шуда бошанд ва дар бораи сарчашмаи даромадашон ҳуҷҷат пешниҳод кунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд шахсонеро, ки узви ҳизбҳои сиёсӣ нестанд, ҳамчун номзад пешбарӣ кунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагонро танҳо дар сурате пешбарӣ кунанд, ки агар онҳо дар Вазорати адлия бо тартиби муқаррарнамудаи қонун то рӯзи таъин шудани интихобот сабти ном карда бошанд ва дар бораи манбаи даромади худ ҳуҷҷатҳо пешниҳод кунанд.

Ҳуқуқи пешбарии номзадҳоро ба аъзогии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо, шаҳри Душанбе, ВМКБ ва вилоятҳо доранд.

Пешбарӣ намудани номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот 60 рӯз пеш аз интихобот сар шуда, 45 рӯз пеш аз интихобот тамом мешавад. Пешбарии номзадҳои вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ аз ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи мақомоти шаҳрӣ (ба истиснои мақоми ҳизбии шаҳри Душанбе), ноҳиявии ҳизбҳои сиёсӣ дар пленумҳои (конфронсҳо) онҳо бо зикри ҳавазаи интихоботӣ, ки номзадашон пешбарӣ мешавад, сурат мегирад. Дар пленуми (конфронси)

ҳизбҳои сиёсӣ аъзои комиссияи ҳавзавии интихоботӣ ҳуқуқ доранд иштирок намоянд[111].

Пешбарии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ дар ҳавзаҳои якмандатии интихоботӣ бо роҳи пешниҳоди ариза ба комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ оид ба пешбарии номзадии ӯ ба овоздиҳӣ бо тартиби худпешбарӣ амалӣ карда мешавад. Номзад бояд на камтар аз 500 имзои интихобкунандагони ин ҳавзаро барои дастгирии худ ҷамъ оварад. Ҳар як интихобкунанда бояд танҳо ба манфиати як номзад аз ҷойи зисти худ имзо гузорад. Дар варақаҳои имзо насаб, ном ва номи падари номзад ва шахси ташаббускори номзад, ҷойи истиқомат, силсила ва рақами шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти шахси ташаббускор, рақамҳои тартибӣ, насаб, ном ва номи падар, рӯз, моҳ ва соли таваллуд, шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти имзокунанда, силсила ва рақами ин ҳуҷҷат, ҷойи истиқомат, имзокунанда ва санаи имзои ҳуҷҷат сабт карда мешаванд. Намунаи варақаи имзо аз ҷониби КМИР муайян карда мешавад (моддаи 31)[112].

Худпешбарӣ яке аз тартиби пешниҳоди номзадҳо буда, ҳар шаҳрванде, ки ба талаботи муайянкардаи Конститутсия ва қонунҳои марбутаи давлатҳо пешбарии номзадиаш ҷавобгӯ мебошад, метавонад номзадии худро пешбарӣ кунад. Дар моддаи 40 Конститутсияи Кипр омадааст: «Ҳар кас ҳақ дорад, ки номзадии худро ба мансаби Президент ва ноиби Президенти ҷумҳурӣ пешбарӣ намояд, ба шарте, ки дар лаҳзаи интихобот шаҳрванди ҷумҳурӣ бошад, синни 35 солагиро пур карда бошад, дар лаҳзаи қабули Конститутсия ва ё баъдтар аз он барои содири кирдори бешарафона ва ё аз нигоҳи ахлоқӣ нанговар суд нашуда бошад ва бо қарори суди салоҳиятнок барои содири ҳар кирдори хилофи қонунҳои интихобот аз ҳаққи пешниҳод намудани номзадии худ ба мансаби интихобӣ маҳрум нашуда бошад ва дар ниҳоят касали руҳӣ, ки

[111] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри дуюм. – Душанбе, 2017. – С. 121.

[112] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АМОҶТ. – 1999. – №12. – м. 296; – 2004. – №7. – м. 451; – 2007. – №5. – м. 352; – 2008. – №10. – м. 797; – 2012. – №8. – м. 811; – 2014. – №3. – м. 140; – №7. – қ.1. – мод. 382; – 2017. – №7-9. – мод. 562; – 2018. – №2. – мод. 61; – 2019. – №7. – мод. 460.

қобилияти ӯро барои иҷрои вазифаи Президент ва ё ноиби Президенти ҷумҳурӣ аз байн мебарад набошад». Айнан ҳамин талабот, ба истисноӣ синну сол, ҳангоми худпешбарии номзад ба вакили парламенти кишвар пешбинӣ шудааст. Тибқи моддаи 64 Конститутсия номзад ба вакили парламент бояд синни 25-солагиро пур карда бошад[113].

Пешниҳоди номзадҳо аз ҷониби интихобкунандагон дар асоси ҷамъоварии шумораи муайяни имзоҳои онҳо сурат мегирад. Банди дувуми қисми 1-и моддаи 5 Қонуни асосии Исландия дастгирӣ ёфтани номзадии фардеро, ки ба мансаби Президент пешниҳод шудааст, аз ҷониби на камтар аз 1500 ва на зиёда аз 3000 интихобкунанда пешбинӣ кардааст[114].

Масалан, номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Беларус бояд аз ҷониби на камтар аз 1000 интихобкунандаи ҳавзаи интихоботие, ки пешбарӣ шудааст, дастгирӣ ёбад. Номзад ба вакилии Шуроҳои вакилони вилоятҳо ва шаҳри Минск бошад, зарурат ба дастгирии на камтар аз 150 нафар интихобкунандаро дорад[115].

Тавре ки дар боло ишора кардем, тартибҳои пешниҳоди номзадҳо метавонанд дар якҷоягӣ ва ё дар алоҳидагӣ мавриди истифода қарор гиранд. Масалан, тибқи қисми 3 моддаи 70 Конститутсияи Гурҷистон номзадии Президентро иттиҳодияҳои сиёсӣ ё гурӯҳи ташаббускор пешниҳод мекунанд. Дар айни замон пешниҳоди номзад бояд тавассути на камтар аз 50 000 имзоҳои интихобкунандагон тасдиқ карда шавад[116]. Қисми 3 моддаи 54 Қонуни асосии Финляндия ҳуқуқи пешниҳоди номзадии Президентро ҳам ба ҳизбҳои бақайдгирифташуда, ки дар охирин интихоботи Президент на камтар аз як курсӣ ба даст овардаанд ва ҳам ба 20 000 интихобкунанда додааст[117]. Дар Ҷумҳурии Словакия дар асоси қисми 3 моддаи 101 Конститутсияи ин кишвар

[113] Конституции государств Европы. – Т. 2. – М., 2001.
[114] Ҳамон ҷо.
[115] Ҳамон ҷо.
[116] Ҳамон ҷо. – Т. 1. – М., 2001.
[117] Ҳамон ҷо. – Т. 3. – М., 2001.

ҳаққи пешниҳоди номзад ба мансаби Президентро на камтар аз 15 нафар вакили Шурои миллӣ ва ё на камтар аз 15 000 интихобкунанда доранд[118].

Дастгирии интихобкунандагон барои номзадӣ ба мансаби интихобӣ ифодакунандаи обрӯю эътибори ӯ дар байни аъзои ҷомеа мебошад. Воқеан, барои ба майдони муборизаи номзаду шахсони тасодуфӣ ва онҳое, ки аз дастгирии воқеии интихобкунандагон бархӯрдор нестанд, табдил наёфтан дастгирии қаблии интихобкунандагон, ки дар ҷамъоварии шумораи муайяни имзоҳои онҳо ифода меёбад, зарур аст.

Марҳилаи пешниҳоди номзадҳо бо ба қайд гирифтани онҳо хотима меёбад. Шаҳрванде, ки тамоми талаботи заруриро иҷро мекунад ва баъди баррасию санҷиши ҳуҷҷатҳои он аз ҷониби ҳавзаи интихоботии марбута расман ба қайд гирифта мешавад, аз ҳамон лаҳза ба сифати номзад эълон мегардад.

Бақайдгирии номзадҳо ба мансаби президентӣ ва ба вакилӣ яке аз давраҳои масъулиятноки маъракаи интихоботӣ мебошад. Бинобар ин, одатан тартиби бақайдгирии номзадҳо дар қонунгузории интихоботӣ муфассал танзим карда мешавад, зеро маҳз дар ҳамин давра риояи талаботи қонунҳо масъалаи расмиёти пешниҳоди номзад ва ҳуҷҷатҳои барои ин зарурӣ аз тарафи комиссияҳои интихоботӣ санҷида мешавад. Муайян карда мешавад, ки барои бақайдгирии номзад асос вуҷуд дорад ва ё талаботи қонунҳо риоя карда нашудааст ва асоси бақайдгирӣ мавҷуд нест[119].

Масъалаи бақайдгирии номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ ва шахсони боэътимоди онҳоро Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» танзим намудааст (моддаи 25). Мувофиқи он бақайдгирии номзадҳои ба мансаби Президент пешбаришуда ва шахсони боэътимоди онҳо аз тарафи КМИР дар давоми се рӯз аз лаҳзаи расидани хуҷҷатҳои зарурӣ, вале на дертар аз 25 рӯз то интихобот, сурат мегирад[120].

---

[118] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ.2. – Душанбе, 2013. – С. 161-162.
[119] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри дуюм. – Душанбе,. 2017. – С. 131-132.
[120] Ниг.: Имомов А. Асари зикршуда. – С. 132.

Қарор дар бораи бақайдгирии номзад ба мансаби Президент дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки Қонуни конститутсионии мазкур пешбинӣ намудааст, қабул карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, тартиби бақайдгирии номзадҳо ва риояи қоидаҳои муқарраршуда имкон медиҳад, ки дар пешбарии номзад ва расмӣ намудани хуҷҷатҳои пешниҳодшаванда ба комиссияҳои дахлдори интихобот ба камбудиҳо роҳ дода нашавад ва раванди интихоботӣ аз рӯйи меъёрҳои ҳуқуқии муайяншуда идома ёбад.

**6. Маъракаи таблиғу ташвиқ.** Дар миёни марҳилаҳои ташкил ва гузаронидани интихобот маъракаи таблиғу ташвиқ яке аз марҳилаҳои муҳимми он ба ҳисоб меравад ва дар бисёр маврид маҳз ҳамин марҳила сарнавишти мансаби интихобиро ҳал мекунад. Маъракаи таблиғу ташвиқ, ҳамон тавре, ки аз номаш ба мушоҳида мерасад барои ҷалби таваҷҷуҳи интихобкунандагон ба номзад ва ҳизби мушаххас ба паҳлӯҳои барномаи пешазинтихоботии онҳо равона шуда, ба мақсади ба даст овардани шумораи зиёди бештари овози интихобкунандагон гузаронида мешавад. Ҳамзамон, дар баробари барномаи пешазинтихоботӣ, дар заминаи таблиғоту ташвиқот обрӯ ва сифатҳои кории номзадҳо ба мансаби интихоботӣ муаррифӣ мегардад.

Хусусияти пешниҳоди номзадҳо мазмуну муҳтавои ин марҳиларо муайян мекунад. Агар номзад аз тариқи худпешбарӣ ва ё аз ҷониби гурӯҳи интихобкунандагон пешниҳод шуда бошад, дар он сурат тамоми вазнинии маъракаи таблиғу ташвиқ ба души худи номзад ва ё гурӯҳи ташаббускори он вогузошта мешавад. Дар ин ҳолат вазъи иқтисодӣ ва имконияти молиявии номзад ба омили муайянкунанда табдил меёбад ва ҳар гоҳ ӯ доро бошад, масъаларо аз роҳи ҷалби воситаҳои ахбори омма ва таблиғотчиёни моҳир ҳал мекунад[121]. Ҳангоми надоштани чунин имконият, номзад метавонад бо масъалаю муаммоҳои мушкил дучор ояд. Гузашта аз ин, вазъияти зикргардида фавран масъалаи нобаробарии моддии худи номзадҳо ва нобаробарии онҳоро

[121] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 163.

дар назди ҳайати интихобкунандагон ба миён мегузорад. То як андоза роҳи ҳалли ин масъала дар иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот ва пешниҳоди номзадҳои алоҳида ва рӯйхати номзадҳо аз ҷониби онҳо пайдо мешавад. Номзади одию қаторӣ танҳо ба кӯмаки ҳизби сиёсӣ метавонад ба муваффақият умед банданд ва соҳиби курсии вакилӣ гардад. Ҳизбҳои сиёсӣ ба маъракаи таблиғу ташвиқ шакли муайян бахшида, мақсаду ҳадафи худро ҷиҳати ба даст овардани курсиҳои интихобӣ муайян мекунанд. Номзадҳое, ки аз ҷониби ҳизб пешниҳод мешаванд, танҳо ҷузъи ҳайати умумии ҳизбе, ки дар интихобот иштирок мекунанд, эътироф мешаванд[122].

Дар асл ҳамаи номзадҳои мансабҳои интихобӣ бояд ба муқобили ҳамдигар қарор гирифта, ба ҳамдигар мубориза баранд ва дар айни замон аз имкониятҳои баробари ҳуқуқии бовар кунонидани интихобкунандагон ва ба сӯи худ моил намудани онҳо бархӯрдор бошанд. Давлат набояд ба маъракаи таблиғу ташвиқ мудохила кунад ва он танҳо имконияти баробарро барои номзадҳо ва рӯйхати номзадҳои ҳизбҳо таъмин намояд.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки бо маъракаи интихоботӣ ба мафҳуми васеи истилоҳ алоқаманд аст, ин бешубҳа маблағгузории он мебошад. Маблағгузорӣ махсусан барои маъракаи таблиғу ташвиқ нақши ниҳоят муҳимро мебозад, зеро қисми асосии хароҷот ба ҳамин маърака рост меояд. Қонунгузории амалкунандаи кишварҳои ҷаҳон маблағгузории интихоботро аз тариқи гуногун таҳти танзим қарор додаанд. Дар аксари кишварҳои ҷаҳон маблағгузории хусусии маъракаҳои интихоботӣ дар маҷмӯъ ва маъракаи таблиғотӣ дар ҳаёти сиёсии онҳо падидаи маъмултарин мебошанд, ки он дар осори илмӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ бо номи хайрияи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ёд мешавад. Ба мақсади гирифтани пеши роҳи маблағгузории беҳадду ҳудуди ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои алоҳида ҳаҷму андозаи ниҳоии он муқаррар карда шуда, қабулкунандагони хайрияҳо уҳдадоранд, ки оид ба сарчашмаҳои воридот ва хароҷоти онҳо ҳисобот пешниҳод кунанд. Дар ҳақиқат, агар

[122] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 163.

маблағгузории хусусӣ таҳти танзими ҷиддӣ қарор нагирад ва ҳаҷму андозаи он муайян набошад, дар он сурат он метавонад боиси дар зери ихтиёри танҳо дороёни ангуштшумор қарор гирифтани давлат ва идора шудани он бо дарназардошти манфиатҳои онҳо гардад. Тасодуфи нест, ки қонунгузории давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон баъзан таҳримҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷазои ҷиноятиро барои зиёд кардани андозаи муқаррарнамудаи маблағгузории маъракаи интихоботӣ муқаррар мекунад[123].

Маблағҳо барои омодагӣ ва баргузории интихоботи аъзои маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешаванд.

Номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, ҳизбҳои сиёсии дар интихобот иштироккунанда барои маблағгузории интихобот хазинаи интихоботии худро таъсис медиҳанд. Маблағҳои хазинаи интихоботии номзад ба вакилӣ ва ҳизби сиёсӣ дар суратҳисоби махсуси муваққатии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва филиалҳои он нигоҳ дошта мешаванд. Маблағҳои ин хазинаҳо танҳо барои баргузории интихобот истифода мешаванд ва аз ҷониби номзад ва ҳизби сиёсӣ ихтиёрдорӣ карда мешаванд.

Қонунҳои аксари кишварҳои ҷаҳон маблағгузории маъракаи интихоботиро аз ҷониби давлати хориҷӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, корхонаҳои миллие, ки бо маблағгузории хориҷӣ фаъолият мекунанд, манъ кардаанд, ки он ифодакунандаи ҳифзи манфиати миллӣ ва соҳибихтиёрии давлати марбута мебошад. Дар ин замина метавон тавассути маблағгузорӣ аз сарчашмаҳои зикргардида ба эҳтимоли зиёд ба раванди интихоботӣ ва натиҷаҳои он таъсири ҷиддӣ расонида шавад.

Паҳн кардани варақаҳо, эълону шиорҳо, созмон додани гирдиҳамоиҳою маҷлисҳои сиёсии пешазинтихоботӣ, вохӯрӣ бо интихобкунандагон, истифодаи радио ва телевизион аз ҷумлаи унсурҳои бевоситаи маъракаи

[123] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 163-164.

таблиғу ташвиқ мебошанд. Дар байни ин ҳама унсурҳо нақш ва мавқеи радио ва телевизион махсус аст, зеро имконияти онҳо ҷиҳати фаро гирифтани шумораи харчи бештари интихобкунандагон хеле зиёд буда, таъсири онҳо дар самти моил намудани руҳияи интихобкунандагон ба ҷониби ин ё он ҳизб ва ё номзади мушаххас ниҳоят муҳим мебошад. Бо тавсеа ёфтани ҳайати интихобкунандагон, ки амалан ҳамаи аҳолии болиғи кишварро дар бар мегирад, маҳз радио ва телевизион ба воситаи шиноскунандаи паҳлӯҳои мухталифи барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои алоҳида табдил меёбанд. Махсусан ин нақши онҳо ҳангоми шинос намудани номзадҳое, ки аз ҳавзаҳои ягонаи миллӣ пешниҳод шудаанд, зоҳир мегардад. Агар унсурҳои дигари таблиғот ва ташвиқот дар сатҳи ҳавзаҳои интихоботии алоҳида ва ҳангоми овоздиҳии интихобкунандагон дар сатҳи маҳал самаранок бошад, радио ва телевизион дар сатҳи умумимиллӣ дорои ин нақш мебошад. Албатта, зарурат ба таъкид аст, ки дар сатҳи маҳалҳо низ радио ва телевизиони маҳаллӣ фаъолият намуда, аз онҳо ҳизбу номзадҳо ба таври васеъ истифода мекунанд. Хулоса, радио ва телевизион дорои нақши муҳимму муайянкунанда мебошанд, аммо дигар унсурҳои таблиғу ташвиқ низ набояд фаромӯш гарданд ва ҳар яке аз онҳо дар мавқеи худ нақши босазо доранд[124].

Пурсиши афкори омма, ки яке аз унсурҳои муҳимму доимии маъракаи таблиғу ташвиқ мебошад, ба мақсади муайян намудани масъалаҳое, ки дар маркази таваҷҷуҳи интихобкунандагон қарор доранд, руҳияю назари онҳо нисбат ба интихоботи дарпешистода ва нақшу мавқеи ҳизбҳо ва номзадҳои пешниҳодшуда гузаронида мешавад. Пурсиши афкори омма, инчунин барои муайян намудани паҳлӯҳои мусбӣ ва манфии барномаҳо ба фаъолияти сиёсии ҳизбҳои дар интихобот иштироккунанда нақши муассир дорад.

Қонунҳои марбутаи давлатҳои ҷаҳон дар радифи танзими муфассали маъракаи таблиғу ташвиқ, меъёрҳои манъкунандаи гузаронидани онро пешбинӣ кардаанд. Ҳамчун ҳодисаи маъмул гузаронидани маъракаи таблиғу

[124] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 165-166.

ташвиқ қабл аз як шабонарӯз то оғози овоздиҳӣ қатъ карда мешавад, яъне дар ин мудат ҳар гуна фаъолияти вобаста ба таблиғу ташвиқи ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо манъ аст. Ин манъкунӣ ба мақсади фароҳам овардани шароиту вазъияти ором, ки бо истифода аз он интихобкунанда тавонад оид ба ин ё он номзад фикру андешаи худро изҳор дорад, татбиқ карда мешавад. Баъзан шумораи шиору овезаҳо, ки бояд дар ҷойҳои муайяншуда насб гарданд муқаррар карда мешавад ва насби шумораи зиёди шиору овезаҳо манъ буда, ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ эътироф мегардад. Манъи тартибу услуби бурдани таблиғу ташвиқ, ки қобили қабули ахлоқи ҳамида намебошад ва дигар паҳлӯҳои ҳаёти хусусӣ ва хизматии рақибро, ки онро қонун иҷозат намедиҳад, ифшо мекунад, низ ба мушоҳида мерасад[125].

**7. Ташкили овоздиҳӣ.** Овоздиҳӣ марҳилаи муайянкунандаи сарнавишти ташкил ва гузаронидани интихобот мебошад. Аз натиҷаи он баргузор шудани интихобот, гузаронидани давраҳои дувум ва минбаъдаи интихобот, интихоб шудани номзад ба мансаби интихобӣ, аз ҷониби номзад пайдо кардани ҳаққи пешниҳод намудани номзадии худ ба даври дувум ва минбаъдаи интихобот ва дигар масъалаҳо вобаста аст. Ба ибораи дигар, маҳз дар ин марҳила изҳори иродаи халқ амалӣ мегардад ва ба василаи он иродаи аксарияти интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштироккарда муайян карда мешавад.

Ҳамон тавре ки қайд намудем, овоздиҳӣ бояд озод бошад ва он пешниҳод шудани ду ва зиёда аз он номзад ва рӯйхати ҳизбиро madди назар гирад. Воқеан, агар дар овоздиҳӣ танҳо як нафар номзад пешниҳод шуда бошад, озодии интихобу овоздиҳӣ низ зери шубҳа қарор мегирад ва барои интихобкунанда имконияти интихоби равияҳои гуногуни сиёсӣ, ки аз ҷониби номзаду ҳизбҳои сиёсии мухталиф пешниҳод мегарданд, амалан фароҳам намеояд. Ҳамзамон, дар чунин шароит демократӣ ва шаффоф будани интихобот зери суол қарор мегирад. Бо дарназардошти аҳаммияти озодии овоздиҳӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, дар

[125] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 167.

қисми 3 моддаи 21 Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар андешаи зеринро чунин арзёбӣ кардааст: «Иродаи халқ бояд асоси ҳокимияти давлатӣ бошад ва ин ирода бояд дар интихоботи даврӣ ва ғайринавбатӣ ифода ёбад ва тавассути ҳуқуқи интихоботи умумӣ, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ё тавассути дигар шаклҳои баробарӣ, ки овоздиҳии озодро таъмин мекунанд, гузаронида шавад»[126]. Ин меъёри Эъломия рушду такомули худро дар санадҳои умумиҳатмию умумипазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқии миллӣ, қабл аз ҳама, дар конститутсияҳои давлатҳои ҷаҳон пайдо кардааст.

Овоздиҳӣ ба сифати амали озоди интихобкунанда паҳлӯҳои гуногунро дар бар гирифта, қабл аз ҳама, боварии интихобкунандаро нисбат ба номзад ва рӯйхати ҳизбӣ ифода мекунад. Маҳз боварии интихобкунанда паҳлӯҳои амали онро муайян менамояд, яъне он метавонад ба дастгирии ин ё он номзад ва рӯйхати ҳизб овоз диҳад, аз овоз додан худдорӣ намояд ва ба ҳеҷ кадом аз номзадҳо овоз надиҳад ва ҳатто метавонад дар овоздиҳӣ умуман иштирок накарда, ба сафи инкоркунандагони интихобот ворид шавад.

Овоздиҳӣ аз тариқи партофтани бюллетенҳо ба сандуқи овоздиҳӣ татбиқ карда мешавад. Бюллетенҳои овоздиҳиро комиссияҳои интихоботӣ тайёр мекунанд, ки ҳар яке аз ин намудҳои бюллетен тайёркунӣ вобастаи анъанаҳои гузаронидани интихобот мебошад.

Дар рӯзи интихобот овоздиҳӣ аз соати 6 то 20 гузаронида мешавад. Дар участкаҳои интихоботии дар назди намояндагиҳои ҶТ дар давлатҳои хориҷӣ, дар шифохонаҳо, хонаҳои истироҳат ва беморхонаҳо дар ҷойҳои дурдаст ва душворгузар ташкилшуда, комиссияи участкавии интихоботӣ метавонад овоздиҳиро ҳар вақт ба итмом расонад, ба шарте ки ҳамаи интихобкунандагони ба рӯйхат дохилшуда овоз диҳанд.

[126] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.07.2022).

Комиссияи участкавии интихобот интихобкунандагонро дар бораи вақт ва ҷойи овоздиҳӣ на камтар аз 10 рӯз пеш аз интихобот огоҳ мекунад.

Ҳар як интихобкунанда худ ба таври мустақилона овоз медиҳад. Ба ҷойи дигарон овоз додан мумкин нест. Дар рӯзи интихобот пеш аз оғози овоздиҳӣ раиси комиссияи участкавии интихоботӣ дар ҳузури аъзоёни комиссия, инчунин нозирон ва шахсони дигар, намояндагони ВАО қуттиҳои интихоботиро аз назар гузаронида, сурғуч ё муҳр мекунанд. Бюллетенҳои интихоботиро комиссияи участкавии интихоботӣ дар асоси рӯйхати интихобкунандагони участкаи интихоботӣ бо пешниҳоди шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиққкунандаи шахсияти интихобкунанда медиҳад. Ҳар як интихобкунанда бюллетени интихоботӣ гирифта, дар рӯйхати интихобкунандагон дар муқобили насаб, ном ва номи падар имзо мекунад. Додани бюллетенҳои иловагӣ ба интихобкунанда манъ аст[127].

Овоздиҳанда бюллетени интихоботиро дар ҳуҷра ё хонаи овоздиҳии пинҳонӣ бо қалам пур мекунад. Ҳангоми пур кардани бюллетен, ба ғайр аз интихобкунанда, ҳузури шахсони дигар манъ аст. Интихобкунандае, ки бюллетенро мустақилона пур карда наметавонад, ҳуқуқ дорад ба ҳуҷра ё хонаи овоздиҳӣ бо салоҳдиди худ каси дигарро ғайр аз аъзои комиссияи интихоботӣ, нозирон, намояндагони ВАО даъват намояд.

Оид ба тартиби дар бюллетен қайд кардани ба тарафдорӣ ё муқобил овоз додани овоздиҳанда низ мувофиқи Қонун аз 14 марти соли 2014 тағйироту илова дохил карда шудааст. Интихобкунанда бояд танҳо ба як номзад ва як ҳизби сиёсӣ овоз диҳад. Ҳоло интихобкунанда дар бюллетени интихоботӣ дар ҷойи холии варақа дар муқобили насаб, ном ва номи падари номзад ё ҳизби сиёсӣ, ки ба онҳо овоз медиҳад, аломати ҷамъ «+» мегузорад. Ҳангоми овоздиҳӣ зидди ҳамаи номзадҳо ва рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ, интихобкунанда

---

[127] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри дуюм. – Душанбе, 2017. – С. 147.

дар бюллетени интихоботӣ дар он сатрҳои муқобили ҳамаи номзадҳо ва муқобили ҳамаи рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ аломати ҷамъ «+» мегузорад[128].

Бояд зикр кард, ки қонунгузории ҶТ бо дарназардошти ҳолатҳои дигар ва объективӣ ҳуқуқи овоздиҳии шаҳрвандонро кафолат додааст. Махсусан, ҳангоми ба хатогӣ роҳ додан, дар ҳолати беморӣ, ки ба бинои овоздиҳӣ омадани шаҳрванд имконнопазир аст, ҳамзамон бо сабабҳои дахлдор дар рӯйхати интихобкунандагон набудани онҳо ба онҳо тибқи тартиби муқарраргардида имкони овоздиҳӣ фароҳам оварда мешавад.

Дар кишварҳои хориҷӣ бюллетенҳои овоздиҳӣ бо тартиби хосса омода гардида, барои овоздиҳӣ ба интихобкунандагон пешниҳод мегарданд. Масалан, дар Австрия бюллетенҳои интихоботӣ аз ҳисоби буҷаи федералӣ дар шакли қатъиян муайяншуда тайёр карда мешаванд. Дар Испания тайёр намудани бюллетенҳои интихоботиро номзадҳо ва ё иттиҳодияҳои сиёсие, ки рӯйхати номзадҳоро пешниҳод кардаанд, таъмин мекунанд. Бюллетенҳо аз рӯйи намунаи расман муқарраршуда тайёр карда мешаванд. Ба мақсади таъмин намудани махфияти овоздиҳӣ дар як силсила давлатҳо дар радифи бюллетен аз лифофа низ истифода мекунанд. Дар ин кишвар бюллетенҳо дар хилватхонаҳои овоздиҳӣ нигоҳ дошта мешаванд ва интихобкунанда вориди хилватхона шуда, бюллетенҳоеро, ки дар онҳо ному насаби номзадҳое, ки ба дастгирии онҳо овоз медиҳад, мегиранд ва онҳоро ба лифофа ҷой намуда, ширеш мекунанд ва баъдан аз хилватхона берун шуда, лифофаро ба раиси комиссияи участкавии интихоботӣ месупорад ва ӯ фавран дар ҳузури ҳама лифофаро ба сандуқи овоздиҳӣ мепартояд. Баъзан номзадҳо ва ҳизбҳо бюллетенҳои худро ба хонаҳои интихобкунандагон мефиристанд ва дар хилватхонаҳои овоздиҳӣ танҳо лифофаҳои интихоботӣ нигоҳ дошта мешаванд. Амали мазкур овоздиҳиро метезонад ва ба интихобкунандагон имконияти кофиро барои қабули қарори худ фароҳам меорад[129].

---

[128] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри дуюм. – Душанбе, 2017. – С. 148.

[129] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 168.

Интихобкунанда метавонад бюллетенро ба лифофа нагузорад ва ба сандуқи овоздиҳӣ танҳо лифофаи холиро партояд, ки ин рафтори ӯ инъикоскунандаи муносибати интихобкунанда нисбат ба номзади пешниҳодшуда мебошад.

Интихоботи алоҳида нишон медиҳад, ки фоизи чунин интихобкунандагон ба рафти интихобот таъсири ҷиддӣ дорад. Интихобкунандае, ки ба ин васила дар овоздиҳӣ иштирок мекунад, аз ҷумлаи интихобкунандагони инкоркунандаи интихобот (абсентеист) намебошад, зеро ӯ ба участкаи интихоботӣ ҳозир мешавад ва бо ин рафтори худ мавқеи сиёсии худро ифода мекунад.

**8. Ҳисоби овозҳо ва муайян намудани натиҷаи овоздиҳӣ.** Ин марҳилаи ниҳоии раванди интихоботӣ ва ё ташкилу гузаронидани интихобот буда, бо марҳилаи овоздиҳӣ дар робитаи устувор қарор дорад. Овозҳои додашуда бояд ба назар гирифта шаванд ва дар асоси рақамҳои гирифташуда натиҷаи овоздиҳӣ тибқи қоидаҳои низоми интихобот, ки истифода мешаванд, муқаррар карда шавад. Ба ибораи дигар, ғолиби интихобот бояд муайян гардад.

Ҳисоби овозҳо, одатан фавран баъди хотима ёфтани овоздиҳӣ оғоз мешавад ва сандуқҳои овоздиҳӣ кушода мешаванд ва ё ҳисобкунакҳои машинаҳои овоздиҳӣ мавриди тафтиш (мушоҳида) қарор мегиранд ва оид ба нишондодҳои онҳо санадҳои марбута тартиб дода мешаванд. Дар санадҳои тартибдодашуда қабл аз ҳама шумораи умумии интихобкунандагоне, ки ба рӯйхати интихобкунандагон дохил карда шуданд, шумораи бюллетенҳое, ки аз сандуқи овоздиҳӣ гирифта шудаанд, шумораи овоздодагон, шумораи овозҳои додашуда, шумораи овозҳое, ки ба ҳар як номзад ва (ва ё) ба рӯйхати номзадҳо дода шудаанд сабт карда мешаванд. Илова бар ин, шумораи бюллетенҳои холӣ, ки ба сандуқи овоздиҳӣ партофта шуданд ба инобат гирифта мешаванд.

Тамоми санадҳои зарурӣ аз ҷониби комиссияи участкавии интихоботӣ тартиб дода шуда, ба мақомоти болоии интихоботӣ фиристода мешаванд.

Натиҷаи интихоботро комиссияҳои ҳавзавии интихобот ва дар ҳолатҳои марбута комиссияҳои марзию ҳудудии интихоботӣ, аз ҷумла комиссияҳои маркази интихоботӣ, муайян мекунанд. Маҳз ҳамин мақомот бо дарназардошти маводи санадҳои комиссияҳои участкавии интихоботӣ масъалаи воқеи будани интихобот, баргузорӣ ва самарабахшии он ва дар ҳолатҳои зарурӣ гузаронидани даври дувуми овоздиҳӣ ва ё интихоботи навро ҳал мекунанд[130].

Натиҷаи ниҳоии интихоботро комиссияи маркази интихоботӣ ва ё дигар мақомоти марзию ҳудудии интихоботӣ муайян мекунанд ва дар муддати қонун муқаррар карда онро ба нашр мерасонанд.

Ба ҳамин тартиб, қонунгузории кишвар бо дарназардошти имконияти ба миён омадани зиддияту нофаҳмиҳо ва амалан содир шудани қаллобиҳою ҷиноятҳои вобастаи интихобот тарзу тартиби мухталифи назорати онро муқаррар намуда, то ин ки интихобкунандагон дар фазои озоду орӣ аз ҳар гуна фишору таҳдид тавонанд нисбат ба номзади мушаххас ва ё рӯйхати номзадҳои ҳизбҳои сиёсӣ овоз диҳанд. Дар ҳақиқат, аз он ҷое, ки интихобот яке аз роҳҳои зоҳиршавии демократияи мустақим мебошад ва ба василаи он асли соҳибихтиёрии мардум амалан татбиқ мегардад, то ҳадди имкон он бояд ошкоро ва бошарафона гузарад ва изҳори иродаи ҳар интихобкунандаро ҳамон тавре, ки ӯ мехоҳад, таъмин намояд. Тасдиқи дурустию саҳеҳии интихоботи гузашта ва ҳалли баҳсҳои вобаста ба интихоб шудани номзад ба мансаби интихобӣ, ки яке аз хислатҳои давлатҳои дорои режими сиёсии демократӣ мебошад, маҳз барои таъмини комилҳуқуқии мардум татбиқ мешаванд. Илова бар ин, бо ба инобат гирифтани андешаи «халқ ягона сарчашмаи ҳокимият аст», қонунҳои марбутаи давлатҳои ҷаҳон аз роҳи таъмини назорати интихобот сарнавишти мардумро ба дасти худи мардум додааст[131].

---

[130] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 170.
[131] Ниг.: Ҳамидов Х.Ҳ. Асари зикршуда. – С. 173.

# БОБИ 2. ВИЖАГИҲОИ ХОСИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ СУБЪЕКТОНИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Мафҳум ва таснифи субъектони раванди интихоботӣ

Раванди интихоботӣ дар фаъолияти иштирокчиёни он – субъектҳои раванди интихоботӣ таҷассум ёфтааст. Субъектҳои раванди интихоботӣ мазмунан таҷассумгари субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ мебошанд, ки дар марҳилаҳои гуногуни он бо тартиби муқарраргардида иштирок мекунанд. Субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин шахсони гуногуни иҷтимоӣ мебошанд, ки мақоми шахси ҳуқуқиро доранд.

Субъект – ин унсури зарурии тамоми муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, аммо дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мақоми он дорои махсусиятҳои хос мебошад. Дар нақши субъект ҳар як намуди фаъолияти шахси мушаххас, ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ ва умумуман тамоми ҷомеа баромад менамояд. Субъект амалҳои зарурииро иҷро намуда, ба муносибатҳои мухталиф ворид мешавад, ки рушди ҳуқуқҳои мушаххас, масъулият ва вазъияти муайянро талаб менамояд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки субъектҳои раванди интихоботӣ дар шароити муосир аз ҷумлаи масъалаи баҳснок ва ҳалношуда боқӣ мондааст. Амалияи ҷаҳонӣ ба сифати ин гуна субъект танҳо ҳизбҳои сиёсиро муайян намудааст, аммо ба назари мо, доираи иштирокчиёни раванди интихоботиро танҳо бо ҳизбҳои сиёсӣ маҳдуд намудан он қадар дуруст нест. Тавре аён аст, дар интихоботи сатҳи гуногун бояд субъектҳои гуногуни раванди интихоботӣ мавҷуд бошанд.

Мо чунин мешуморем, ки ба хотири фаҳмиши пурраи моҳият ва хусусиятҳои субъекти раванди интихоботӣ, пеш аз ҳама, категорияи мазкур мавриди таҳлил ва муайяннамоӣ бояд қарор дода шавад. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки зери мафҳуми «субъекти раванди интихоботӣ» иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии интихоботӣ, ки ҳуқуқи

интихоботро амалӣ мекунанд ё уҳдадориҳои қонунгузории интихоботӣ муқарраршударо иҷро мекунанд, фаҳмида мешаванд[132].

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки субъектҳои раванди интихоботӣ дар алоқамандӣ бо субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ қарор дошта, якдигарро мукаммал ва устувор мегардонанд. Бояд гуфт, ки субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ бо иштирокияти шахсони муайян дар раванди интихоботӣ муайян карда мешавад, ки асоси масъалаи мазкурро ташкил медиҳад. Бо ҳамин мазмун дар яке аз сарчашмаҳо зери мафҳуми субъекти ҳуқуқи интихоботӣ шахсони иштироккунандаи раванди интихоботиро меноманд, ки имкони амалӣ намудани иродаи ягонаро дошта, ба сифати яке аз шахсони амаликунандаи ҳуқуқу уҳдадориҳо баромад мекунад ва барои натиҷаҳои фаъолияти худ масъулият дорад[133].

Бояд тазаккур дод, ки дар раванди интихоботӣ шаҳрвандон, шахсони мансабдор, мақомоти мухталифи давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ ҳамчун субъектҳои раванди интихоботӣ баромад менамоянд. Ба сифати субъект баромад намуда, иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи интихоботӣ як қатор хусусиятҳои иловагиро касб менамоянд, ки мазмуну мундариҷаи алоқаҳои ҳуқуқиро ташкил менамоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди омӯзиши субъектҳои раванди интихоботӣ – масъалаи намудҳои субъектҳои раванди интихоботӣ мебошад, ки мувофиқи якчанд нишондиҳанда амалӣ карда мешавад[134]. Дар ин самт метавон нишондиҳандаҳои зеринро махсусан қайд намуд:

– ҷалбгардӣ ба раванди интихоботӣ: субъектҳои асосӣ ва субъектҳои иловагӣ ё ёрирасон. Ба субъектҳои асосӣ шаҳрвандон-интихобкунандагон, ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳо, комиссияҳои интихоботӣ, ки бевосита дар гузаронидани раванди интихоботӣ ширкат меварзанд, дохил мешаванд. Ба субъектҳои иловагӣ ё ёрирасон мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ,

---

[132] Ниг.: Князев С.Д. Курс лекций по избирательному праву и избирательному процессу Российской Федерации. – Владивосток: Изд-во ДГУ, 2001. – С. 213.
[133] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://lawbook.online (санаи муроҷиат: 10.08.2022).
[134] Ниг.: Дмитриев Ю.А., Исраелян В.Б. Избирательное право: учебник. – М.: Юстицинформ, 2008. – 312 с.

воситаҳои ахбори умум, судҳои доираи ҳуқуқи умумӣ, шахсони боэътимод, мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ дохил мешаванд, ки ба гузаронидани интихобот мусоидат менамоянд;

– аз шомилият ба ин ё он марҳилаи раванди интихоботӣ: субъектҳои дорои ҳуқуқи таъин намудани интихобот; субъектҳо, ки дар таъсиси комиссияҳои интихоботӣ ширкат мекунанд; субъектҳо, ки номзадҳоро пешбарӣ менамоянд;

– тарзи қабули қарор дар ҷараёни раванди интихоботӣ дар сохтори худ: субъектҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ. Ба субъектҳои инфиродӣ интихобкунанда, номзад, номзади бақайдгирифташуда, шахси боэътимод, нозир, Президенти ҶТ, аъзои комиссияи интихоботӣ дохил мешаванд. Ба субъектҳои дастаҷамъӣ комиссияҳои интихоботӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дохил мешаванд[135].

Дар асоси ин ва дигар нишондиҳандаҳо намудҳои мухталифи субъектҳои раванди интихоботӣ ҷудо карда мешавад. Аксарияти муҳаққиқон дар таҳқиқотҳои худ таснифоти ҳаматарафаи субъектҳои раванди интихоботиро пешниҳод накардаанд ва ё пешниҳоди онҳо характери сатҳиро доро мебошанд.

Муҳаққиқони рус Ю.А. Дмитриев ва В.Б. Исраелян нишондиҳандаҳои мухталифро истифода намуда, тамоми субъектҳои раванди интихоботиро ба се гурӯҳ ҷудо намудаанд: шахсони инфиродӣ, иттиҳодияҳо ва ҳокимияти давлатӣ[136]. Қайд намудан зарур аст, ки чунин таснифот нақши ин ё он субъекти раванди интихоботиро пурра акс наменамояд. Масалан, дар гурӯҳи якум интихобкунандагон ва мушоҳидон ворид карда шудаанд, лекин интихоботро метавон бе иштироки мушоҳидон гузаронид, лекин бе интихобкунандагон дар ягон ҳолат интихобот баргузор намешавад.

---

[135] Ниг.: Диноршоев А.М., Салохидинова С.М., Сафарзода Н.Р. Избирательное право и избирательный процесс в Республике Таджикистан. Учебно-методический комплекс / Под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. – Душанбе, 2018. – С. 37.

[136] Ниг.: Дмитриев Ю.А., Исраелян В.Б. Избирательное право: учебник. – М.: Юстицинформ, 2008. – С. 312.

Мутахассиси дигари ҳуқуқи конститутсионӣ Краснов К.В. чунин гурӯҳбандиро пешниҳод менамояд, ки мувофиқи он дар раванди интихоботӣ шаш гурӯҳи иштирокчиён ҷудо карда мешаванд:

– мақомоте, ки интихоботро таъин менамоянд;

– комиссияҳои интихоботӣ;

– субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ;

– воситаҳои ахбори омма;

– мақомоте, ки қонунӣ будани интихоботро назорат менамоянд;

– мақомоте, ки ба таври моддӣ интихоботро таъмин менамоянд[137].

Ҳамзамон, мо чунин мешуморем, ки чунин таснифот дорои асоси ягонаи тақисмбандӣ набуда, инчунин нақш ва мақоми ин ё он субъектро дар раванди интихоботӣ таҷассум наменамояд. Илова бар ин, қайд намудан зарур аст, ки як қатор муаллифон ба субъектҳои раванди интихоботӣ ҳатто мақомоти қабули меъёрҳоро ворид менамоянд, ки умуман дар муносибатҳои интихоботӣ иштирок надоранд[138].

Дар ҳалли масъалаи намудҳои субъектҳои раванди интихоботӣ зарур аст, ки аз нишондиҳандаҳое, ки аз тарафи олимони ҳуқуқи мурофиавӣ коркард гардидаанд, истифода намуд. Ҳамин тариқ, мавқеи умумиэътирофгардидаи ҷудо намудани субъектҳои мурофиаи гражданӣ ба субъектҳои асосӣ ва ёрирасон ба ҳисоб меравад. Албатта, чунин намудҳои субъектҳои раванди интихоботӣ аз ҷониби аксар олимони соҳавӣ ҷонибдорӣ гардидааст ва мо низ бо дарназардошти нақш ва таъиноти иштирокчиёни раванди интихоботӣ чунин намудҳои субъектҳои раванди мазкурро ҷонибдорӣ менамоем. Субъектҳои асосӣ – барандагони ҳуқуқи моддии баҳснок, шахсоне, ки дар раванд иштирок мекунанд, ба монанда даъвогар ва ҷавобгар ба ҳисоб меравaнд. Шахсони ёрирасон, ки ба амалӣ намудани адолати судӣ мусоидат менамоянд – шоҳид, коршинос ва инчунин намояндагон ба ҳисоб меравaнд[139].

---

[137] Ниг.: Краснов К.В. Субъект избирательного процесса в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 8.

[138] Ниг.: Арбитражный процесс: учебник / Под ред. Д.Х. Валеева, Ю.М. Челышева. – М.: Статус, 2010. – С. 96-98.

[139] Ниг.: Арбитражный процесс: учебник / Под ред. Д.Х. Валеева, Ю.М. Челышева. – М.: Статус, 2010. – С. 77.

Дар мурофиаи ҷиноятӣ низ аксарияти олимон андешаронии ҳои ба ин монандро дастгирӣ менамоянд. Қайд намудан зарур аст, ки аксарияти муаллифон ба сифати гурӯҳи алоҳида судро ба сифати ташкилкунандаи мурофиа ҷудо менамоянд. Аз ин хотир, метавон ин нуқтаи назарро дар намудҳои субъектҳои раванди интихоботӣ истифода намуд.

Тибқи арзёбии дигар сарчашмаи илмӣ ба субъектҳои ёрирасон, ба ғайр аз нозирон ва шахсони боэътимод, инчунин комиссияҳои интихоботӣ ва дигар мақомоти ҳокимиятро, ки дар ташкил ва баргузории интихобот иштирок мекунанд, дохил кард[140]. Мо чунин мешуморем, ки мақомоти нишондодашуда дар раванди интихоботӣ бо мақсади амалӣ намудани ҳуқуқҳои интихоботии дигарон иштирок менамоянд. Нақши комиссияҳои интихоботӣ ва шахсони боэътимод гуногун аст. Бе комиссияҳои интихоботӣ гузаронидани интихобот ғайриимкон аст, лекин иштироки шахсони боэътимод на он қадар зарур аст.

Мутахассиси соҳа Р.Ф. Биктагиров оид ба мавҷудияти субъектҳои ҳатмӣ ва ёрирасон чунин ақида пешниҳод намудааст, ки аз нигоҳи ӯ бе субъектҳои ҳатмӣ гузаронидани интихобот ғайриимкон аст. Ба чунин субъектҳо, интихобкунандагон, номзадҳо ва комиссияҳои интихоботӣ ворид карда шудаанд. Ба субъектҳои ёрирасон, ки иштироки онҳо дар интихобот муҳим ва зарурӣ шуморида намешавад, мушоҳидон ворид карда шудаанд[141]. Ақидаи мазкур қобили қабул буда, аҳаммияти илмӣ дорад.

Дар раванди интихоботӣ ду гурӯҳи калони субъектҳо – иштирокчиёни ҳатмӣ ва ёрирасон иштирок менамоянд. Субъектони ҳар ду гурӯҳ, дар навбати худ, вобаста ба мавҷудияти ҳуқуқҳои интихоботии моддӣ ва мурофиавӣ ба ду зергурӯҳ ҷудо карда мешаванд. Дар байни субъектҳои ҳатмӣ метавон барандагони ҳуқуқи фаъол ва ғайрифаъоли интихоботро ҷудо намуд. Аз ин рӯ, барандагони он субъектҳои асосии раванди интихоботӣ ба ҳисоб мераванд.

---

[140] Ниг.: Ершов В.А. Основы избирательного права: учеб. пособие для студ. вузов. – М.: ГроссМедия, 2008. – С. 25 (192 с.).

[141] Ниг.: Биктагиров Р.Ф. Субъект избирательного права Российской Федерации: конституционно-правовое исследование: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2010. – С. 6.

Интихобкунандагон ва номзадҳо дорои ҳуқуқи асосӣ ва иловагии интихоботӣ мебошанд. Ин субъектҳо дар муносибатҳои моддии асосии интихобот – муносибатҳо оид ба ваколатдоркунии шахси мансабдори интихобӣ, ташаккули мақомоти интихобии ҳокимият иштирок менамоянд. Дар чунин ҳолат субъектҳои асосии ҳуқуқ доранд дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ дар марҳилаҳои мухталифи он низ иштирок намоянд. Масалан, интихобкунандагон ҳуқуқ доранд дар амалӣ намудани ташвиқоти пешазинтихоботӣ, ҷамъоварии имзоҳо, маблағгузории маъракаи интихоботӣ иштирок намоянд.

Бояд қайд кард, ки тибқи қонунгузории амалкунанда танҳо шаҳрвандон дорандагони ҳуқуқи интихоботи фаъол ва ғайрифаъол ҳисобида мешаванд, аммо қайд кардан мумкин аст, ки дар сурати истифодаи низоми мутаносиби интихобот, шаҳрвандон ба рӯйхати ҳизбӣ овоз медиҳанд, ҳизбҳои сиёсӣ низ метавонанд ҳамчун барандаи ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол баромад намоянд[142].

Субъектҳои дастаҷамъона ё худ коллективӣ аз гурӯҳҳои алоҳида иборат мебошанд. Мавҷудияти онҳо аз қонуни гузариши сифат ба миқдор бармеояд. Масалан, маҷмуи муайяни интихобкунандагон ба субъекти мустақил табдил меёбад, ки раъйдиҳии онҳо бо раъйдиҳии интихобкунандагони алоҳида маҳдуд намегардад. Чунин субъектҳо бевосита дар раванди интихоботӣ иштирок намекунанд, зеро аз номи онҳо намояндагон баромад менамоянд. Манфиатҳои ҳизбро шахсони боэътимод ва намояндагони ваколатдор пешниҳод менамоянд. Халқро дар интихобот интихобкунандагони қаторӣ, пас аз интихобот бошад, намояндагони интихобшуда ва мансабдорони давлатии интихобӣ намояндагӣ менамоянд.

Ба гурӯҳи дуюми субъектҳои ҳатмӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ворид мешаванд, ки интихоботро ташкил менамоянд. Ба чунин мақомот комиссияҳои интихоботӣ дохил мешаванд, ки дорои ҳуқуқи

[142] Ниг.: Маклаков В. В. Избирательное право и избирательные системы буржуазных и развивающихся стран. – М.: ВЮЗИ, 1987. – С. 65.

моддӣ ва мурофиавии интихоботӣ нестанд, лекин дорои ваколатҳои васеъ мебошанд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки ин категорияи иштирокчиёни раванди интихоботӣ – субъектҳои ваколатдор ба ҳисоб мераванд, ки мувофиқи қонунгузорӣ уҳдадориҳои ҳуқуқиро иҷро менамоянд[143]. Ин иштирокчиёни раванди интихоботӣ вазифаи хизматиро иҷро менамоянд. Мақсади асосии иштироки ин гурӯҳи субъектҳо аз бунёди шароити зарурӣ барои тайёрнамоӣ ва гузаронидани интихобот, инчунин амалӣ намудани ҳуқуқи фаъол ва ғайрифаъоли интихоботии субъектҳои асосии раванди интихоботӣ иборат аст. Иштироки ин гурӯҳи иштирокчиён дар раванди интихоботӣ муҳим ва зарурӣ нест, бар замми ин, онҳо танҳо дар амалҳои алоҳидаи интихоботӣ иштирок менамоянд. Аз ин рӯ, метавон чунин субъектҳоро субъектҳои ёрирасон номид.

Субъектҳои ёрирасонро метавон ба ду зергурӯҳи алоҳида ҷудо намуд. Ба зергурӯҳи якум ҳамон иштирокчиён ворид карда мешаванд, ки чун қоида, дорои ҳуқуқҳои мурофиавӣ буда, танҳо дар амалҳои алоҳидаи интихоботӣ иштирок менамоянд. Масалан, мушоҳидон, воситаҳои ахбори умум ва намояндагии онҳо, шахсони боэътимод, намояндагони ваколатдори ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳи ташаббусскор (ҷамъоварони имзо), иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки номзадҳоро пешниҳод менамоянд, шахсони ҳуқуқӣ, ки маблағгузории раванди интихоботиро таъмин менамоянд, ба субъектҳои ёрирасони раванди интихоботӣ шомил мешаванд. Метавон қайд намуд, ки ин субъектҳо вазифаи ёрирасонро танҳо нисбати ягон иштирокчии асосӣ – интихобкунандагон, номзадҳо, ҳизбҳо иҷро менамоянд.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдор, ки дар ташкил ва гузаронидани интихобот мусоидат мекунанд, гурӯҳи дуюми субъектҳои ёрирасонро ташкил медиҳанд. Ба ин гурӯҳи субъектҳо Президенти ҶТ, Маҷлиси Олии ҶТ, фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ, судҳо, прокуратура дохил мешаванд. Ин иштирокчиён, ба монанди

[143] Ниг.: Макарцев А.А. Неопределенность норм избирательного права / А.А. Макарцев // Конституционное и муниципальное право. – 2012. – №4. – С. 43.

комиссияҳои интихоботӣ субъектҳои ваколатдор ба ҳисоб мераванд ва дорои ҳуқуқи интихобот нестанд. Онҳо танҳо амалҳои алоҳидаи интихоботиро иҷро намуда, ба комиссияҳои интихоботӣ дар ташкил ва гузаронидани интихобот мусоидат мекунанд. Мутобиқан, онҳо вазифаи хизматрасониро нисбат ба иштирокчиёни ҳатмии раванди интихоботӣ иҷро менамоянд, яъне онҳо ҳам иштироки субъектҳои асосӣ ва ҳам фаъолияти комиссияҳои интихоботиро дар раванди интихоботӣ таъмин менамоянд. Маҳз бо ин хусусият онҳо аз субъектҳои зергурӯҳи якуми ёрирасон фарқ мекунанд. Таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки масъалаи ворид намудани суд ва прокуратура ба субъектҳои раванди интихоботӣ – масъалаи баҳсталаб мебошад. Муаллифони дигар таъкид менамоянд, ки онҳо дар муносибатҳои интихоботӣ иштирок намуда, бақайдгирии номзади алоҳидаро бекор менамояд ё комиссияи интихоботро вазифадор мекунад ки интихоботро таъин кунад[144], аммо шахсони ҳуқуқвайронкунандаро ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ ҷалб намуда, суд ҳамчун иштирокчии муносибатҳои мурофиавӣ-гражданӣ боқӣ мемонад.

Прокуратура танҳо дар ҳамон ҳолат ҳамчун субъекти раванди интихоботӣ баромад менамояд, ки дар баррасии баҳси интихоботӣ дар тартиби маъмурӣ иштирок намояд. Ҳамин тариқ, прокурорҳо метавонанд ба комиссияҳои интихоботӣ нисбати риоя нагардидани тартиби тақсими вақти воситаҳои ахбори умум мурочиат намуда, бо ин васила ҳуқуқи худро нисбат ба эътирозҳо, пешниҳоднамоӣ ва эҳтиёткорӣ иҷро менамоянд[145]. Суд ва прокуратура субъектҳои раванди интихоботӣ ба ҳисоб рафта, ба комиссияҳои интихоботӣ дар ташкил ва гузаронидани интихобот мусоидат менамоянд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ошкор карда шуд, ки доираи субъектҳои раванди интихоботӣ хеле васеъ буда, дар он субъектҳои гуногун, ки ин ва ё он вазифаро иҷро намуда, дорои ҳаҷми мухталифи ҳуқуқ

---

[144] Ниг.: Биктагиров Р.Ф. Роль судов общей юрисдикции и органов прокуратуры в избирательном процессе / Р.Ф. Биктагиров // Журн. о выборах. – 2010. – №2. – С. 29-32.

[145] Ниг.: Пахоменко Т. Избирательное законодательство и соблюдение законности / Т. Пахоменко // Законность. – 2000. – №7, 8. – С. 11-16.

ва масъулиятҳо мебошанд, дохил мешаванд. Имконияти ҳаҷми ҳадди ақали ҳуқуқҳо ба субъектҳои асосӣ – интихобкунандагон, номзадҳо ва ҳизбҳо, ки ҳуқуқи иштирок дар ҳамаи марҳилаҳои раванди интихоботро доранд, дода мешавад.

Субъектҳои ёрирасон аслан танҳо дорои ҳуқуқҳои маҳдуди мурофиавӣ мебошанд, ки дар марҳилаҳои алоҳидаи интихоботӣ амалӣ мегардад. Дар заминаи баррасии субъектҳои раванди интихоботӣ бояд гуфт, ки усули баробарии тамомии иштирокчиёни раванди интихоботӣ набояд ба таври абстрактӣ фаҳмида шавад. Баробарии қатъӣ бояд танҳо дар байни субъектҳои як сатҳ таъмин карда шавад. Дар байни субъектҳои сатҳҳои гуногун баробарӣ вуҷуд дошта наметавонад, зеро онҳо дар раванди интихоботӣ вазифаҳои гуногунро иҷро менамоянд.

Тамоми нишондиҳандаҳо ва намудҳои субъектҳои раванди интихоботиро баррасӣ намуда, метавон дар асоси нақш ва мақоми субъектҳо дар раванди интихоботӣ, субъектҳои таъминкунандаи раванди интихоботӣ ва субъектҳои иштирокчии раванди интихоботиро ҷудо намуд. Дар чунин ҳолат субъектҳое, ки дар раванди ташкил ва гузаронидани интихобот мавқеи хосса доранд, ба монанди комиссияҳои интихоботӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, ба қатори субъектҳои ташкилкунанда ё таъминкунандаи раванди интихоботӣ баромад менамоянд. Субъектҳои дигар, ба монанди шаҳрвандон – интихобкунандагон, номзадҳо, шахсони боэътимод ҳамчун иштирокчии асосӣ ва муҳимми раванди интихоботӣ баромад менамоянд.

Ошкор намудани мақоми субъектони раванди интихоботӣ имкон медиҳад, ки онҳоро аз рӯйи асосҳои гуногун таснифбандӣ намуд. Таснифи гуногун ҳамзамон имкон медиҳад, ки вазъи ҳуқуқии ҳар як субъекти мушаххаси раванди интихоботиро равшан намуд. Бинобар ҳамин, дар доираи таҳқиқот як қатор таснифоти муайянкунандаи намуд ва зернамудҳои субъектҳои раванди интихоботӣ пешниҳод гардидаанд.

Омили муҳимми муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии субъектон ин ҷудо намудани нақши онҳо дар раванди интихоботӣ мебошад. Бо дарназардошти ин ҳолат, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ номи муайяни субъектони (иштирокчиёни) раванди интихоботӣ асоснок карда шудаанд. Дар асоси ин, мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда номи субъектонро муайян мекунанд, ки маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ва нақши онҳоро дар раванди интихоботӣ инъикос менамоянд. Албатта, шумораи номи субъектон ба таври ҳатмӣ наметавонанд таснифбандӣ шаванд, аммо, онҳо нисбати иштирокчиёни раванди интихоботӣ маълумот дода, асоси таснифбандии онҳо мегардад. Дар шароити муосир метавон чунин субъектҳои раванди интихоботиро муайян намуд, ки дар ташкилу баргузории интихобот нақши муҳим доранд:

1) Интихобкунандагон, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ онҳоро ҳамчунин шаҳрвандон низ меноманд. Ба онҳо ҳуқуқ дода шудааст, ки аз шумораи номзадҳои пешбаришуда онеро, ки метавонад онҳоро дар мақомоти ҳокимияти оммавӣ намояндагӣ кунад, интихоб намоянд. Онҳо субъекти асосии раванди интихоботӣ ҳисобида мешаванд, ки иродаи онҳо дар ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ё интихоби шахсони мансабдор ҳалкунанда мебошад. Чуноне аз мазмуни меъёрҳои Конститутсияи ҶТ (м.27) ва Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ» бармеояд шаҳрвандони ҶТ, ки дар рӯзи интихобот ба синни 18 расидаанд, ҳуқуқи интихоб карданро доранд (м.4). Дар дигар меъёри Қонуни конститутсионии мазкур ҳуқуқи интихоботии баробар кафолат дода шудааст (м. 5).

2) Ҳизбҳои сиёсӣ – иттиҳодияи сиёсии ҷамъиятӣ, ки дорои ҳуқуқи пешбарии номзадҳо ба мансабҳои интихобӣ ва иштирок дар интихобот мебошад. Масалан, ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқ доранд, ки номзадҳоро ба мансаби Президенти ҶТ пешбарӣ намоянд[146]. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчунин ҳуқуқ доранд,

[146] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АШОҶТ. – 1994. – №13. – мод. 195; АМОҶТ. – 1999. – №9. – мод. 238; – 2005. – №12. – мод. 626; – 2018. – №2. – мод. 60; – №9-10. – мод 580; – 2019. – №7. – мод. 459.

ки номзадҳоро ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ[147] ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ пешбарӣ намоянд[148].

3) Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ – онҳоро ҳамчунин ба сифати субъекти раванди интихоботӣ баррасӣ менамоянд. Масалан, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи ҷавонони Тоҷикистон ҳуқуқи пешбарии номзадҳоро ба мансаби Президенти ҶТ доранд[149].

4) Номзадҳо ба вакилӣ (барои ишғоли мансаби интихобӣ) ин ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол мебошад, ки номзадҳо барои вакилӣ ва ё ишғоли мансаби интихобӣ ба қайд гирифта мешаванд. Шаҳрванд, ки ба сифати номзад ба қайд гирифта шудааст, ҳамчун номзади бақайдгирифташуда эътироф мегардад. Чунончӣ, ба мансаби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ танҳо шаҳрванди ҶТ, ки синни ӯ на кам аз 30 аст, дорои маълумоти олӣ буда, забони давлатиро медонад, ҳуқуқи пешниҳод намудан дорад[150]. Номзадҳо ба вакилии маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо шахсоне ҳуқуқи пешбарӣ намуданро доранд, ки танҳо шаҳрванди ҶТ бошанд, забони давлатиро донанд, дар ҳудуди вилоят, шаҳр ва ноҳияи дахлдор ба таври доимӣ фаъолият кунад ва ё зиндагӣ намояд[151].

5) Воситаҳои ахбори омма (минбаъд ВАО) – субъектони раванди интихоботӣ мебошанд, ки ба таъминоти иттилоотии ташкил ва баргузории интихобот мусоидат менамоянд. Иштироки ВАО ошкорбаёнии ташкил ва баргузории интихоботро таъмин менамояд. Шаҳрвандон, номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқ доранд, ки дар доираи талаботи муқаррарнамудаи

---

147 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АМОҶТ. – 1999. – №12. – м. 296; – 2004. – №7. – м. 451; – 2007. – №5. – м. 352; – 2008. – №10. – м. 797; – 2012. – №8. – м. 811; – 2014. – №3. – м. 140; – №7. – қ. 1. – мод. 382; – 2017. – №7-9. – мод. 562; – 2018. – №2. – мод. 61; – 2019. – №7. – мод. 460.

148 Ниг.:Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои вакилони халқ // АМОҶТ. – 2017. – №5. – мод. 269; – 2019. – №7. – ст. 461.

149 Ниг.: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АШОҶТ. – 2018. – №2. – мод. 60; – №9-10. – мод 580; – 2019. – №7. – мод. 459.

150 Ниг.: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АМОҶТ. – 1999. – №12. – м. 296; – 2004. – №7. – м. 451; – 2007. – №5. – м. 352; – 2008. – №10. – м. 797; – 2012. – №8. – м. 811; – 2014. – №3. – м. 140; – №7. – қ. 1. – мод. 382; – 2017. – №7-9. – мод. 562; – 2018. – №2. – мод. 61; – 2019. – №7. – мод. 460.

151 Ниг.:Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои вакилони халқ // АМОҶТ. – 2017. – №5. – мод. 269; – 2019. – №7. – ст. 461.

қонунгузорӣ ташвиқотро дар интихобот истифода намуда, ба таври озод ва ҳамаҷониба барномаҳои пешазинтихоботӣ, сифатҳои шахсиро тавассути ВАО муҳокима намоянд.

6) Шахсони боэътимоди номзадҳо – шахсони ваколатдори номзадҳо мебошанд, ки амалҳои муайянро бо мақсади интихоби номзад, аз он ҷумла баамалбарории ташвиқоти пешазинтихоботӣ иҷро мекунанд. Ҳамин тариқ, номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ ҳуқуқ доранд то 15 нафар[152], номзадҳо ба мансаби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ то 5 нафар ва ҳизбҳои сиёсӣ, ки рӯйхати номзадҳоро пешниҳод кардаанд, барои ҳар як номзад то 5 нафар шахси боэътимод ҳуқуқ доранд[153]. Шумораи шахсони боэътимоди номзадҳо ба вакилии Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи вилоятҳо то 3 нафар ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи шаҳр ва ноҳияҳо то 2 нафар шахсони боэътимод муайян шудааст[154].

7) Аъзоёни комиссияҳои интихоботӣ – шахсони ваколатдор барои иштирок дар кори комиссияҳои дахлдори интихоботӣ мебошанд. Барои интихобот дар мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ низоми гуногуни комиссияҳои интихоботӣ мавҷуд аст. Шумораи аъзоён ва тартиби таъини онҳо аз вазъи ҳуқуқии комиссия вобастагӣ дорад. Масалан, барои таъсиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ 7 нафар аъзо, ки бо пешниҳоди Президенти ҶТ аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ интихоб карда мешаванд ва барои ҳавзаҳои якмандатии интихобот бошад аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ дар ҳайати на камтар аз 6 аъзо ташкил карда мешавад[155].

---

[152] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АШОҶТ. – 2018. – №2. – мод. 60; – №9-10. – мод 580; – 2019. – №7. – мод. 459.

[152] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АМОҶТ. – 1999. – №12. – м. 296; – 2004. – №7. – м. 451; – 2007. – №5. – м. 352; – 2008. – №10. – м. 797; – 2012. – №8. – м. 811; – 2014. – №3. – м. 140; – №7. – қ. 1. – мод. 382; – 2017. – №7-9. – мод. 562; – 2018. – №2. – мод. 61; – 2019. – №7. – мод. 460.

[153] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»// АМОҶТ. – 1999. – №12. – м. 296; – 2004. – №7. – м. 451; – 2007. – №5. – м. 352; – 2008. – №10. – м. 797; – 2012. – №8. – м. 811; – 2014. – №3. – м. 140; – №7. – қ. 1. – мод. 382; – 2017. – №7-9. – мод. 562; – 2018. – №2. – мод. 61; – 2019. – №7. – мод. 460.

[154] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои вакилони халқ // АМОҶТ. – 2017. – №5. – мод. 269; – 2019. – №7. – ст. 461.

[155] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АМОҶТ. – 1999. – №12. – м. 296; – 2004. – №7. – м. 451; – 2007. – №5. – м. 352; – 2008. – №10. –

8) Мушоҳидони миллӣ – шахсоне, ки аз ҷониби номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ бо мақсади амалисозии мушоҳидаи овоздиҳӣ, ҳисоб намудани овозҳо ва дигар амалҳои комиссияи интихоботӣ дар давраи ташкили овоздиҳӣ ва муайян намудани натиҷаҳои он таъин мешаванд. Вазъи ҳуқуқии мушоҳидони миллӣ дар ин ё он интихобот бо қонунҳои конститутсионии дахлдор танзим мегарданд. Масалан, оид ба интихоботи Президенти ҶТ вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои мушоҳидони миллӣ дар моддаи 4 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» муқаррар шудааст. Дар асоси моддаи мазкур рӯйхати мушоҳидони миллӣ аз субъектони пешниҳодкунандаи номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ дар комиссияи ҳавзавии дахлдор ба қайд гирифта мешавад.

9) Мушоҳидони байналмилалӣ – шахсоне, ки аз ҷониби субъектони хориҷӣ бо мақсади амалигардонии мушоҳидаи ташкил ва баргузории интихобот дар шароити ошкоро ва шаффофият таъин мегарданд. Иштироки онҳо бо мақсади таъмини баргузории шаффоф ва демократии интихобот аст. Иштироки мушоҳидони байналмилалӣ танҳо дар интихоботи сатҳи ҷумҳуриявӣ (интихоботи Маҷлиси Олӣ ва Президенти ҶТ) иҷозат дода мешавад. Дар интихоботи сатҳи маҳаллӣ бошад, иштироки шахсони мазкур пешбинӣ нагардидааст.

10) Комиссияҳои интихоботӣ – мақоми коллегиалӣ мебошанд, ки дар асоси қонунгузорӣ бо мақсади ташкил ва таъмини омодагӣ ва гузаронидани интихобот таъсис мегарданд. Дар адабиёти илмӣ оид ба ҳуқуқи интихоботӣ ва раванди интихоботӣ тамоми комиссияҳои интихоботӣ ба ду гурӯҳ ҷудо гардидаанд:

– комиссияҳои интихоботии доимӣ – Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ;

м. 797; – 2012. – №8. – м. 811; – 2014. – №3. – м. 140; – №7. – қ. 1. – мод. 382; – 2017. – №7-9. – мод. 562; – 2018. – №2. – мод. 61; – 2019. – №7. – мод. 460.

– комиссияҳои интихоботии муваққатӣ – комиссияҳои интихоботии ҳавзавӣ ва участкавӣ. Ташкили чунин комиссияҳои интихоботӣ марҳилаи алоҳидаи раванди интихоботиро ташкил медиҳад[156].

11) Мақомоти ҳокимияти давлатӣ – мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар доираи салоҳияти худ фаъолиятро оид ба таъини интихобот, тасдиқи нақшаи ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ (мақомоти намояндагӣ), таъминоти моддии ташкил ва гузаронидани интихобот ва назорати интихоботро амалӣ менамояд. Масалан, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳисобу китоби интихобкунандагон ва ба комиссияҳои участкавии интихоботӣ пешниҳоди маълумот оид ба интихобкунандагони дар ҳудуди дахлдорро таъмин менамояд. Мақомоти корҳои дохилӣ ҳимояи биноҳоеро, ки дар онҳо бюллетенҳои интихоботӣ ҷойгиранд, таъмин менамояд.

12) Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот – мақоме, ки дар доираи салоҳияти худ таъини интихобот, таъминоти моддию техникии баргузории интихобот ва назорати интихоботро амалӣ мекунад. Масалан, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ӯҳдадор аст, ки вохӯрии номзадҳо ба вакилиро бо интихобкунандагон ташкил намояд[157]. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот интихобкунандагонро оид ба макон ва вақти гузаронидани вохӯрӣ бо номзадҳо ба мансаби вакили Маҷлиси вакилони халқ огоҳ менамоянд.

13) Дигар субъектҳо, ки ба ташкили раванди интихоботӣ (ташкилкунандагони интихобот) мусоидат менамоянд. Ба сифати чунин субъектҳо роҳбарони муассисаҳои иҷтимоӣ, масалан, роҳбарони хонаҳои истироҳатӣ, санаторияҳо, беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои истироҳатӣ маълумотҳоро, ки дар асоси онҳо рӯйхати интихобкунандагон тартиб дода

---

[156] Ниг.: Диноршоев А.М., Салохидинова С.М., Сафарзода Н.Р. Избирательное право и избирательный процесс в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2018. – С. 51.
[157] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои вакилони халқ // АМОҶТ. – 2017. – №5. – мод. 269; – 2019. – №7. – ст. 461.

мешавад, пешниҳод мекунанд[158]. Роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо уҳдадоранд, ки дар ташкили вохӯриҳои номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ-ро бо интихобкунандагон мусоидат менамоянд.

Дар баробари ин, шахсони дигар низ дар ташкилу баргузории интихобот ширкат меварзанд ва аз мазмуни қонунгузории интихоботии кишвар бармеоянд, ки инҳоянд:

– намояндагони дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ;

– роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

– фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ;

– аъзоёни комиссияҳои интихоботӣ бо ҳуқуқи овози ҳалкунанда;

– мақомоти судӣ.

Ҳамзамон, дигар таснифи субъектҳои раванди интихоботиро метавон муайян намуд. Субъектҳои мазкурро вобаста ба мазмуни асосии фаъолият нисбати марҳилаҳои муайяни раванди интихоботӣ ба гурӯҳҳои зерин метавон ҷудо намуд:

– мақомоте, ки вақти интихоботро муайян мекунанд;

– мақомоте, ки гузаронидани интихоботро амалӣ мекунанд;

– субъектоне, ки дорои ҳуқуқи интихоб кардан (пешниҳод намудани номзад, иштирок намудан дар ташвиқоти пешазинтихоботӣ) ва интихоб шуданро доранд;

– воситаҳои ахбори омма;

– субъектоне, ки интихоботро назорат мекунанд;

– субъектоне, ки таъминоти моддии интихоботро амалӣ мекунанд.

Бо назардошти таҳлили қонунгузорӣ ва андешаҳои илмии марбут ба мазмун ва хусусияти субъектҳои раванди интихобот, чунин мафҳуми субъектҳои ин раванд муайян карда мешавад: субъектони раванди интихоботӣ шаҳрвандони ҶТ ва шахсони ҳуқуқии дахлдор мебошад, ки дар марҳилаҳои

---

[158] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои вакилони халқ // АМОҶТ. – 2017. – №5. – мод. 269; – 2019. – №7. – ст. 461.

гуногуни ташкилу баргузории интихобот бо мақсади изҳори иродаи сиёсии худ ва ташкили мақомоти интихоботӣ иштирок менамоянд.

## 2.2. Махсусияти вазъи ҳуқуқии субъектони инфиродии раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавре аз мазмуни гуфтаҳои боло бармеояд, дар раванди интихоботӣ метавонад шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ, ки дорои ҳуқуқи субъекти интихоботӣ, яъне ҳуқуқи интихоботӣ, масъулият ва қобилияти иштирок дар муносибатҳои ҳуқуқии интихоботӣ доранд, иштирок намояд. Дар ин раванд ба сифати субъектҳои асосӣ шаҳрвандон ба ҳисоб мераванд, ки дар тамоми марҳилаҳои он фаъолона ширкат меварзанд. Иштирокчиёни асосии раванди интихоботӣ – шаҳрвандони сершумор, ки дорои ҳуқуқи интихоботӣ (ҳуқуқи интихоб кардан ва ҳуқуқи интихоб шудан) мебошанд, ба ҳисоб мераванд.

Чуноне аз меъёрҳои конститутсионӣ бармеояд, ҳуқуқи иштирок дар интихобот ин ҳуқуқи истисноии шаҳрвандон мебошад. Дар интихобот шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бо дарназардошти табиати сиёсӣ доштан ва манфиатҳои давлатиро ифода намудани чорабинии мазкур ҳуқуқи ширкат варзидан надоранд. Бинобар ин, шаҳрвандон дастаҷамъона бобати ташаккули мақом ва мақомоти дахлдори интихоботӣ ҳуқуқи интихоботии худро амалӣ менамоянд.

Дар ҳар низоми интихоботӣ муайян кардани намудҳои субъектҳои ҳуқуқи интихобот масъалаи муҳим буда, дар ин раванд дар маркази асосӣ иштироки шаҳрванд дар интихобот мебошад. Ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон барои интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мансаби олии давлатӣ ба ҳуқуқи фаъол ва ғайрифаъоли интихоботӣ тақсим карда мешавад. Субъекти ҳуқуқи фаъолонаи интихоботӣ будан чунин маъно дорад, ки шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар интихобот иштирок намояд ва мувофиқи иродаи худ ба тарафдорӣ ва ё муқобили номзад овоз диҳад. Дар татбиқи ин ҳуқуқ ба ҳеҷ гуна маҷбурсозӣ роҳ дода намешавад. Эътирофи шаҳрванд ҳамчун субъекти ҳуқуқи интихобот шарти ҳалкунандаи

иштироки ӯ дар интихобот ва асос барои муайян кардани корпуси интихоботӣ мебошад. Вобаста ба ин омил дар давраҳои гуногуни ташаккул ва рушди низоми интихобот дар ҶТ мазмуну таъиноти субъекти ҳуқуқи интихоботии шаҳрванд доимо тағйир меёфт[159].

Бо амалӣ намудани ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мансаби олии давлатӣ, мақомоти намояндагии олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шаҳрванд имконият пайдо мекунад, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат иштирок намояд. Иҷрои ҳуқуқи интихоботии шаҳрванд шарти ташкили қонунии мақомоти номбаршуда ва ваколатдоркунии онҳо мебошад.

Шаҳрванди ҶТ субъекти асосии ҳуқуқи интихоботӣ ва иштирокчии раванди интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии интихобот ташаккули мақомоти намояндагии ҳокимият аст, ки ба таври воқеӣ ирода ва манфиати халқро таҷассум ва намояндагӣ менамояд. Ҳамин тариқ, субъекти асосии муносибатҳои ҳуқуқи интихобот шаҳрвандоне мебошанд, ки дар интихобот ҳамчун – интихобкунанда, номзад ба вакилӣ, узви комиссияҳои интихоботӣ, намояндаи ҳокимияти маҳаллӣ, ки дар баргузории интихобот иштирок мекунад, шахси боэътимод, нозири интихобот, узви ҳизби сиёсии дар интихобот иштироккунанда, узви иттиҳоди интихоботӣ, шахси мансабдор, ки дар интихобот баромад мекунад[160].

Тавре ки аз мазмуни меъёрҳои Конститутсияи ҶТ бармеояд, шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, ки дар интихоботи мақоми дахлдори интихоботӣ иштирок кунанд ва интихоб шаванд. Аз ин гуфта ду ҳолат аён мегардад:

– аввалан, ҳуқуқи интихоб намудани номзади муайян, ки он ҳамчун ҳуқуқи интихоботи фаъол эътироф гардидааст;

---

[159] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 93.
[160] Ниг.: Имомов А. Асари зикршуда. – С. 93.

– дувум, шаҳрванд худро ба сифати номзад ба мақоми муайяни интихоботӣ метавонад пешбарӣ намояд, ки ин чун ҳуқуқи интихоботи ғайрифаъол унвон шудааст.

**Ҳуқуқи интихоботи фаъол.** Яке аз масъалаҳои муҳим ва асосӣ иштироки шаҳрванд дар интихобот дар асоси ҳуқуқи интихоботи фаъол мебошад. Мувофиқи Конститутсия ва қонунгузории интихоботии ҶТ ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, ки дар рӯзи баргузории интихобот ба синни 18 расидааст, дорои ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ мебошад. Ҳолати истисноӣ дар моддаи 27 Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи интихобот муқаррар гардидааст, ки мувофиқи он шаҳрвандони аз тарафи суд ғайри қобили амал донисташуда ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошташаванда ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок карданро надоранд.

Ҳуқуқи интихоботи фаъол гуфта, ҳуқуқи шаҳрванд ба интихобкунӣ, яъне иштирок дар интихобот ва мувофиқи иродаи худ ба тарафдорӣ ё муқобили номзад ба мақоми интихобии ҳокимияти давлатӣ овоз додани ӯро ифода мекунад. Барои он ҳуқуқи мазкур фаъолона дониста шудааст, ки иштироки шаҳрванд дар интихобот ба таври озод ва ихтиёрӣ сурат мегирад. Ӯ мустақилона масъалаи тарафдорӣ кардани номзад ё муқобил овоз додани худро ҳал менамояд. Дар изҳори иродаи худ дар овоздиҳӣ шаҳрванд ба ҳеҷ кас тобеъ нест.

Шаҳрванд-интихобкунанда дар интихобот дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар, бевосита ва бо овоздиҳии пинҳонӣ иштирок менамояд. Усули умумии ҳуқуқи интихоботӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки новобаста аз миллат, нажод, забон, баромади иҷтимоӣ ҳуқуқи интихоботии фаъолро соҳиб гарданд. Инчунин, шаҳрванд-интихобкунанда, ки берун аз ҳудуди Тоҷикистон зиндагӣ менамояд, дорои ҳуқуқи пурраи интихоботӣ мебошад. Аз ин рӯ, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарии Тоҷикистон барои амалӣ гардидани ҳуқуқи мазкур ба шаҳрвандони кишвар мусоидат менамоянд. Қайд намудан зарур аст, ки шаҳрвандон-интихобкунандагон дорои ҳуқуқи

баробари интихоботӣ мебошанд, ки он дар ду ҷанба зоҳир мегардад: иштироки ҳамаи шаҳрвандони интихобкунанда ба баробарӣ асос ефта, дар он ҳар як интихобкунанда танҳо як овоз дорад ва махфияти интихобот имконияти назорати интихобкунандагонро аз болои овоздиҳӣ бартараф мекунад. Дар вақти пур намудани варақаи интихоботӣ ҳеҷ нафар аз аъзоёни комиссияи интихоботӣ ҳуқуқ надорад, ки дар назди интихобкунанда бошад. Илова бар ин, қайд намудан зарур аст, ки шаҳрванд-интихобкунанда ҳамчун субъекти ҳуқуқи интихоботӣ дар раъйдиҳӣ озод буда, иштироки ӯ дар интихобот ихтиёрӣ аст.

Ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрванд-интихобкунандаро метавон бо чунин имкониятҳо арзёбӣ намуд:

– ҳуқуқи овоздиҳӣ дар интихобот;

– ҳуқуқи бадасторӣ ва паҳни иттилоот оид ба интихобот;

– ҳуқуқ ба ҷамъоварии имзоҳо барои дастгирии номзад, ҳуқуқ ба дастгирии номзад барои пешбарӣ тариқи имзогузорӣ дар варақаи имзоҷамъкунӣ;

– ҳуқуқ ба ворид намудани маблағи муайян ба хазинаҳои интихоботии номзадҳо, иттиҳодияҳои интихоботӣ;

– ҳуқуқ ба шинос гардидан бо маълумот оид ба худ, ки дар рӯйхати интихобкунандагон дарҷ шудааст;

– ҳуқуқи иштирок намудан дар ташкили комиссияҳои интихоботӣ;

– ҳуқуқ ба ҳимояи ҳуқуқҳои интихоботии худ.

Давлат ҳимоя ва амалинамоии ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандонро кафолат медиҳад. Ҳимояи давлатӣ ва мусоидатнамои ба амалӣ гардидани ҳуқуқи интихобкунандагон аз тарафи комиссияҳои интихоботӣ таъмин карда мешавад. Уҳдадории ягонаи шаҳрвандон-интихобкунандагон, ки дар қонунгузории интихоботии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, уҳдадории риояи қонунгузории интихоботӣ мебошад.

**Ҳуқуқи интихоботи ғайрифаъол.** Ҳуқуқи интихоботи ғайрифаъол гуфта, ҳуқуқи шаҳрванд ба интихобшавӣ ба мақоми интихобии ҳокимияти давлатӣ

ва ё мақоми худидоракунии шаҳрак ва деҳот дониста мешавад. Сабаби ғайрифаъол донистани ҳуқуқи мазкур аз он иборат аст, ки интихобкунанда дар интихобшавии худ ба мақоми интихобӣ мустақил нест. Интихоб шудан ва ё интихоб нашудани ӯ ба иродаи интихобкунандаи дигар вобаста аст. Қонунгузории ҶТ ҳуқуқи интихоботи фаъолона ва ғайрифаъолонаи шаҳрвандро бо чандин омилҳо алоқаманд кардааст. Ин омилҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷумҳурӣ гуногун буданд. Аз ҷумла, барои ҳуқуқи интихоботи фаъолона доштан ё надоштан шарти синну сол, шаҳрвандӣ доштан, ишғоли ин ё он мансаби давлатӣ ва ҷамъиятӣ, муқимият дар ҷойи зисти муайян, доштани маълумоти муайян ва ғ. пешбинӣ карда шудааст.

Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон метавонад, ки бо дарназардошти қоидаҳои муқарраркардаи қонунгзории интихоботӣ ба сифати номзад дар раванди интихоботӣ иштирок намояд, яъне ҳуқуқи ғайрифаъоли интихоботии худро истифода намояд. Номзад шахсест, ки мувофиқи тартиботи муқаррагардидаи қонунгузории интихоботии ҶТ ба сифати довталаб барои интихоб шудан ба мансаби давлатӣ, вакили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар комиссияи интихоботӣ ба сифати номзад ба қайд гирифта шудааст, ба ҳисоб меравад.

Номзадро ба интихобот метавон ба таври пешбарӣ аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳам дар таркиби рӯйхати номзадҳо пешбарӣ намуд.

Падидаи ҳуқуқии худпешбарии номзад ба вакилии мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ дар қонунгузорӣ ва таҷрибаи маъракаи интихоботии Тоҷикистон икдоми нав мебошад. Пайдоиши меъёр дар хусуси худпешбарӣ бо қабули қонунгузории интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ, вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ алоқаманд аст. Аз соли 2009 қонунгузорӣ икдоми худпешбарии номзад ба вакили Ҷамоати шаҳрак ва деҳотро низ муқаррар кардааст.

Яке аз давраҳои муҳимми маъракаи интихоботи парлумон пешбарии номзадҳо ба вакилӣ аз тарафи субъектҳои муайянкардаи қонун мебошад. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷиси Олии ҶТ»

ҳуқуқи пешбарии номзадҳо, тартиби пешбарии номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон, тартиби пешбарии номзадҳо ба аъзогии Маҷлиси миллиро муқаррар намудааст (моддаҳои 31-32). Дар робита бо ин масъалаҳо инчунин тартиби супурдани гарави интихоботиро аз тарафи номзад ба вакили Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин номгӯи шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи ба парлумон номзад шуданро надоранд, талаботе, ки нисбати номзадҳо пешниҳод мешаванд, танзим карда шудааст (моддаҳои 32[1]-34).

Барои пешбарӣ намудани номзадҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин шаҳрвандон бо роҳи худпешбарӣ ҳуқуқ доранд.

Пешбарии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаҳои якмандатии интихоботӣ бо тартиби худпешбарӣ тавассути пешниҳоди ариза ба комиссияи интихоботии ҳавзавӣ дар бораи овоздиҳӣ нисбат ба номзадии ӯ амалӣ карда мешавад. Номзад бояд на камтар аз 500 имзои интихобкунандагони ин ҳавзаро барои дастгирии худ ҷамъ оварад. Ҳар як интихобкунанда бояд танҳо як номзадро аз маҳалли зисти худ имзо кунад.

Қонуни конститутсионии дар боло зикршуда шаҳрвандонеро ки ҳуқуқи номзад шуданро ба аъзогии Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ надоранд муайян намудааст:

– шаҳрвандоне, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунгузории интихобот ҷавобгӯ нест;

– шаҳрвандоне, ки аз ҷониби суд ғайри қобили амал дониста шуда, бо қарори суд аз озодӣ маҳрум карда шудаанд ва бо қарори суд дар муассисаҳои табобати маҷбурӣ қарор доранд;

– хизматчиёни Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои ҳарбӣ, вазорату идораҳое, ки дар асоси қонуни хизмати ҳарбӣ фаъолият мекунанд, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти гумрук ва Агентии назорати давлатии маводи мухаддири назди Президенти ҶТ пешбинӣ шудааст;

– ходимони касбии созмонҳо ва иттиҳодияҳои динӣ ҳангоми дар вазифа будан;

– шаҳрвандоне, ки барои ҷиноятҳои қасдан вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шудаанд, новобаста аз ба охир расидани муҳлат ва бардоштани доғи судӣ;

– шаҳрвандоне, ки доғи судии онҳо бардошта нашудааст;

– шаҳрвандоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат ва дигар ҷиноятҳои барқасдонаи вазнин ва махсусан вазнин аз тарафи мақомоти таҳқику тафтиш гумонбар шудаанд ё нисбати онҳо кофтуков эълон карда шудааст, ба истиснои иштироккунандагони муқовимати сиёсию низомӣ, ки шомили авф гардидаанд (м.33)[161].

Ба ҳамин тариқ, дар марҳалаи пешбарии номзадҳо ба аъзогии Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон Қонуни конститутсионии мазкур шарту талаботе муқаррар кардааст, ки риоя кардани онҳо барои ба парлумон омадани одамони нолоиқ монеъ гардад.

Номзад аз лаҳзаи пешбарии номзадӣ ҳуқуқ дорад барои дастгирии худ дар шаклҳои иҷозатдодаи қонунгузорӣ ташвиқот барад. Дар ин самт гузаронидани вохӯриҳо, иштирок дар чорабиниҳои мухталифи ташвиқотӣ, паҳни нашрияҳои мухталиф мувофиқи қонунгузорӣ муқаррар карда шудаанд.

Мазмуну мундариҷаи мақоми ҳуқуқии номзад дар раванди амалӣ намудани марҳилаҳои мухталифи раванди интихоботӣ тағйир меёбад. Дар ин самт метавон оид ба тафовути мавқеи ҳуқуқии номзади пешниҳодгардида, бақайдгирифташуда, интихобшуда сухан гуфт. Илова бар ин, мавқеи номзад, ки аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ дар таркиби рӯйхати номзадҳо дар доираи ҳавзаи ягонаи интихоботӣ пешбарӣ гардидааст, дорои хусусиятҳои худ мебошад.

[161] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»// АМОҶТ. – 1999. – №12. – м. 296; – 2004. – №7. – м. 451; – 2007. – №5. – м. 352; – 2008. – №10. – м. 797; – 2012. – №8. – м. 811; – 2014. – №3. – м. 140; – №7. – қ. 1. – мод. 382; – 2017. – №7-9. – мод. 562; – 2018. – №2. – мод. 61; – 2019. – №7. – мод. 460.

Номзади бақайдгирифташуда шахсест, ки дар комиссияи интихоботии дахлдор ҳамчун номзад ба мансаби интихобӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳамаи номзадҳои бақайдгирифташуда дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар мебошанд, ки аз лаҳзаи бақайдгирӣ дар комиссияи интихоботии дахлдор нисбати онҳо паҳн мегардад. Дар қонунгузорӣ талаботи муайян муқаррар гардидааст, ки дар асоси он баробарии номзадҳои бақайдгирифташуда таъмин карда мешавад. Инчунин, қонунгузории Тоҷикистон кафолати фаъолияти номзадҳои бақайдгирифташударо муқаррар намудааст.

Дар давраи раванди интихоботӣ номзади бақайдгирифташуда бо ташаббуси маъмурияти корфармо аз кор хориҷ ё бе розигии номзади бақайдгирифташуда ба кори дигар гузаронида намешавад. Ғайр аз он, номзади ба қайд гирифташударо бе розигии Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ боздошт кардан, маҷбуран овардан, кофтукоб кардан мумкин нест, ба истиснои ҳолатҳои дастгир кардан дар ҷойи ҷиноят.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои номзади бақайдгирифташуда, ки бо мақоми номзади бақайдгирифташуда алоқаманд аст, аз лаҳзаи эълони расмии натиҷаи интихобот дар воситаҳои ахбори умум аз тарафи комиссияи интихоботӣ қатъ мегарданд. Дар ҳолати таъини овоздиҳии такрорӣ аз тарафи комиссияи интихоботӣ, он номзадҳои бақайдгирифташуда, ки дар овоздиҳии такрорӣ ширкат наметварзанд, аз мавқеи худ, ки бо номзади бақайдгирифташуда алоқаманд аст, маҳрум мешаванд.

Мувофиқи қонунгузории интихоботии амалкунанда, ба мавқеи ҳуқуқии номзад ба вазифаи Президент, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ як қатор шартҳо пешбинӣ шудаанд.

Чуноне дар боло зикр гардид, ҳуқуқи дар интихобот иштирок намудан ин ҳуқуқи истисноии шаҳрвандони ҶТ мебошад ва дар ин самт доштани шаҳрвандӣ аз талаботи муҳимтарини ҳуқуқи интихоботӣ мебошад ва дар асоси ин талабот шаҳрванд бо риояи дигар талаботе, ки Конститутсия ва қонунгузории интихоботӣ муқаррар кардаанд, метавонад интихоб кунад ва

интихоб шавад. Конститутсияҳои давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон талаботи мазкурро низ аз роҳу тариқи мухталиф таҳти танзим қарор додаанд. Гурӯҳи асосии онҳо зери мафҳуми шаҳрванд тамоми аҳолии кишвари марбутаро, ки дар рӯзи қабули онҳо дорои шаҳрвандӣ буданд, мадди назар дошта, онҳоро аз ҷамъи ҳуқуқу озодиҳо, аз ҷумла ҳуқуқи интихоботӣ баҳраманд кардаанд. Ин Конститутсияҳо ба солу муддати дар шаҳрвандии давлати марбута қарор доштани фард ишора намекунанд. Аммо, нисбат ба хориҷиён ва шахсони бешаҳрванде, ки шаҳрвандии ин кишварро пайдо карданд, муносибати хосса дошта, одатан ба онҳо баъди гузаштани муҳлати муайян додани ҳуқуқи интихоботии фаъолро пешбинӣ кардаанд.

Дар моддаи 33 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» омодааст, ки шахсони шаҳрвандиашон қатъ гардида ё шаҳрвандии давлати дигарро соҳиб шуда, наметавонанд ҳамчун номзад ба вакили Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ пешбарӣ карда шавад, яъне номзади пешбришаванда бояд танҳо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Мо чунин мешуморем, ки дар ин банд номуайянӣ ба назар расида, қисми аввали он – «шахсони шаҳрвандиашон қатъ гардида», яъне бояд шаҳрванди ҶТ бошад, қисмати дуюм – «шаҳрвандии давлати дигарро соҳиб шуда», яъне маънои шаҳрванди давлати дигар буданро дорад. Дар даврони муосир доштани душаҳрвандӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Имрӯз миқдори муайяни шаҳрвандони Тоҷикистон бо Федератсияи Россия мақоми душаҳрвандиро соҳиб гардидаанд. Аз як тараф, шаҳрванд – шаҳрванди Тоҷикистон аст, шаҳрвандии ӯ қатъ нагардидааст, лекин аз тарафи дигар, ӯ шаҳрвандии давлати дигарро соҳиб гардидааст.

Бо дарназардошти ин, дар сархати панҷуми моддаи 33 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» бо мақсади боз ҳам мушаххас намудани талаботи шаҳрвандӣ нисбат ба ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон муқаррар намудани «пешбарии шаҳрвандони дорои душаҳрвандӣ» ҳамчун асоси маҳдудият ба номазадӣ ба вакили Маҷлиси

намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ муқаррар бояд карда шавад.

Талаботи дигари хеле муҳим аз сукунати интихобкунанда ва ё интихобшаванда дар марзу ҳудуди ҳавзаи интихоботии муайян мебошад, ки он бо номи талаботи муқимият арзёбӣ мешавад. Чунончӣ, барои он ки фард ба сифати интихобкунанда эътироф шавад, бояд дар ҳудуди ҳавзаи интихоботии марбута бо муҳлати муайян сукунат дошта бошад. Мақсад аз муқаррар намудани талаботи муқимият бо фароҳам омадани шароити ҳадди шиносоии интихобкунанда бо масъалаҳои дар ҳавзаи интихоботӣ ҷойдошта алоқаманд буда, он ҳар гуна афроди тасодуфиро аз ҳайати интихобкунандагон истисно мекунад. Омили дигар ба муқаррар намудани талалоти зисту зиндагонӣ ба номзадҳои дахлдор дар интихобот ба воқеияти баргузории интихобот ва ташкили самараноки мақоми интихоботӣ равона мегардад. Ба ғайр аз ин, бояд ёдовар шуд, ки талаботи муқимият нисбат ба интихобшавандагон бо қатъияти ҷиддӣ пешниҳод мегардад ва он муддати зиёди сукунатро дар бар мегирад.

Дар моддаи 26 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои вакилони халқ» қайд карда шудааст, ки ба вакилии Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо номзадии шахсе пешниҳод карда мешавад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта, забони давлатиро донад, дар ҳудуди вилоят, шаҳр ва ноҳияи дахлдор кор ва ё зиндагӣ кунад.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» чунин меъёр ва муқаррарот ба назар намерасад. Аз ин рӯ, дар аксари ҳолатҳо аз ҳавзаҳои якмандатаи интихоботӣ дар интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ шахсоне номзадии худро пешниҳод менамоянд, ки дар ҳудуди ҳавзаи интихоботии мазкур зиндагӣ намекунанд. Чунин шахсон танҳо дар ин ҳудуд таваллуд шуда, дар минтақаҳои дигари Тоҷикистон кору фаъолият доранд. Албатта, дар чунин

ҳолат алоқаи байни номзад ё вакили интихобшуда бо интихобкунандагон халалдор мегардад.

Бо дарназардошти ин, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» бо мақсади ташкили воқеӣ ва самараноки баргузории интихобот муқаррарот вобаста ба зиндагии доимии шахси муайян дар ҳудуди ҳавзаи интихоботии дахлдор, ки номзадии худро дар он пешбарӣ намудааст, масъалаи муайян намудани муҳлати дахлдори зиндагӣ дар ҳудуди мазкур бояд пешбинӣ карда шавад.

Сатҳи муайяни таълим ва саводнокии интихобкунандагон ва интихобшавандагон аз ҷумлаи талаботи ҳуқуқи интихоботӣ мебошад. Талаботи мазкур нисбат ба интихобкунандагон ва интихобшавандагон дар сатҳу андозаи мухталиф пешниҳод мегардад. Агар барои интихобкунанда ҷавоб додан ба ин талабот ҳатмӣ набошад, барои интихобшаванда ин талабот яке аз шартҳои зарурии интихоб шудан ба ҳисоб меравад. Дар ибтидо ҳатто ҳаққи овоз додан ба онҳое тааллуқ дошт, ки босаводу таълимёфта буданд, зеро аз нигоҳи мутафаккирону қонунгузорони он даврон интихобкунанда бояд шахси огоҳ бошад ва мустақилона дар овоз додану интихоби фармонравоён иштирок кунад. Агар ҳайати интихобкунандагон бофаҳму таҳсилёфта бошад, натиҷаи интихоби ӯ низ писандидатар ва аз ҷиҳати сиёсӣ матлубтар хоҳад буд. Аммо, оҳиста-оҳиста андешаи васеъ кардани ҳайати интихобкунандагон ғолиб омад ва маҳрум кардани бесаводон аз ҳаққи овоз додан ба сифати амали хилофи адолати иҷтимоӣ ва баробарҳуқуқии инсонҳо эътироф гардид. Аз ин рӯ, бисёре аз давлатҳои ҷаҳон талаботи мазкурро нисбат ба интихобкунандагон пешниҳод намекунанд ва қонунҳои асосӣ ва қонунҳои марбутаи онҳо аз он сарфи назар кардаанд. Ҳадаф аз муқаррар кардани ин талабот маълум аст, зеро ширкаткунандаи бевоситаи ҳаёти сиёсӣ будан ва аз ҳама муҳим дар татбиқи ҳокимияти давлатӣ саҳм доштан бидуни ҳар гуна шакку шубҳа рушди муайяни фикрӣ ва таҳсилотии фардро талаб мекунад ва барои мустақилона фаъолият намудани он мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти он ки интихобот кори хеле масъулиятнок ва яке аз роҳҳои таъминкунандаи иштироки мардум дар таъсиси мақомоти давлатӣ мебошад, иштироккунандагони ин маърака бояд аз хусусиятҳое бархӯрдор бошанд, ки онҳо барои қабули карори санҷидаю оқилона мусоидат кунанд. Дар миёни талаботе, ки бояд интихобкунанда ҷавобгӯи онҳо бошад, расидан ба синну соли муайян нақши ҳалкунанда дорад, зеро камолоти фард маҳз бо пур кардани синну соли муайян фаро мерасад.

Муайян кардани талаботи синнусолии интихобкунанда ва интихобшаванда қабл аз ҳама бо пайдо кардани таҷрибаи ҳаётӣ, ақлу хираде, ки барои анҷом додани корҳои сиёсӣ заруранд ва ба уҳда гирифтани масъулияти татбиқи ҳокимияти давлатӣ алоқаманд мебошад. Табиист, ки аз уҳдаи ин кор шахсони ноболиғ (кӯдакон ва наврасон) намебароянд ва поён кардани синну соли интихобкунанда ва ё интихобшаванда мувофиқи мақсад нест. Қонунгузории асосии давлатҳои ҷаҳон синну соле, ки бо такмили он фард ҳуқуқи интихоботӣ пайдо мекунад, ба таври гуногун дараҷабандӣ кардаанд.

Дар қонунҳои интихоботии ҶТ барои интихоб шудан ба вазифаи Президент ва вакили халқ синну соли гуногун муқаррар карда шудааст. Мувофиқи модди 49 Конститутсия ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ шаҳрванде интихоб шуда метавонад, ки синни ӯ аз 30 кам набошад. Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ шаҳрванде интихоб ва таъин мешавад, ки ба синни 30-солагӣ расида, соҳиби таҳсилоти олӣ бошад. Илова бар ин, дар моддаи 29 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» қайд карда шудааст, ки аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, ки аз тарафи мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ интихоб мешаванд, бояд дар ҳудуди ҳавзаҳои дахлдор истиқомати доимӣ дошта бошанд. Мувофиқи Моддаи 65 Конститутсияи ҶТ шахсе ба номзадии Президенти ҶТ пешниҳод шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Тоҷикистонро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад, забони давлатиро донад ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад.

Таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар аксарияти давлатҳо синну соли поёнтарини номзадӣ ба мансаби Президентӣ 30-40 солагӣ аст. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, ки синну соли номзад ба Президенти ҶТ на кам аз 30-солагӣ муқаррар карда шудааст, мувофиқи мақсад аст.

Дар ҶТ мутобиқи моддаи 32 Қонуни ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» гарави интихоботӣ муқаррар карда шудааст, ки дар доираи он ҳар як номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ пеш аз бақайдгирӣ, пас аз муайян кардани мувофиқатии он ба талаботи Конститутсия ва Қонуни конститутсионии мазкур, ки комиссияи интихоботӣ амалӣ менамояд, бояд ба ҳисоби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар ҳаҷми сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағ гузорад. Мақсад аз муқаррар намудани гарави интихоботӣ дар он аст, ки ҳар гуна шахсони тасодуфӣ дар интихобот худро ба сифати номзад пешбарӣ накунанд ва раванди босуботи интихобот ба таври самаранок таъмин карда шавад.

Қонунгузории интихоботи парлумонии кишвар шартҳои баргардонидани гарави интихоботро ба номзадҳо (дар сурати гирифтани на камтар аз 10 фоизи овозҳои интихобкунандагони ҳавзаи интихоботии дахлдор, ки дар овоздиҳӣ иштирок мекунанд) ва ҳизби сиёсӣ (дар сурати гирифтани 5 фоизи овозҳои интихобкунандагон аз ҷониби ҳизб) муқаррар менамояд, ки ин кафолати иштироки онҳо дар раванди интихобот мебошад. Бояд қайд кард, ки гарави интихоботӣ ин шарти интихобот аст ва ҳар як давлати соҳибихтиёр ҳуқуқ дорад, ки ба мисли дигар шартҳои интихобот онро дар қонунгузории худ муқаррар намояд. Тавре зикр гардид, як қатор давлатҳо шарти интихоботро дар қонунгузории худ муқаррар карданд ва боз давлатҳое ҳастанд, ки барои гузаронидани интихобот дигар шарту қоидаҳоро муқаррар намудаанд. Мусаллам аст, ки бо мурури замон ва нав шудани муносибатҳои интихоботӣ шартҳои интихобот тағйир меёбанд. Ҳар давлати сохибихтиёр дар асоси имкониятҳои худ бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи демократӣ ва бо риояи санадҳои байналмилалӣ шартҳои интихоботро

муқаррар мекунад. Асоси муқаррар кардани шартҳои интихобот ин, пеш аз ҳама, таъмин кардани раванди интихоботӣ ва пешгирии мушкилоте, ки эҳтимолан дар маъракаи интихоботӣ ба вуҷуд меояд, ба ҳисоб меравад.

Интихобот шакли олии изҳори иродаи халқ аст. Халқ чун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дар интихобот иродаи худро бевосита изҳор мекунад. Барои он ки дар маъракаҳои интихоботӣ шахсони арзанда, босалоҳияту масъулиятнок вориди майдони мубориза барои ба даст овардани ваколатномаи вакилӣ гарданд, дар қонунгузории аксари давлатҳои муосир гарави интихоботӣ пешбинӣ шудааст.

Гарави интихоботӣ ин миқдори муайяни маблағест, ки номзади эҳтимолӣ бояд ба суратҳисоби махсуси бонкӣ гузошта, ба мақомоти интихоботӣ маълумотномаи бонкиро пешниҳод намояд. Гарави интихоботӣ дар ибтидо, дар асри XIX, як навъ меъёри амволӣ дар интихобот буд. Айни замон ин як воситаи интизомнокии (аз ғалбер гузаронидан) номзадҳост, зеро дар кишварҳое, ки воситаҳои одии бақайдгирии номзадҳо мавҷуда аст, нисбат ба маъракаҳои интихоботӣ муносибати на он қадар ҷиддӣ карда мешавад.

Дар баробари ин, чунин раванд як шарти бақайдгирии номзадҳост. Ҳамин тавр, масалан, дар Ҷопон, ворид кардани гарави интихоботӣ як унсури зарурӣ ва ҳатмии тартиби бақайдгирии номзад мебошад ва он ба шаҳрванд имкон медиҳад, то дар интихобот ширкат кунад. Дар ҶТ ин шарт ба қонуни интихобот (Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ») соли 2004 ворид карда шудааст. То ин вақт гарави интихоботӣ дар қонунгузории интихоботи Тоҷикистон истифода нашуда буд. Татбиқи он бо зарурати ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани қонунгузории интихоботӣ ва инчунин тартиби гузаронидани интихобот алоқаманд аст.

Ҳадафи гарави интихоботӣ маҳдуд кардани пешбарии номзадҳо аст, ки дар асл нияти мубориза бурдан дар интихоботро надоранд, яъне онҳо интихоботро ҳамчун воситаи худнамоӣ истифода мебаранд ё дигар ҳадафҳои шахсӣ ва худхоҳиро пайгирӣ намуда, ҳамзамон дастгирии лозимии интихобкунандагонро надоранд. Ҳамин тариқ, кафолати интихобот бо чунин як омили муҳиме чун маъруфияти номзад ё ҳизби сиёсӣ дар байни

интихобкунандагон алоқаманд аст. Ин алоқамандӣ дар он зоҳир мешавад, ки ҳар як номзад ё ҳизби сиёсӣ, ки дар шароити мавҷудияти гарави интихоботӣ дар интихоботҳои муайян имконияти худро дар асоси дастгирии эҳтимолии овоздиҳандагон дақиқ арзёбӣ карда, қарор қабул мекунад ва ин вазифаи (функсияи) ҳимоявӣ ва пешгирикунандаи гарави интихоботиро нишон медиҳад. Дар ҳуҷҷатҳои САҲА дар бораи тартиби баргузории интихобот ва шарҳу эзоҳҳои онҳо нишон дода шудааст: «барои таъмини татбиқи ҳуқуқи интихоб шудан, тартиби бақайдгирии номзадҳо бояд интихобот шаффоф, бовиҷдонона ва бидуни табъиз бошад. Рад кардани бақайдгирии номзад бояд дар асоси меъёрҳои воқеии қонунгузорӣ асос ёбад. Маблағи гаравпулӣ ба андозаи кофӣ муқаррар карда шавад, то аз зарурати бақайдгирии номзади бемасъулият пешгирӣ карда шавад, аммо набояд он қадар баланд бошад, ки ҳизбҳои сиёсии ба қайд гирифташуда ё номзадҳои мустақилро аз имконияти ширкат дар интихобот маҳрум кунад».

Дар ҶТ гарави интихоботӣ дар соли 2014 бо пешниҳоди тавсиявии САҲА ду маротиба кам карда шуд. Ҳамин тариқ, пешниҳод кардани гарави интихоботӣ ҳамчун як монеаи иловагии маъмурӣ, ки шаҳрвандони ғайридороро аз истифодаи ҳуқуқи овоздиҳии худ бозмедоранд, хато аст. Ҳамзамон, он кафолатҳоеро, ки давлат нисбат ба ҳар як номзад пешниҳод мекунад, набояд ба манбае табдил ёбад, ки ба манфиати шахс истифода шаванд. Ҳар номзаде, ки нияти дар интихобот ширкат карданашро эълон кардааст, бояд дарк кунад, ки масъулияти ба дӯши ӯ вогузоштаро дорад. Шаҳрванд мақоми номзадиро қабул карда, на танҳо худашро намояндагӣ мекунад, балки ҳамаи онҳое, ки мавқеи ӯро ҷонибдорӣ мекунанд, омодаанд, ки дар рӯзи интихобот ба ӯ афзалият диҳанд. Ҳуқуқи интихоб ва интихоб шудан бо иштироки расмӣ дар интихобот маҳдуд намешавад. Онҳо набояд танҳо ба муборизаи манфиатҳои шахсии номзадҳо, ки дар онҳо ширкат варзидаанд, табдил ёбанд. Инчунин, вақте сухан дар бораи гарави интихоботӣ меравад, набояд фаромӯш кард, ки тибқи қоидаҳои муқарраршуда дар қонунгузории интихоботи кишварҳои ҷаҳон, агар номзад ё ҳизби сиёсӣ миқдори муайяни овозҳоро ба даст орад, гарави интихоботӣ баргардонида

мешавад. Ин инчунин дар санадҳои ҳуқуқии САҲА оид ба баргузории интихобот ба таври возеҳ нишон дода шудааст: «Дар сурати гирифтани шумораи муайяни (фоизи) овозҳо, ба номзади ҳизб маблағи гарави интихоботӣ бояд баргардонида шавад». Ҳамин тариқ, имконияти баргардонидани маблағи гарав мустақиман аз натиҷаҳои овоздиҳӣ вобаста аст. Дар ин маврид хислати пешгирикунандаи гарави интихоботӣ зоҳир мешавад.

Бояд гуфт, ки гарави интихоботӣ дар қонунгузории давлатҳои ҷаҳон хеле маъмул аст. Аз ҷумла, он дар Ирландия, Фаронса ва Ҷумҳурии Чех, Нидерландия, Австрия, Британияи Кабир ва Юнон истифода мешавад. Дар байни кишварҳои пасошуравӣ гарави интихоботӣ дар Арманистон, Латвия, Литва, Украина, Эстония истифода мешавад.

Истифодаи гарави интихоботӣ дар таҷрибаи давлатҳои муосир бо чанд мазмун фаҳмида мешавад:

1. Гарави интихоботиро ҳизбҳои сиёсие месупоранд, ки дар парлумон намоянда надоранд, ҳизбҳои парлумонӣ аз супоридани гарави интихоботӣ озоданд;

2. Ба субъектҳое, ки ҳуқуқи интихоб шудан доранд имконият дода мешавад, ки гарави интихоботӣ бо маблағи муайян супоранд ва ё шумораи имзоҳои интихобкунандагони ҳавзаи дахлдорро ба тарафдории худ ҷамъ оваранд;

3. Номзадҳое, ки ҳаққи интихоб шудан доранд, барои ба қайд гирифтан ба сифати номзад ба мақомоти интихоботӣ ҳатман гарави интихоботӣ месупоранд.

Сазовору арзанда донистани интихобшавандагони ба вакилии мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ пешниҳодшуда ифодакунандаи обрӯю эътибори ӯ дар байни аъзои ҷомеа мебошад. Шаҳрванде, ки ба боварии халқ сазовор гардидааст, вакили ӯ мебошад ва аз номи халқ идораи давлатро амалӣ менамояд. Воқеан, барои он ки интихобот ба майдони муборизаи номзаду шахсони тасодуфӣ ва онҳое, ки аз дастгирии воқеии интихобкунандагон бархӯрдор нестанд, табдил наёбад, дастгирии қаблии интихобкунандагон ва ё

муқаррар кардани гарави интихоботӣ барои ба қайд гирифтани номзадҳо зарур аст. Лозим ба ёдоварист, ки дар таҷрибаи гузаронидани интихобот дар давлатҳои муосир чунин ба назар мерасад, ки на ҳама вақт имконияти аз номзадҳои тасодуфӣ «раҳоӣ» ёфтан муяссар мешавад. Бо дарназардошти он ки иштирок кардан дар интихобот ҳам ба сифати интихобкунанда ва ҳам ба сифати интихобшаванда (номзад) ҳаққи сиёсӣ-конститутсионии шаҳрвандон мебошад, ҳамаи онҳое, ки тибқи қонунгузорӣ ҳаққи пешбарии номзадии худро доранд, метавонанд дар интихобот ба сифати номзад иштирок кунанд. Барои чунин фаъолияти шаҳрвандон табиату хислати демократии давлатҳои муосир имкон медиҳад.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки гарави интихоботӣ то як андоза хароҷоти давлатро ҷиҳати гузаронидани интихобот кам мекунад. Пардохти гарави интихоботӣ то ҳадди имкон ба иштироки ҳизбҳои сиёсие, ки аз дастгирии кофии интихобкунандагон бархӯрдор нестанд ва номзадҳое, ки дорои воситаҳои моддии пардохт намебошанд, дар интихобот таъсир мерасонад.

Дар давлатҳои гуногун андозаи мухталифи гарави интихоботӣ ба кор бурда мешавад. Масалан, дар Англия андозаи гарави интихоботӣ 500 фунт стерлинг буда, ҳангоми аз ҷониби номзад пайдо кардани дастгирии на камтар аз ҳашт як қисми интихобкунандагон гарав ба пардохткунандааш гардонида мешавад. Дар Ирландия ҳангоми гузаронидани интихоботи парлумон гарави интихоботӣ муқаррар гардидааст, ки он дар сурати аз ҷониби номзад ба даст овардани аз се як ҳиссаи овозҳои интихобкунандагон баргардонида мешавад. Дар Фаронса ҳангоми интихоби вакилони парлумони Аврупо гарави интихоботӣ муқаррар гардидааст. Гарави интихоботӣ ба рӯйхатҳое, ки на камтар аз 5 фоизи овозҳои додашударо ба даст меоранд, гардонида мешавад.

Истифодаи гарави интихоботӣ ду хусусияти муҳимми ҳуқуқӣ дорад:

1. Хусусияти огоҳикунанда – номзади эҳтимолиро ҳушдор медиҳад, ки пеш аз он ки номзадиашро ба мақомоти интихоботӣ пешниҳод намояд, бояд дар бораи имконияту қобилияти худ дуруст андеша кунад ва дар маъракаҳои

интихоботӣ худро ҳамчун номзади арзанда муаррифӣ карда тавонад ва сазовори боварии интихобкунандагон бошад.

2. Ҷазо дар шакли бекор кардани номзадӣ ба мақомоти интихобӣ. Ин ҳолат вақте татбиқ мегардад, ки номзади бақайдгирифташуда талаботи қонунгузориро дар интихобот вайрон мекунад. Масалан, маълумоти бардурӯғ дар бораи вазъи саломатӣ пешниҳод кардан, доғи судии худро пинҳон кардан аз ин омилҳост. Дар мавриди чунин қонунвайронкуниро ошкор кардани комиссияи интихоботӣ қайди номзадии шаҳрванди бақайдгирифташуда бекор карда мешавад ва гарави интихоботӣ ба буҷаи давлат мегузарад. Дар ин маврид то андозае ҷавобгарии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ба вуҷуд меояд.

Бояд қайд кард, ки муқаррар кадани гарави интихоботӣ барои гузаронидани интихоботи мақомоти қонунгузорӣ зарур мебошад, чунки номзадҳое, ки гарави интихоботӣ месупориданд, бо дарки масъулият кӯшиш мекунанд, то дар маъракаҳои интихоботӣ барномаҳои интихоботии худро ба мардум ҳадафмандона муаррифӣ намоянд ва сазовори боварии интихобкунандагон бошанд. Ҳамзамон, бо муқаррар кардани гарави интихоботӣ сафи шахсони тасодуфӣ ва ё хаёлпарастон дар маъракаҳои интихоботӣ коҳиш меёбад. Намояндагони ҷомеаи илмӣ истифодаи гарави интихоботиро дар маъракаҳои интихоботӣ зарур мешуморанд, вале ақидаи пардохти гарави интихоботӣ аз ҷониби ҳизбҳои сиёсие, ки аз дастгирии кофии интихобкунандагон бархӯрдор нестанд ва дорои воситаҳои моддии пардохт намебошанд, дастгирӣ намеёбад.

Бояд қайд кард, ки истифодаи гарави интихоботӣ дар Тоҷикистон ба стандартҳои байналмилалии баргузории интихобот ҷавобгӯ буда, ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ асос ёфтааст, он ба баргузории интихоботи озод ва рақобатпазир мусоидат намуда, кафолати иловагии ҳифзи ҳуқуқҳои номзадҳоро фароҳам меоварад.

Тибқи талаботи қонунгузории интихоботи ҶТ «шахсони боэътимод» аз тарафи номзадҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, ки ба комиссияҳои интихоботии дахлдор ҳуҷҷатҳои барои пешбарии номзадро пешниҳод намудаанд, бо мақсади амалӣ

намудани фаъолияти ташвиқотӣ ба манфиати онҳо таъин карда мешаванд. Миқдори шахсони боэътимод, ки аз тарафи номзад ё иттиҳодияи интихоботӣ таъин карда мешавад, мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи алоҳидаро танзим менамояд, муайян карда мешавад[162].

Шахси боъэтимод ҳуқуқ доранд аз номи номзад баромад намояд. Шахсони боъэтимод ба номзад дар пешбурди маъракаи интихоботӣ, кӯмак намуда, тарғиботу ташвиқоти интихоб гардидани ӯро амалӣ менамоянд.

Шахси боэътимод шаҳрванди ҶТ, ки ба синни 18-солагӣ расидааст ва ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ дорад, буда метавонад. Бақайдгирии шахсони боэътимодро комиссияи интихоботӣ, ки номзадро ба қайд гирифтааст, дар асоси аризаи хаттии номзад ё пешниҳоди ҳизби сиёсӣ ва аризаи худи шаҳрванд дар бораи розигии ӯ барои шахси боэътимод будан амалӣ мегардад. Комиссияи интихоботӣ ба шахси боэътимод дар давоми се рӯз шаҳодатнома медиҳад.

Номзад ҳуқуқ дорад шахсони боэътимодро ҳар вақт пеш аз интихобот иваз кунад. Ваколати шахси боэътимод пеш аз интихобот, ҳам бо аризаи ӯ ва ҳам бо пешниҳоди номзад, ки ба комиссияи дахлдори интихоботӣ пешниҳод карда мешавад, қатъ мегардад. Аъзои комиссияҳои интихоботӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо, хизматчиёни ҳарбӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ шахсони боэътимод буда наметавонанд. Бо талаби номзад шахсони боэътимод метавонанд аз кор ё вазифаҳои хизматӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат аз ҳисоби маблағҳое, ки барои гузаронидани интихобот ҷудо карда шудаанд, озод карда шаванд. Шахсони боэътимод дар доираи ваколатҳои ба онҳо додаи номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ амал мекунанд.

Шахси боэътимоди номзад ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқ надоранд, ки ба кори комиссияи интихоботӣ дахолат намоянд. Ваколати шахси боътимод бо қатъ

---

[162] Мувофиқи қонунгузории интихоботи ҶТ Номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки то 15 нафар шахси боэътимод дошта бошад. Номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаҳои якмандатӣ ҳуқуқ доранд, ки то 5 нафар, ҳизбҳои сиёсӣ, ки рӯйхати ҳизбиро пешниҳод намудаанд, низ ҳуқуқ доранд то 5 нафар шахси боэътимод дошта бошанд, инчунин номзадҳои ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи маҳаллӣ ҳуқуқи ҷалби аз 3 то 2 нафар шахси боэътимодро доранд.

гардидани мақоми номзади бақайдгирифташуда, ки ӯро таъин намудааст ё бозпас гирифтани рӯйхати ҳизбӣ ё рад гардидани иштироки ҳизб дар интихобот ба итмом мерасад.

Дар раванди интихоботӣ мушоҳидон ба сифати иштирокчии муҳим ба ҳисоб мераванд. Таҳлили қонунҳои интихоботии кишвар нишон медиҳад, ки на ҳар як шаҳрванд метавонад, ки ба сифати мушоҳид баромад намояд. Ба сифати мушоҳид баромад намудани шаҳрвандро мақомоти мухталифи давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ муайян менамоянд. Онҳо ба тартиботи муқарраргардида рӯйхати мушоҳидони миллиро ба комиссияҳои дахлдори ҳавзавии интихоботӣ барои бақайдгирӣ пешниҳод намоянд.

Яке аз хусусияти таҷрибаи маъракаи интихоботи умумӣ дар аксари давлатҳои ҷаҳон ба таври ошкоро ва шаффоф баргузор гаштани он мебошад. Ин таҷриба хусусан, дар даҳсолаи охири асри XX васеъ паҳн гардида, то рафт ба яке аз омилҳои муайянсозии риоя кардани усулҳои демократии гузаронидани интихобот табдил меёбад. Бо мақсади муайянсозии риоя шудани усулҳои асосии интихоботи демократӣ як қатор созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ механизмҳои назорат аз болои рафти раванди интихоботиро муайян кардаанд.

Дар Санади хотимавии Машварати Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (мухтасар МАҲА, ҳоло Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо – САҲА) ва дар доираи он Ҳуҷҷати Машваратии Копенгагенӣ оид ба омилҳои инсонӣ, ки ҶТ аз соли 1992 аъзои он мебошад, яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди интихоботӣ, ки ба таъмини демократӣ ва шаффоф баргузор намудани интихобот мусоидат менамояд, ин иштироки мушоҳидони байналмилалӣ мебошад. Дар он давлатҳои аъзои шартнома эътироф кардаанд, ки иштироки мушоҳидони байналмилалӣ ва дохилӣ метавонад нуфузи давлате, ки раванди интихоботӣ дар он баргузор мегардад, баланд бардорад. Бо ин мақсад ба давлатҳои аъзои САҲА тавсия карда шуд, ки давлатҳои дорои назорат аз болои интихобот мушоҳидони байналмилалиро даъват намоянд ва

мушоҳидонро уҳдадор намуданд, ки ба маъракаи интихоботӣ мудохила нанамоянд.

Масъалаи иштироки мушоҳидони байналмилалӣ дар интихобот дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) низ баррасӣ шудааст. Дар соли 2002 Конвенсия «Дар бораи стандартҳои интихоботи демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои интихоботӣ дар давлатҳои ИДМ» қабул гардид. Онро Маҷлиси Олии ҶТ аз 8 октябри с. 2003, №918 тасвиб намуд ва дар моддаи 15 Конвенсияи мазкур қайд карда шудааст, ки «Тарафҳо тасдиқ менамоянд, ки иштироки мушоҳидони байналмилалӣ ба кушод ва ошкоро гузаронидани интихобот, ба риояи уҳдадориҳои байналмилалии давлатҳо кӯмак мерасонад».

Қонунгузории ҶТ дар бораи интихобот дар оғози соҳибихтиёр гаштани ҷумҳурӣ ҳанӯз дар бораи иштироки мушоҳидон дар интихобот меъёри муайян надошт, зеро дар давраи шуравӣ мафҳуми мушоҳидони дохилӣ ва мушоҳидони байналмилалӣ вуҷуд надошт. Азбаски ғояи эҳтимоли бартарии низоми интихоботи шуравӣ аз ҳар гуна низоми интихоботи буржуазӣ пурра ҳукмрон буд ва дар хусуси иштироки мушоҳидон дар маъракаи интихоботи Шуроҳо, хусусан иштироки мушоҳидони байналмилалӣ дар маъракаи интихоботӣ сухан рондан маънои зери шубҳа гузоштани чунин эҳтимолро дошт. Фақат нармшавии вазъи сиёсии солҳои охири ҳокимияти шуравӣ ва тағйиротҳо дар қонунгузории шуравӣ дар бораи интихобот, ба икдоми масъалагузорӣ дар бораи демократикунонии интихоботи шуравӣ имкон фароҳам овард.

Дар Қонунҳои Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи шуроҳои маҳаллии вакилони халқи ҶШС Тоҷикистон» (аз 23 сентябри соли 1989) ва «Дар бораи интихоботи вакилони халқи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» ( аз 24 ноябри соли 1989) ва Қонуни ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» (10 сентябри соли 1991) меъёри мушаххас дар хусуси иштироки мушоҳидони дохилӣ ва байналмилалӣ дар интихобот муқаррар нагардида буд[163].

[163] Ниг.: Новые Законы Республики Таджикистан. Сборник (часть 4). – Душанбе, 1992. – С. 79-139 // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1991. – №18. – моддаи 245.

Таҳлили қонунгузории интихоботи ҶТ нишон медиҳад, ки муқаррарот оид ба мушоҳидон дар онҳо баъд аз солҳои 2000 пешбинӣ карда шуд. Хусусан, ба Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» аз соли 1999 меъёрҳо вобаста ба мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ бо ворид намудани илова ба он аз соли 2004 муқаррар гардид[164].

Бояд қайд кард, ки ба қонунҳои конститутсионии танзимкунандаи ташкил ва баргузории интихоботи Президенти ҶТ ва интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ чунин тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. Дар маъракаҳои интихоботии парлумонии ҶТ даъват кардани нозирони байналмилалӣ асосан аз ду ташкилоти байналмилалии минтақавӣ: аз Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ва Аз Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) қабул шудааст.

Маҷмуи интихобкуандагони мамлакат ва ё воҳиди марзию ҳудуди марбута ҳайати (корпуси) интихобкунандагони онҳоро ташкил медиҳад. Вобаста ба ворид шудани (ва ё ворид нашудани) интихобкунандагон ба доираи ҳайати интихобкунандагон онро ба намудҳои зерин тақсим мекунанд:

– ҳайати интихобкунандагони ҳуқуқӣ, яъне маҷмуи интихобкунандагоне, ки ба рӯйхати интихобкунандагон ҳамроҳ шудаанд;

– ҳайати интихобкунандагони воқеӣ, яъне маҷмуи интихобкунандагоне, ки дар овоздиҳӣ иштирок мекунанд;

– ҳайати интихобкунандагони имконпазир, яъне маҷмуи интихобкунандагони ҳам ба рӯйхат ҳамроҳшуда ва ҳам интихобкунандагоне, ки бо ин ё он сабаб ба рӯйхати интихобкунандагон ҳамроҳ карда нашудаанд.

Ҳайати интихобкунандагон ба таври доим васеъ мешавад, ки ин натиҷаи демократикунонии ҳуқуқи интихоботӣ ва зиёд шудан аҳолии кишвари марбута мебошад.

---

[164] Бояд тазаккур дод, ки ба Қонуни конститутсионии мазкур нисбат ба масъалаи мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ ду модда, яъне моддаҳои 8[1] ва 8[2] илова гардид, ки онҳо ба мақом ва ваколатҳои мушоҳидони миллӣ ва мақом ва ваколатҳои мушоҳидони байналмилалӣ бахшида шудаанд. Дар хусуси мушоҳидони байналмилалӣ муқаррар карда шудааст, ки онҳо бо мақсади назорати интихобот, гузаронидани он дар шароити шаффоф ва ошкоро даъват карда мешаванд. Онҳо бо тартиби муқаррargардида иҷозатнома гирифта, дар КМИР хангоми доштани даъватнома қайд (аккредитатсия) карда мешаванд. Даъватнома аз ҷониби мақомоти дахлдори ҶТ баъди нашри расмии қарор дар бораи таъини рӯзи интихобот фиристода мешавад.

Ҳамин тариқ, шаҳрванди ҶТ ҳамчун субъекти инфиродӣ дар раванди интихоботӣ ба сифатҳои гуногун иштирок намуда, ҳаҷми муайяни ҳуқуқ ва ухдадориҳоро иҷро менамояд, ки дар маҷмуъ мақоми ҳуқуқии ӯро дар раванди мазкур ташкил медиҳад. Иштироки шаҳрвандон дар ҳамаи давраҳои маъракаи интихоботӣ шарти дар доираи талаботи қонунҳо баргузор гаштан ва ҷамъбаст намудани натиҷаи он аст ва иштироки онҳо сарчашмаи муҳимтарини ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ, амалигардии падидаи соҳибихтиёрии халқ ва умум татбиқи усулҳои давлати демократӣ дар ҶТ маҳсуб меёбад.

## 2.3. Нақши комиссияҳои интихобот дар раванди интихоботӣ

Интихоботи озод ин интихоботест, ки дар он мардум озодона иштирок карда, иродаи онҳо ҳамчун воситаи таъсиси қонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, хусусан мақомоти интихобшудаи давлат баррасӣ карда мешавад. Дар кишварҳои хориҷӣ якчанд роҳҳои ташкили низоми мақомоти интихобшуда ва ҳамкории онҳо бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавҷуданд. Усули аввал мавҷудияти шохаи мустақили интихоботии ҳокимиятро пешбинӣ мекунад, ки мақомоти сохтории он интихоботро ташкил ва мегузаронанд. Инчунин, дар ин низом судҳои (трибуналҳои) махсуси интихоботӣ ҳастанд. Усули дуюм тартиби ташкил ва баргузории интихоботро аз ҷониби мақомоти давлатии ба ҳокимияти иҷроия тааллуқдошта дар назар дорад. Усули сеюм ташкилу баргузоркунии интихоботро аз ҷониби мақомоти судӣ пешбинӣ мекунад. Ҳамчунин низоми мақомоти интихоботие вуҷуд дорад, ки аломатҳои се низоми номбаршударо дорад. Дар чунин низом ваколатҳо оид ба ташкил ва гузаронидани интихобот байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ба шохаҳои гуногуни ҳокимият тааллуқ доранд, тақсим карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, метавон суд ё трибуналҳои махсуси интихоботиро, ки ба низоми судӣ мансубанд, ташкил кард. Нишонаи умумии ҳамаи ин сохторҳо (моделҳо) дар он аст, ки мақомоти интихоботии сатҳи поёнӣ муваққатӣ мебошанд, аъзои онҳо дар асоси ҷамъиятӣ кор мекунанд ва онҳо набояд маълумоти ҳуқуқӣ

дошта бошанд. Ҳар тарҳи зикршуда дар ҳар кишвар амал карда метавонад, вале бино бар хусусиятҳои анъанаи ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷомеа самаранокии моделҳои институтсионалӣ гуногун мешавад ва он тарҳеро интихоб кардан лозим аст, ки бо зарурати демократикунонии раванди интихоботӣ ва мувофиқати он бо стандартҳои байналмилалии интихоботи озоду комилан демократӣ созгор бошад. Ҳар як тарҳи зикршуда метавонад дар ҳама кишварҳо амал кунад, аммо тибқи хусусиятҳои анъанаи ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷомеа, самаранокии моделҳои институтсионалӣ фарқ мекунад ва бояд тарҳеро интихоб кард, ки бо зарурати демократикунонии раванди интихобот ва мувофиқати он ба стандартҳои байналмилалии интихоботи озод ва комилан демократӣ мувофиқ бошад.

Ташкил ва гузаронидани интихоботро мақомоти махсусе, ки бо ин мақсад таъсис дода мешаванд, таъмин мекунанд. Дар давлатҳои гуногун онҳо бо номҳои мухталиф, аз ҷумла комиссия, бюро, ҳайати раиса ва ғайра унвон гирифтаанд, ки онҳо вобаста аз салоҳияти худ ва паҳн шудани он ба марзу ҳудуди муайян ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

– марзию ҳудудӣ, аз ҷумла мақомоти марказии интихобот, ки низоми онҳо ба сохтори марзию ҳудудии давлати марбута устувор аст;

– ҳавзавӣ, ки онҳо дар он ҳавзаҳои интихоботие амал мекунанд, ки сарҳади онҳо бо воҳидҳои марзию ҳудудӣ мувофиқ нестанд;

– участкавӣ, ки дар участкаҳои интихоботӣ амал мекунанд.

Комиссияҳои интихоботӣ барои гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ, вакилони Маҷлиси Олии ҶТ, вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва вакилони Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ташкил шуда, кори роҳбарӣ ба ташкил ва гузаронидани интихобот ба уҳдаи онҳо гузошта мешавад. Низоми комиссияҳои интихоботӣ вобаста ба намудҳои мақоми интихобшаванда гуногун аст. Вобаста ба мақоми интихобшаванда ва ташкили ҳавза ва участкаҳои интихоботӣ, таносубан барои роҳбарии умумии интихобот ва ташкилу гузаронидани он дар ҳавза ва участкаҳои дахлдори интихобот дар ҳар як мақоми номбаршуда низоми махсуси комиссияҳои интихоботӣ таъсис

дода шуда, ҳайати онҳо интихоб карда мешавад. Низоми комиссияҳои интихоботӣ оид ба интихоботи мақоми гуногуни мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ аз ҳамдигар бо баъзе хусусиятҳои худ фарқ мекунанд.

Мувофиқи Конститутсияи ҶТ ва Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» КМИР-ро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ таъсис медиҳад ва бо пешниҳоди Президент раис, муовин ва аъзои КМИР-ро интихоб ва бозхонд менамояд. КМИР мақомоти доимоамалкунанда мебошад. Муҳлати ваколати он 7 сол буда, ҳангоми интихоби ҳайати нав фаъолияти ҳайати пешинаи он қатъ мегардад. Ҳайати КМИР аз раис, муовин ва 5 аъзо иборат буда, бо пешниҳоди Президенти ҶТ Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ дар давоми се рӯзи баъди таъини интихобот интихоб карда мешавад.

КМИР дорои дастгоҳи корӣ мебошад. Дар он мутахассисони касбу кори гуногун, ки тартиби ташкилу гузаронидани интихоботро хуб медонанд, ба кор ҷалб карда мешаванд. Ҳароҷоти фаъолияти КМИР ва дастгоҳи он аз ҳисоби маблағи ҷумҳурӣ сурат мегирад.

Дар Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ боби 17 масъалаҳои тартиби таъсис додани КМИР, интихоб ва бозхонди раис, муовини ӯ ва аъзои комиссияро танзим намудааст. Номзадии шахсоне, ки барои интихоби раис, муовини ӯ ва аъзои КМИР пешбарӣ шудаанд, дар ҷаласаҳои навбатӣ ва ғайринавбатии Маҷлиси намояндагон пас аз пешниҳоди мухтасари номзад аз ҷониби намояндаи президент дар парлумон муҳокима карда мешаванд. Ҳар як номзад дар алоҳидагӣ ба овоз монда мешавад, номзад дар ҳолате интихобшуда ба ҳисоб меравад, ки ба тарафдории он аксарияти шумораи умумии вакилон овоз дода бошанд. Масъалаи пеш аз муҳлат бозхонди раис, муовини ӯ ва аъзои КМИР-ро дар мавридҳои пешбиникардаи моддаҳои 18-20 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди Президент баррасӣ менамояд. Ҳар як номзад дар алоҳидагӣ ба овоз монда мешавад. Қарор бо тарафдории

аксарияти шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон қабул мегардад[165].

КМИР мақоми давлатии ҶТ буда, интихоботи Президенти ҶТ, аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ва раъйпурсии умумихалқиро ташкил ва мегузаронад, низоми комиссияҳои интихоботро роҳбарӣ мекунад, инчунин ташкил ва гузаронидани интихоботи вакилонро ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот назорат мекунад, риоя ва истифодаи якхелаи қонунгузории ҶТ дар бораи интихобот ва раъйпурсиро таъмин мекунад.

Дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷойи КМИР махсус буда, ба низоми ягон шохаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ расман дохил нест, яъне ҷойи КМИР берун аз низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мебошад ва онро шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ донистан низ дуруст нест. Бояд таъкид намуд, ки таъиноти функсионалии он махсус мебошад. Ба ин ё он шохаи ҳокимияти давлатӣ дохил набудани КМИР яке аз асоси танҳо ба қонун итоат кардан ва беғаразона роҳбарӣ кардани он ба маъракаи интихоботӣ мебошад[166].

Қонунгузорӣ салоҳияти ҳар як комиссияро дар низоми комиссияҳо муқаррар намуда, андозаҳои асосии ҳуқуқии фаъолияти ин комиссияҳоро муайян мекунад. Риояи пурраи ҳадафҳои гузаронидани пурсамари интихобот, амалӣ намудани салоҳияти комиссияҳо аз ҷониби роҳбарияти комиссияҳои болоӣ ва дар ниҳояти кор роҳбарияти КМИР таъмин карда мешавад. КМИР ҳуқуқ дорад, ки ба комиссияҳои ҳамаи сатҳҳо таъсири роҳбарикунанда расонад ва ин муҳимтарин аҳаммияти низомсозии он мебошад, яъне ба шарофати роҳбарии КМИР тамоми комиссияҳое, ки салоҳияташон тибқи қонун муайян карда шудааст, ҳангоми ташкил ва баргузории интихобот раъйпурсӣ ҳамчун омили ҳамоҳангсоз амал мекунанд. Ваколатҳои ҳар як сатҳи комиссияҳо андозаи низомнокии онро муайян мекунанд, идоракунии

---

[165] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Дшанбе, 2017. – С. 100.

[166] Ниг.: Имомов А. Асари зикршуда. – С. 99.

ботадриҷи низом, тасдиқи амали онро дар мақсадҳои пешбиникардаи қонун кафолат медиҳад.

Барои амалӣ намудани фаъолияти худ КМИР дорои ваколатҳои васеъ мебошад, ки дар моддаи 12 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» пешбинӣ карда шудааст.

КМИР дар қаламрави Тоҷикистон ба иҷрои қонуни интихобот назорат ва татбиқи якхелаи онро таъмин менамояд. Дар доираи салоҳияти худ дастурҳо, низомномаҳо ва қарорҳо қабул намуда, тартиби татбиқи Қонуни интихоботро маънидод мекунад. Масалан, дар ҳар як маъракаи интихоботии Президенти ҶТ ва интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ, КМИР Дастури кори аъзои комиссияи ҳавзавӣ ва участкавии интихобот, Низомнома дар бораи тартиби пешбарии номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон аз ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳавзаҳои якмандатии интихоботӣ ва истифодаи маблағҳо аз хазинаи интихоботии номзад ба вакилӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳисобот аз рӯи он дар интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ Маҷлиси Олии ҶТ, Низомнома дар бораи иштироки намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳо ба вакилӣ, ВАО ва мушоҳидони байналмилалӣ дар маъракаҳои интихоботии ҶТ, Қарор дар бораи тасдиқи ҳайати мушоҳидони байналмилалии дар интихоботи ҶТ, Қарор дар бораи тасдиқи Нақшаи тақвимии чорабиниҳои асосӣ оид ба омодагӣ ва баргузории интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва ғайра қабул карда мешаванд[167].

КМИР ҳавзаҳои якмандатии интихоботиро оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон ташкил мекунад ва ба онҳо ному рақам мегузорад. Комиссияҳои ҳавзавии интихоботиро оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ташкил медиҳад ва доир ба қароргоҳи онҳо маълумот дарҷ мекунад. КМИР кори комиссияҳои интихоботиро ба роҳ мемонад, тартиби ба ҳайати онҳо

---

[167] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 100-101.

даровардани тағйиротро муайян мекунад, агар қарорҳои комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон хилофи қонун бошад, онҳоро мустақилона, ё бо пешниҳоди Прокурори генералӣ бекор мекунад. Масъалаҳои ба ҳавзаи интихоботӣ ҳамроҳ намудани қитъаҳои интихоботиро, ки берун аз ҳудуди ҶТ ташкил карда мешаванд, ҳаллу фасл менамояд.

Маблағро ба комиссияҳои интихоботӣ тақсим мекунад, бо бино, нақлиёт ва воситаҳои алоқа таъмин шудани комиссияҳои интихоботиро назорат мекунад ва масъалаҳои дигари таъмини моддию техникии интихоботро ҳаллу фасл менамояд[168].

КМИР шакли бюллетенҳои интихоботии интихоботи Президенти ҶТ, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, рӯйхати интихобкунандагон, намунаи бюллетенҳои интихоботро тасдиқ мекунад. Бюллетенҳоро барои интихоботи Президенти ҶТ, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ барои ҳамаи ҳавзаҳои интихоботӣ тайёр мекунад.

Дар ҷаласаҳои КМИР ҳисоботи роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои давлатии назди Ҳукумати ҶТ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ оид ба масъалаҳои омодагӣ ва баргузории интихобот шунида мешаванд. Дар Низомномаи махсус КМИР тартиби иштироки мушоҳидони миллӣ, мушоҳидони байналмилалӣ, намояндагони воситаҳои ахбори хориҷӣ ва маҳаллиро муқаррар карда, онҳоро бо ҳуҷҷатҳои дахлдор таъмин менамояд. Дар Низомномаи мазкур қоидаҳои умумии иштироки субъектони номбаршуда муайян карда шуда, ҳар яке аз онҳо дар маъракаи интихоботӣ ба чӣ кор ҳуқуқ доранд ва ба чӣ кор ҳақ надоранд, нишон дода шудааст[169].

КМИР ба номзадҳои вакилони ҳалқ барои иштирок карданашон дар маъракаи интихоботӣ шароити баробар муҳайё мекунад. Рӯйхати номзадҳоро

---

[168] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Дшанбе, 2017. – С. 101.
[169] Ниг.: Имомов А. Асари зикршуда. – С. 102.

аз ҳизбҳои сиёсӣ, ки аз ҳавзаи интихоботии ягонаи умумиҷумҳуриявӣ пешниҳод гардидаанд ва намояндагони боэътимоди онҳоро ба қайд мегирад. Ба номзадҳое, ки аз ҳавзаи интихоботии ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ба қайд гирифта шудаанд ва ба шахсони боэътимоди ҳизбҳои сиёсӣ шаҳодатномаи намунаи муқарраргардидаро медиҳад.

Натиҷаҳои интихоботро дар тамоми ҶТ ҷамъбаст мекунад, вакилони интихобшударо ба қайд мегирад, дар матбуот маълумотро дар бораи натиҷаҳои интихобот ва рӯйхати аъзои интихобшудаи Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ нашр мекунад.

КМИР масъалаҳои гузаронидани интихоботи такрории аъзои парлумонро ҳал мекунад. Интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ-ро ба ҷойи вакилони ҳориҷшуда таъин ва мегузаронад. Аризаю шикоятҳоро аз хусуси қарору амали комиссияҳои интихоботӣ муҳокима менамояд ва аз рӯйи онҳо қарорҳо қабул мекунад.

Қонунгузории интихоботӣ ба ғайр аз танзим намудани тартиби ташкили комиссияҳои интихоботӣ ва муайян кардани ваколатҳои онҳо, инчунин қоидаҳои узвият дар комиссияи интихоботиро муқаррар кардааст. Узви комиссияи интихоботӣ ҳангоми иҷрои ваколатҳояш бояд бетараф ва холис бошад. Риоя шудани ин талабот барои озодона ва шаффоф гузаштани интихобот аҳаммияти хосса дорад[170].

Узви комиссияро аз рӯйи аризааш оид ба даст кашидан аз ваколат ё дар сурати маҳрум гардидан аз ваколатҳояш аз иҷрои вазифа озод кардан мумкин аст. Мақоме, ки комиссияи интихоботиро ташкил кардааст, ҳақ дорад узви комиссияро, ки талаботи қонунро риоя намекунад ё вазифаҳояшро мунтазам ба ҷо намеорад, аз ваколатҳояш маҳрум созад. Дар сурати зарурат узви дигари комиссияи интихоботӣ аз рӯйи тартиби муқаррарнамудаи қонун таъин карда мешавад.

[170] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Дшанбе, 2017. – С. 109.

Тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории интихоботи ҶТ доираи шахсони муайян (судяҳо, прокурорҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шахсони боэътимоди номзадҳо) аз аъзогӣ дар комиссиҳои интихобот маҳруманд. Шаҳрванде, ки ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон номзад пешбарӣ гардидааст ва узви комиссияи интихоботӣ мебошад, аз лаҳзаи номзад ба қайд гирифта шудан аз вазифаи дар комиссия доштааш озодгардида, ҳисоб меёбад. Як шаҳрванд узви фақат як комиссияи интихоботӣ шуда метавонад[171].

Шакли асосии фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ ҷаласаҳои онҳо мебошад, ки дар онҳо масъалаҳои асосии ваколатҳояшон баррасӣ гашта, қарорҳои комиссия қабул карда мешаванд. Ҷаласаи комиссияи интихоботӣ дар сурате босалоҳият шуморида мешавад, ки дар он на камтар аз се ду ҳиссаи ҳайати комиссия иштирок дошта бошанд.

Мақомоти давлатӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, роҳбарони корхонаҳо ва муассисаҳо, ташкилотҳо ва шахсони мансабдор вазифадоранд, ки ба комиссияҳои интихоботӣ дар иҷрои ваколатҳои худ кӯмак расонанд ва ба онҳо маълумоти зарурӣ диҳанд. Комиссияи интихоботӣ ҳуқуқ дорад оид ба омодагӣ ва баргузории интихобот ба мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳо ва шахсони мансабдор муроҷиат намояд ва онҳо вазифадоранд масъалаи бамиёномадаро баррасӣ карда дар давоми на дертар аз се рӯз комиссияи интихоботӣ ҷавоб диҳанд[172].

Аъзои комиссияи интихоботӣ бо қарори комиссия метавонанд аз иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ ё хизматӣ дар давраи омодагӣ ва баргузории интихобот озод карда шаванд, ки ин кафолати фаъолияти онҳо ва чораи муҳимми таъмини шаффофият ва демократӣ баргузор намудани интихобот мебошад. Дар ин сурат музди миёнаи корашон аз ҳисоби маблағе, ки барои гузаронидани интихобот ҷудо карда мешавад, пардохт мегардад.

---

[171] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Дшанбе, 2017. – С. 109.
[172] Ниг.: Имомов А. Асари зикршуда. – С. 110-111.

Умуман, дар ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ, парлумони кишвар, ҳалли масъалаҳои гуногуни интихобот дар қаламрави ҷумҳурӣ КМИР хеле масъулияти калон дорад. Хусусан, дар арафаи таъин шудани рӯзи баргузор шудани интихобот ва дар рафти тайёрӣ ва гузаронидани маъракаи интихоботӣ фаъолияти КМИР меафзояд. Одатан, чанд моҳ қабл аз рӯзи интихобот КМИР бо қарори худ Нақшаи тақвимии чорабиниҳои асосиро оид ба тайёрӣ ва гузаронидани интихоботи Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони ҳалқро тасдиқ менамояд. Минбаъд ҳайати КМИР ба татбиқи чорабиниҳои дар Нақша пешбинишуда сафарбар мегардад. Дар интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ, ки рӯзи 27 феврали соли 2005 баргузор гашта буд, рӯзи 15 декабри соли 2004 Нақшаи тақвимӣ қабул карда шуд. Дар 31 банди он номгӯи чорабиниҳо, муҳлати гузаронидани онҳо ва иҷрокунандагон муайян карда шуданд. Чорабиниҳо мувофиқи давраҳои асосии ташкил ва гузаронидани интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ, ки Қонуни конститутсионии мазкур муқаррар кардааст, пешбинӣ шуда буданд.

Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» муқаррар мекунад, ки барои ташкил ва баргузории интихоботи Президенти ҶТ се комиссияи интихоботӣ таъсис дода мешавад:

– КМИР;

– комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ;

– комиссияҳои участкавии интихоботӣ (моддаҳои 10-16).

Бояд қайд кард, ки КМИР ҳамчун мақомоти доимоамалкунандаи роҳбарии умумӣ, ба ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ ва интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ ваколатдор мебошад. Тарзи ташкилёбии он дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» ва дар асоси он Қонуни ҶТ «Дар бораи КМИР» танзим ёфтааст. Бояд зикр кард, ки номгӯи ваколатҳои он дар интихоботи Президент ва интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ гуногун аст. Дар хусуси тарзи ташкил, фаъолият ва ваколатҳои КМИР дар поён маълумот дода мешавад.

Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» дар бораи ташкил ва гузаронидани интихоботи аъзои маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, ғайр аз КМИР боз ташкили комиссияҳои зерини интихоботиро пешбинӣ кардааст:

– комиссияҳои ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ;

– комиссияҳои ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот;

– комиссияи ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаҳои якмандатии интихобот;

– комиссиҳои участкавии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон.

Комиссияҳои интихоботӣ дар фаъолияти худ ба ягон мақоми давлатӣ тобеъ нестанд. Қарорҳо ва дигар санадҳои комиссияҳои интихоботӣ, ки дар доираи салоҳияти онҳо қабул шудаанд, барои ҳамаи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо ва шахсони мансабдор, номзадҳо, интихобкунандагон, инчунин барои комиссияҳои поёнии интихоботӣ ҳатмӣ мебошанд.

Низоми амалкунандаи комиссияи интихоботии ҶТ воситае мебошад, ки иродаи озоди шаҳрвандон ҳангоми ҳалли масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар давраи интихобот таъмин менамояд[173].

Мақоми комиссияи интихоботӣ ҳамчун субъектҳои раванди интихоботӣ вазъи ҳуқуқии онҳоро нисбат ба давлат ва мақомоти он, инчунин дигар субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ташкил ва гузаронидани интихобот муайян мекунад.

Мақоми комиссияҳои интихоботӣ ва комиссияҳо оид ба гузаронидани раъйпурсӣ маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо (яъне ваколатҳо) оид ба таъмини шароити зарурӣ барои иродаи озоди интихобкунандагон дар раванди интихобот, тартиби ташкил, тарзи ташаккули ҳайат ва муҳлати

[173] Ниг.: Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумхурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 441.

ваколатҳои комиссияҳои интихоботӣ, назорат ва масъулияти онҳо, кафолати иҷрои ваколатҳои худро муайян мекунад[174].

Пас аз қабули Конститутсияи нави ҶТ, қонунгузорӣ дар бораи интихобот, баргузории интихоботи воқеан демократӣ вазифаҳои усулан нав ба миён омаданд, ки бояд аз тарафи комиссияҳои интихоботӣ дар рафти ташкили интихобот ҳал карда шаванд ва мутаносибан фаъолияти худро ба тарзи нав ташкил кунанд[175].

Пеш аз ҳама, вазифаи таъмини соҳибихтиёрӣ ва мустақилият дар ташкили фаъолияти комиссияҳо пурра ба миён омад. Комиссияҳои интихоботӣ барои таъмини қонуният ва демократии раванди интихобот бояд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ, ташкилӣ, техникӣ, моддӣ ва молиявӣ аз монополияи ҳизбҳои сиёсӣ, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мустақил бошанд. Барои ба тартиб даровардан ва муътадил гардонидани кори комиссияҳо зарур аст, ки фаъолияти онҳо дар реҷаи нав, яъне ба кори доимӣ гузаронида шавад[176]. Танҳо комиссияҳои доимии интихоботӣ қодиранд масъалаҳои азхудкунии технологияҳои пешрафтаи интихоботӣ, эҷоди захираҳои кадрӣ, ки метавонанд омодасозӣ ва баргузории интихоботро дар сатҳи стандартҳои демократии ҷаҳонӣ ташкил кунанд, ҳал кунанд. Барои ҳалли ин мушкилот комиссияҳои интихоботӣ ва гузаронидани раъйпурсӣ дар ҳама сатҳҳо танҳо барои доштани мақоми ҷамъиятӣ кифоя набуданд ва зарур буд, ки сатҳи болоии ин комиссияҳо ҳамчун як намуди мақомоти доимии давлатӣ қодир аст бо усулҳои мушаххас вазифаи муҳимтарини давлатии ташкили раванди интихоботро ҳал кунад, фароҳам овардани шароит барои ба амал баровардани ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон тасдиқ карда шаванд[177].

Бояд гуфт, ки 19 июли соли 2019, №1642 Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ» қабул гардид ва қадами

---

174 Ниг.: Иванченко А.В. Избирательные комиссии в Российской Федерации. Теория. Практика. – М.: Весь мир, 1996. – С. 47.
175 Ниг.: Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1997. – С. 241.
176 Ниг.: Иванченко А.В. Асари зикршуда. – С.49.
177 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. – Душанбе, 2016. – 136 с.

ҷиддие дар самти қонунгузории кишвар буда, мазмуни он тартиби ташкил ва фаъолияти Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсиро хуб инъикос мекунад.

Лозим ба ёдоварист, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ» асосан вазъи ҳуқуқии Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсиро ба танзим медарорад. Меъёрҳои қонуни мазкур дар чанд маврид барои танзими мавзуи фаъолияти комиссия ба дигар санадҳои қонунгузорӣ ишора (ҳавола) мекунад, хусусан дар қисми салоҳияти комиссия. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки салоҳияти комиссияи мазкур дар қонуни пешбинишуда ба таври дақиқ бояд муқаррар гардад, чунки самти фаъолияти онро мантиқан инъикос менамояд. Такмили қонун дар самти салоҳияти он мазмуни онро боз ҳам пурратар мегардонад. Ҳамзамон, бо мақсади мустаҳкам намудани вазъи ҳуқуқии КМИР дар самти таъсиси комиссияҳои интихоботӣ пешниҳод менамоем, ки дар моддаи 9 Қонуни мазкур чунин ваколат ба мақоми мазкур илова карда шавад: «бо мақсади татбиқи ин муқаррароти конститутсионӣ вазифадоранд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ комиссияҳои интихоботӣ ва гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ ташкил намуда, барои таъмини фаъолияти онҳо тамоми чораҳои дахлдорро андешанд».

Бояд тазаккур дод, ки ташкили кори комиссияҳои интихоботӣ дар асоси фаъолияти дастаҷамъӣ ба роҳ монда мешавад. Усули дастаҷамъии фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ мақоми махсуси онҳоро ҳамчун мақомоти мустақил ва беҳизбӣ инъикос мекунад. Бояд гуфт, ки усулҳои дастаҷамъӣ ба фаъолияти тамоми низоми комиссияи интихоботӣ, яъне комилан дар ҳамаи комиссияҳои интихоботӣ бе истисно паҳн мегардад.

Усули дастаҷамъӣ яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи ин функсия мебошад, зеро он ба комиссияҳои интихоботӣ имкон медиҳад, ки дар асоси муҳокимаи озод, ҳамаҷониба ва дастаҷамъонаи ҳамаи масъалаҳои ба ҷаласаи комиссия

пешниҳодшуда қарор қабул кунанд ва фикри аксарияти мутлақи ҳамаи аъзои онро баён кунанд[178].

Ошкорбаёниҳам яке аз усулҳои муҳим барои ташкили фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ ва тавсеаи имкониятҳои воқеии шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятии онҳо барои иштироки фаъолона дар идоракунии корҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти ин комиссияҳо нигаронида шудааст. Татбиқи усули мазкур, инчунин аз зарурати таъмини озодии иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста ба таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба интихобот ба шаҳрвандон, тайёр кардан ва гузаронидани интихобот, таъмини ҳуқуқу озодиҳои интихоботии шаҳрвандон вобаста аст. Дар қарору амалҳои мушаххаси комиссияи интихоботӣ собитқадамона татбиқ намудани ин усул хислати демократии ташкил ва гузаронидани интихоботро бештар муайян мекунад[179].

Усули ошкорбаёнӣ аз нуқтаи назари амалӣ аз ҷониби комиссияҳои интихоботӣ ошкоро, аз ҷумла дар шароити дастрасии иттилоот амалӣ намудани вазифаҳои худро пешбинӣ мекунад. Ин, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки ба намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, мақомоти намояндагии ҳокимият, коллективҳои меҳнатӣ, воситаҳои ахбори омма ва мушоҳидачиён имкони иштирок дар маҷлисҳои комиссияҳои дахлдор дода шавад. Баъдан, дар мавҷуд будани иттилоот дар бораи рафти интихобот ва натиҷаҳои он ва иттилооти мунтазам дар бораи қарорҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда ё қабулкардаи комиссияи интихоботӣ нақши муҳим дорад[180].

Усули ошкорбаенӣ дар фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ дар муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи интихобот, ки тартиб ва муҳлати нашри натиҷаҳои овоздиҳиро муайян мекунанд, ифода меебад. Назорати ҷамъиятии фаъолияти комиссияи интихоботӣ аз ҷониби иштирокчиёни интихобот бо

---

[178] Ниг.: Иванченко, А.В., Лысенко В.И., Смирнов В.В. Избирательное право в вопросах и ответах. – М., 1995. – С. 30.

[179] Ниг.: Имомов А.И. Интихобот ва парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2001. – С. 32.

[180] Ниг.: Иванченко А.В. Избирательные комиссии в Российской Федерации. Теория. Практика. – М.: Весь мир, 1996. – С. 111.

ҳуқуқи дастрасии шахсони манфиатдор, пеш аз ҳама нозирон ба участкаҳои интихоботӣ дар рӯзи овоздиҳӣ амалӣ карда

Яке аз шартҳои фаъолияти самараноки низоми комиссияҳои интихоботӣ ҳангоми гузаронидани интихобот интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии оид ба татбиқи қонунгузории интихоботӣ аз ҷониби КМИР мебошад. Ҳамзамон, қонунгузорӣ ба КМИР имкон медиҳад, ки дар танзими ҳама гуна ҳолатҳои ҳуқуқие, ки дар ҷараёни омодагӣ ва баргузории интихобот ба миён меоянд, дастгирии зарурӣ расонад.

КМИР тибқи талаботи қонунгузорӣ санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ қабул мекунад. Санадҳои ҳуқуқии КМИР метавонанд ба санадҳои ба истилоҳ тафсирӣ – ҳуҷҷатҳое мансубанд, ки тавзеҳоти меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Инчунин, қайд кардан мумкин аст, ки ҳангоми баррасии шикоятҳо аз амалу қарори комиссияҳои поёнии интихобот комиссияҳо шарҳи аниқи маънои меъёрҳои ҳуқуқӣ, яъне шарҳи расмие медиҳанд, ки барои ҳар як ҳолати мушаххас ҳатмӣ аст[181].

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба андешаи мо, тавзеҳоти ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати қонунгузорӣ, мунтазам муайян кардани ҷойгоҳи санадҳои ҳуқуқии КМИР дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ қобили қабул аст.

Сониян, ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ҳуқуқ дода мешавад, ки дар бораи татбиқи қонунҳо дар бораи интихобот ва раъйпурсӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул кунад ва онҳо дар тамоми қаламрави кишвар ҳатмӣ мебошанд.

Илова бар ин, мо зарур мешуморем, ки ба комиссияи Марказии интихобот ва раъйпурсӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оид ба баргузории интихобот ва раъйпурсӣ дода шавад.

## 2.4. Масоили иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма дар раванди интихоботӣ

[181] Ниг.: Алексеев С.С. Государство и право. – М.: Юридическая литература, 1993. – С. 169.

Яке аз хусусиятҳои ҷомеаи демократӣ фаъолияти ниҳодҳои мухталифи сиёсӣ, аз он ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ, ба ҳисоб меравад. Ҳизбҳо ҳамчун ниҳодҳои сиёсӣ дар ташаккул ва инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ-сиёсии байни давлат ва ҷомеа нақши калидиро иҷро менамоянд. Қайд намудан зарур аст, ки дар ҷомеаи демократӣ, низоми сиёсӣ, плюрализми сиёсӣ, намояндагии халқ, интихобӣ будани шахсони мансабдор дар низоми ҳокимияти давлатӣ мавҷудият ва фаъолияти ҳизбҳоро талаб менамояд[182].

Ҳизбҳои сиёсӣ яке аз ниҳодҳои сиёсие ба ҳисоб мераванд, ки пайдоиши онҳо бо таҳаввулоти демократияи либералӣ алоқаманд аст. Демократияи муосир ин демократияи ҳизбӣ аст, ки муқаррарот ва амалияи сиёсӣ, аз нуқтаи назари ғарбӣ, моҳияти идоракунии демократиро ташкил намуда, он на танҳо бо ҳизбҳои сиёсӣ бунёд гардидааст, балки бе мавҷудият ва фаъолияти онҳо маънои томро касб карда наметавонад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳолати ҳамчун ташкилоти демократӣ ва плюралистӣ, ки дар усулҳои қабули қарор аз тарафи аксарияти аъзоён ва масъулияти коллективона асос ёфтааст, рушд намудан, бартарии муайянро ба даст меоранд. Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ нишондиҳандаи воқеии раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократикунонии низоми сиёсӣ, рушди худидоранамоӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар қадаре ки фаъолияти онҳо натиҷанок гардад, то ҳамон андоза сатҳи баланди рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ касб карда мешавад[183].

Маънои ҳизб аз решаи лотинӣ ва арабӣ гирифта шуда, маънои қисм ё гурӯҳро дорад. Ҳизби сиёсӣ ин шакли махсуси ташкилоти ҷамъиятӣ аст, ки назди худ бадастории ҳокимияти сиёсӣ дар давлат ё тариқи намояндагони худ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар он иштирок намуданро мақсад гузоштааст. Ҳар як ҳизб дорои барномаи махсуси

[182] Ниг.: Имомов Ҳ. Нақши бунёдии ҳизбҳои сиёсӣ дар замони имрӯза / Ҳ. Имомов // Маводҳои конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Инкишофи падидаи конститутсионализм дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон» / Зери таҳрири А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2014. – С. 204.
[183] Ниг.: Богомяков В.Г., Бурханов Р.А. Политические партии и партийные системы. – Нижневартовск, 2014. – С. 3.

фаъолият мебошад, ки дар он идеологияи онҳо таҷассум гардида, мақсад ва вазифаҳо муайян карда шудаанд[184].

Ҳизбҳои сиёсии оммавӣ таърихи тӯлонӣ надоранд ва маҳсули махсуси рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати парламентиву конститутсионӣ буда, унсури низоми сиёсӣ, ки дар амалинамоии муассисаҳои намояндагӣ асос ёфтааст, ба ҳисоб меравад.

То охири асри XVII мавқеи давлат ва доктринаи давлатӣ бо мухолифат, фурӯнишонӣ ва пароканда намудани ҳар як гурӯҳи сиёсӣ тасниф карда мешуд, аз охири асри XVIII бошад, чунин гурӯҳҳои сиёсӣ инкор карда мешуданд.

Як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки пайдо намудани чунин як усул ё падидаи сиёсӣ, ки дар ҷараёни таҳаввулоти таърихии худ чунин як ҳамлаҳои якдилонаро аз ҷониби анъанаҳои фалсафии антиқа, консепсияҳои теологии сохтори ҷамъиятии давраи феодализм, афкори асримиёнагии давлатии марҳилаи монархияҳои феодалии табақавӣ ва мутлақ, назарияҳои либералии буржуазиву демократӣ, назарияҳои буржуазии демократӣ, назарияи нави буржуазии ҳизбҳои сиёсӣ эҳсос намудааст, пайдо намудан душвор аст[185].

Масалан, Ж.Ж. Руссо гурӯҳҳои ҳизбиро ҳамчун омили ташаккули иродаи сиёсии шаҳрвандон, ифодакунанда ва намояндагии манфиатҳои ҷамъиятӣ баррасӣ намуда, фаъолияти онҳоро ба таври манфӣ баҳогузорӣ намудааст, зеро баҳсҳои тулонӣ ва мухолифат, ки фаъолияти гурӯҳҳои мухталифи ҳизбиро ҳамроҳӣ менамоянд, ба афзалият доштани манфиатҳои шахсӣ ва заифгардии давлат нишон медиҳад[186].

Г. Гегел Ин андешаро, ки гӯё ҳизбҳо метавонанд барандаи афкори ҷамъиятиву сиёсӣ бошанд, рад намудааст. Ӯ ҳизбҳоро ба «ҳокимияти аққалиятҳо», «манфиати хусусӣ ва тасодуфӣ» баробар намудааст, ки бояд бартараф карда шаванд[187].

[184] Ниг.: Богомяков В.Г., Бурханов Р.А. Политические партии и партийные системы. – Нижневартовск, 2014. – С. 3.
[185] Ниг.: Бекназар-Юзбашев Т.Б. Партия в буржказных политико-правовых учениях. – М, 1988. – С. 8-9.
[186] Ниг.: Руссо Ж.Ж. Об общественном договоре. – СПб., 1907. – С. 181.
[187] Ниг.: Гегель Г. Сочинение. В 14 т. – М., 1934. – Т.7. – С. 326-334.

Бэкон Ф. чунин мешуморад, ки қувват гирифтани ҳизбҳо ва мухолифати байни онҳо заифии ҳокимонро нишон дода, ба муваффақияти кори онҳо халал мерасонад[188].

Танҳо, дар нимаи дуюми асри XIX дар кишварҳои рушдкардаи аврупоӣ миқдори зиёди ҳизбҳои сиёсӣ пайдо гардиданд, ки аллакай ба соҳаи фаъолияти давлат ворид гардида, ба таври назаррас ба амалинамоии тамоми низоми сиёсӣ таъсир мерасониданд. Чунин ҳолат ба самтивазнамоии назарияҳои давлативу сиёсӣ оид ба нақши ҳизбҳои сиёсӣ, эътирофи муттасили ҳизб ҳамчун унсури зарурати амалинамоии ниҳодҳои демократии давлати конститутсионӣ мусоидат намуд.

Новобаста аз ин, эътирофи қонунгузории ҳизбҳо ҳамчун унсури муҳим ва зарурии амалинамоии низоми сиёсии ҷомеа аз раванди пайдоиши ҳизбҳо ва ташаккули воқеии онҳо ба сифати ниҳоди сиёсӣ қафо монда буд.

Дар шароити имрӯза дар аксарияти кишварҳо ҳизбҳои сиёсӣ унсури зарурии механизми амалинамоии ҳокимияти халқ баромад менамоянд, яъне ҳизбҳои сиёси нақши муҳаррики пешбарандаи амалҳои механизми давлатӣ ва таъминоти амалинамоии онро иҷро менамоянд.

Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки дар кишварҳои алоҳида ба расмият даровардани ҳуқуқи ниҳоди ҳизби сиёсӣ то андозае мушкил гардида буд, зеро аз рӯйи пайдоиш, соҳаи фаъолият, таъиноти амалинамоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ин категорияи ҷамъиятиву сиёсӣ, на категорияи давлативу ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад[189]. Маҳз аз ҳамин хотир, дар қонунгузории аксарияти кишварҳо таснифоти ягонаи умумиэътирофгардидаи ҳизби сиёсӣ ва тасаввуроти ягона оид ба нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ вуҷуд надорад[190].

Таснифоти умумии ҳуқуқии ҳизби сиёсӣ, ки дар асоси таҳлили аломатҳои асосии дар қонунгузории давлатҳои муосир муқарраргардида пешниҳод гардидааст, ба ақидаи Ю.А. Юдин чунин аст: ҳизби сиёсӣ ин иттиҳодияи ҷамъиятӣ аст, ки барои иштирок дар раванди сиёсӣ бо мақсадӣ бадасторӣ ва

[188] Ниг.: Бэкон Ф. Сочинение. В 2 т. – М., 1972. – Т.2. – С. 382-383.
[189] Ниг.: Бекназар-Юзбашев Т.Б. Партия в буржказных политико-правовых учениях. – М, 1988. – С. 9.
[190] Ниг.: Юдин Ю.А. Политические партии и право в современном государстве. – М., 1998. – С. 36.

амалинамоии ҳокимияти давлатӣ тариқи воситаҳои конститутсионӣ бунёд гардида, ба таври доимӣ амал менамояд ва дорои табиати сиёсӣ мебошад[191].

Мақсади ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи демократӣ муосидат намудан ба ҷомеа дар ташаккул ва ифодаи иродаи сиёсии он муайян карда мешавад. Бадасторӣ ва амалӣ намуданӣ ҳокимияти давлатӣ – воситаи асосии амалӣ намудани мақсади зикргардида ба ҳисоб меравад. Чунин муносибат, бо маънои раванди сиёсии демократӣ ва нақши ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун миёнарави байни ҷомеа ва давлат мувофиқ аст. Ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти худро ба манфиатҳои ҷомеа тобеъ намуда, пеш аз ҳама, самти ифодаи ин манфиатҳоро дар сатҳи давлатӣ пеша намудаанд[192]. Бо дарназардошти ин метавон гуфт, ки дар фаҳми мазкур ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ифодакунандаи манфиатҳои мухталифи ҷомеа баромад менамоянд, ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ин танҳо воситаи асосии ифода намудани манфиат ва талаботҳои ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар ҶТ ба монанди дигар давлатҳои демократӣ, мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ натиҷаи объективии рушди таърихӣ, демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, рушди конститутсиониву ҳуқуқии Тоҷикистон бо ниҳодигардонии ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ, қувват додани қонунгузории нақши онҳо дар ташаккул ва амалинамоии ҳокимияти давлатӣ, эътирофи ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ниҳод, ки барои амалинамоии тамоми механизми давлатии ҶТ зарур аст, тасниф карда мешавад.

Дар шароити гуногунии идеологӣ ва плюрализми сиёсӣ зарурати шарикии тамоми манфиат ва иродаҳои хусусӣ барои ташаккули ирода ва манфиатҳои умумии барандагони манфиат ва иродаҳои хусусӣ барои пешбарӣ намудани онҳо ба сатҳи давлатӣ ва таҷассуми онҳо дар Конститутсия ва қонунҳо пешниҳод карда мешавад. Дар ин самт як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки дар ҳолати гуногунии идеологӣ имконияти гузариш аз худифоданамоии инфиродии алоҳида ба шаклҳои муташаккили ифоданамоӣ ва ҳимояи ақидаҳо пешниҳод карда мешавад. Дар ин ҷой як навъ роҳ ба

[191] Ниг.: Юдин Ю.А. Политические партии и право в современном государстве. – М., 1998. – С. 50.
[192] Ниг.: Политические партии и движения на выборах / Под ред. М.Р. Холмской. – М., 1999. – С. 14.

плюрализми сиёсӣ на танҳо дар шакли озодии баённамоӣ, балки маҷмуи созмонҳо барои пешниҳоди афкори мухталиф ба сифати ҷараёнҳои идеологӣ гузошта мешавад[193].

Маҳз ҳизбҳои сиёсӣ яке аз шаклҳои муташаккили ифодаи ғоя ва афкори сиёсӣ, мавқеи идеологӣ баромад намуда, дар чунин ҳолат ба ифодаи иродаи ягона, ки манфиатҳои умумии ҷамъиятиву сиёсиро таҷассум менамоянд, мусоидат менамоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ на танҳо манфиатҳои умумиро ифода менамоянд, балки миқдори зиёди манфиатҳои шахсии алоҳидаи шаҳрвандон, қишрҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои манфиатро ошкор намуда, онҳоро ба маҷмуи манфиати сиёсӣ мубаддал мегардонанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар заминаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун натиҷаи худташкилнамоии сиёсии он ташаккул ёфта, дар як ҳолат миёнарави асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат ба ҳисоб меравад, ки ба ифодаи талабот ва манфиатҳои қишрҳо ва гурӯҳҳои гуногун тариқи ниҳоди ҳокимияти давлатӣ мусоидат менамояд.

Албатта, дар шароити имрӯза фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ такмили минбаъдаро талаб менамоянд. Аз ин хотир, давлат бо дарназардошти камбудиву хатогиҳо шаклҳои мутобиқи танзими ҳуқуқии ин соҳаро бо мақсади ҳавасманднамоии бунёди ҳизбҳои сиёсии воқеиро ҷустуҷӯ менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳизби сиёсӣ ин ниҳоди низоми сиёсӣ аст, ки дорои аломатҳои фарқкунанда мебошад ва як қатор вазифаҳои муҳимро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа иҷро менамояд. Дар фарқият аз дигар созмону ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ барномаи дақиқ доранд, ки мақсад ва воситаҳои бадастории он, оиннома, ки ҷанбаи бунёдии онро муайян намудааст, доираи аъзогӣ, мақомоти марказии идоракунӣ ва бахшҳои минтақавӣ, инчунин аломатҳои онро фаро мегирад.

---

[193] Ниг.: Авакьян С.А. Политический плюрализм и общественные объединение в Российской Федерации: конституционно-правовые основы. – М., 1996 – С. 10-11.

Иштироки ҳизбҳо дар раванди интихоботӣ ба ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, махсусан намояндагӣ ва қонунбарори ҳокимияти давлатӣ – парламент мусоидат мекунад.

Низоми ҳизбии ҳар як кишвар ба қадри зарурӣ муҳим аст, зеро он яке аз сохторҳои мураккаб аст, ки аз ҷиҳати сохторӣ аз ҷониби маҷмуи ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳамкории онҳо муаррифӣ карда мешавад. Ҳизби сиёсӣ ҳамчун унсури сохтори низоми ҳизбӣ дар бораи ин низом маълумоти муайян дорад. Хотиррасон бояд кард, ки доираи ҳадафи ҳаракати низоми ҳизбӣ ва ҳизби сиёсӣ гуногун аст. Доираи ҳаракати ҳизби сиёсӣ ин ба даст овардани ҳокимият барои татбиқи барномаи сохтори ҷамъиятӣ мебошад. Доираи фаъолияти низоми ҳизбӣ таъмини шароити интиқоли қудрат аз ҷониби мардум ба ниҳодҳои сиёсии дахлдор мебошад.

Дар айни замон тағйирёбии низоми сиёсии Тоҷикистон ба амал омада истодааст ва ин ба ҷустуҷӯи шакли нави муносибатҳо байни мақомот ва ҳизбҳо ҳамчун иштирокчиёни асосии раванди сиёсӣ равона шудааст.

Дар моддаи 28 Конститутсияи ҶТ гуфта шудааст, ки шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шуданро доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намуда, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз он хориҷ шавад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи мардум мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок мекунанд. Сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқат кунад.

Ҳарчанд, дар Конститутсия мафҳуми ягонаи ҳизби сиёсӣ муқаррар нашудааст, аммо он фаъолияти ҳамаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иттифоқҳои касаба, ассотсиатсияҳо, клубҳо, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсиро кафолат медиҳад.

Дар фарқият аз ҶТ дар аксарияти давлатҳои муосири демократӣ ба қонуни асосӣ муқарророт оид ба ҳизбҳои сиёсӣ ворид карда шудааст, ки аз эътирофи нақши муҳимми ҳизбҳои сиёсӣ, ки онҳо дар ташкил ва амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ мебозанд, шаҳодат медиҳад.

Новобаста аз ин масъалаи конститутсионигардонии ҳизбҳои сиёсӣ, ба он додани мақоми ниҳоди конститутсионӣ дар сарчашмаҳои ғарбии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ баҳснок боқӣ мондааст. Далели асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳизбҳо ҳамчун амалинамоии яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон – озодии муттаҳидшавӣ баррасӣ карда мешавад, мутобиқан, танзими ҳуқуқии онҳо, махсусан танзими конститутсионӣ то андозае маҳдуд намудани ин озодӣ ба ҳисоб меравад. Далели дигари паҳнгардида дар он зоҳир мегардад, ки эътирофи конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ онҳоро ба соҳаи давлатдорӣ ворид менамояд. Дар чунин ҳолат онҳо, ҳамчун қисми таркибии сохтори давлатӣ баромад менамоянд.

Дар моддаи 9 Конститутсияи ҶТ гуфта шудааст, ки ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ амалӣ карда мешавад. Мувофиқи ин муқаррарот Маҷлиси Олии ҶТ қисми таркибии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи ин муқаррарот, Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳайати ҳокимияти давлатӣ дохил мешавад. Ифодаи бевоситаи олии ҳокимияти халқ раъйпурсӣ ва интихоботи озод ба ҳисоб меравад. Иродаи халқ, ки дар интихобот ифода карда шудааст, ташкили демократии ҳокимиятро дар Тоҷикистон таъмин менамояд. Ин муқаррароти конститутсионӣ ба усулҳо ва меъёрҳои умумиэътирофгардидаи ҳуқуқи байналхалқӣ мувофиқ мебошанд, ки қисми таркибии низоми сиёсии ҶТ ба ҳисоб меравaнд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки асоси ҳокимият маҳз иродаи халқ ба ҳисоб меравад, ки бояд дар интихоботҳои марҳилавӣ ё дигар шаклҳои баробарвазн, ки озодии овоздиҳиро таъмин менамояд, ифода гардад.

Дар асоси ҷанбаҳои зикргардида метавон қайд намуд, ки рушди бисёрҳизбӣ ва иштироки фаъоли ҳизбҳо ва шаҳрвандон дар раванди интихоботӣ ба ифодаи сохтории манфиат ва хоҳиши сиёсии интихобкунандагон ва бунёди сиёсии худи раванди интихоботӣ мусоидат менамояд. Дар чунин ҳолат ҳизбҳои сиёсӣ қисми таркибии низоми алоқаҳои

ҷавобӣ байни мақомоти ҳокимияти намояндагӣ ва аҳолии кишвар ба ҳисоб мераванд.

Дар даврони муосир ва шароити имрӯзаи Тоҷикистон дар раванди сиёсӣ ба таври назаррас нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди ташаккули давлати демократӣ ва қабули қарорҳои сиёсӣ меафзояд. Қайд намудан зарур аст, ки ниҳоди бисёрҳизбии муосир дар Тоҷикистон хеле мухталиф аст. Як қатор ҳизбҳо маҳсули бuҳрони идеологияи анъанавӣ, гурӯҳи дигар маҳсули қоидаву муқаррароти нави баргузории интихобот, қисме ҳамчун зарурати қонеъ намудани манфиатҳои элитаи ҳукмрон ба ҳисоб мераванд. Ба ҳар ҳол, мувофиқи қонунгузории амалкунанда ҳизбҳои сиёсӣ бояд равандҳои воқеии иҷтимоиву сиёсиро, ки дар ҷомеа ба миён меоянд, таҷассум намоянд.

Ба ташаккули ниҳоди бисёрҳизбӣ, пеш аз ҳама, интихобот таъсири бузург мерасонад. Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон чандин марҳилаи интихоботи президентӣ ва интихоботи вакилони халқӣ ба парламент гузаронида шудааст, ки ҳар яке аз онҳо ҳам ба бунёди ҳизбҳо дар ҷумҳурӣ ва ҳам ба вазъияти сиёсии ҳизбҳои гуногуни амалкунанда таъсири амиқ расонидаанд.

Бо қабул намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (1998) ҳизбҳои сиёсӣ имконият пайдо намуданд, ки мустақилона номзадҳо ва рӯйхати ҳизбиро пешниҳод намоянд. Албатта, бо қабул гардидани қонуни мазкур сатҳи талабот нисбат ба ҳизбҳои сиёсӣ низ зиёд мегардад. Барои бақайдгирии давлатӣ ҳизби сиёсӣ рӯйхати на камтар аз ҳазор ҷонибдорони худро пешниҳод мекунад, ки онҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҶТ зиндагӣ мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби шаҳрвандони ҶТ бе ягон иҷозатнома дар маҷлиси (анҷуман, конференсия) муассисон озодона таъсис дода шуда, дар он оиннома ва мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб қабул ва ташкил карда мешаванд.

Ба ғайр аз ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботӣ иттифоқҳои интихоботӣ ширкат меварзанд. Иттифоқӣ интихоботӣ ин итттифоқи ҳизбҳои сиёсие мебошанд, ки мувофиқи қонунгузории амалкунанда фаъолият намуда, байни ҳамдигар мувофиқатномаи пешазинтихоботӣ мебанданд. Яъне ду ва ё зиёда

ҳизбҳои сиёсии амалкунанда дар асоси мувофиқатномаи пешазинтихоботӣ иттифоқҳои интихоботиро таъсис медиҳанд.

Муҳиммияти иштироки ҳизбҳои сиёсиро дар раванди интихоботӣ ба инобат гирифта, дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» [194] ба ин масъала боби алоҳида бахшида шудааст. Ин боб ба таври мушаххас усулҳои асосии иштироки ҳизбҳои сиёсиро дар раванди интихоботӣ баён менамояд.

Ҳизби сиёсӣ ё дигар иттиҳодияи ҷамъиятӣ аз лаҳзаи амалӣ намудани ҳуқуқи пешбарии номзад ба интихоботи мақомоти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот мақоми иттиҳодияи интихоботиро касб менамоянд. Дар ҳолати гузаронидани интихобот мувофиқи низомҳои интихоботии мутаносиб ва омехта дар самти пешниҳоди рӯйхати интихобкунандагон дар ҳавзаи ягонаи интихоботӣ, иттиҳодияҳои интихоботӣ иштирокчии бевоситаи раванди интихоботӣ гардида, ҳуқуқ доранд як қатор иштирокчиёни раванди интихоботӣ, шахси боэътимод, аъзои комиссияи интихоботӣ, мушоҳидонро таъин намояд.

Як қатор муқаррароти қонун ба таври назаррас вижагии иштироки ҳизбҳои сиёсиро дар интихобот дигаргун намуд. Ҳамин тариқ, ҳизбҳо имконият пайдо намуданд, ки ба таври мустақил дар раванди интихоботӣ ширкат варзанд, бо дигар ҳизби сиёсӣ мувофиқатномаи пешазинтихоботӣ банданд ва бо дигар ҳизбҳои сиёсӣ ба иттифоқҳои интихоботӣ дохил гарданд.

Илова бар ин, ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқ пайдо намуданд, ки дар раванди интихоботӣ мустақилона ва ё аз номи иттифоқҳои интихоботӣ номзадҳо пешбарӣ намоянд, бо риояи шартҳои баробар ташвиқоти пешазинтихоботӣ баранд ва ба рафти интихобот назорат кунанд ва бо тартиби муқарраркардашуда натиҷаҳои онҳоро муайян намоянд.

Таҳлили амалияи сиёсию ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар сатҳи баланд қарор дорад, аксарияти муқаррароти қонунгузории амалкунандаи интихоботӣ, ки фаъолияти

[194] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» аз 13 ноябри соли 1998, №680.

ҳизбҳоро танзим менамоянд, дар сатҳи баланди сиёсиву ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд.

Дар гузаронидани интихоботи вакилони мақомоти намояндагӣ аз рӯйи ҳавзаҳои якмандатӣ ё бисёрмандатӣ иттиҳодияҳои интихоботӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ки мувофиқи қонунгузорӣ ба қайд гирифта шудаанд, ба ҳисоб мераванд.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ҳизби сиёсӣ иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки вазифаи асосии он иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа тариқи ташаккули иродаи шаҳрвандон, инчунин амалӣ намудани ҳокимият бо воситаи намояндагии худ ба ҳисоб меравад.

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ иштироки онҳо дар интихобот, интихоби намояндагони онҳо дар мақомоти интихобии ҳокимият ба ҳисоб меравад. Маҳз тариқи интихобот ҳизбҳои сиёсӣ бо интихобкунандагон ҳамкорӣ менамоянд, барномаи рушди ҷомеа, роҳҳо ва воситаҳои ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаро пешниҳод менамоянд. Илова бар ин, ҳизбҳои сиёсӣ бо истифода намудани интихобот сарварон ва аъзоёни худро бо интихобкунандагон шинос менамоянд. Онҳо ташвиқоти пешазинтихоботиро ба сифати минбари ҳизбӣ истифода менамоянд[195].

Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботӣ ин амалӣ намудани вазифаи конститутсионии онҳо тариқи шаклҳои мухталифи ташкилию ҳуқуқии иштирок дар интихобот мебошад. Дар ҶТ қонунгузории интихоботӣ ҳаҷм ва намудҳои ваколат барои ҳизбҳои сиёсиро дар ҳолати ворид гардидани онҳо ба раванди интихоботӣ муқаррар намудааст, ки онҳоро мувофиқи марҳилаҳои алоҳидаи раванди интихоботӣ ба гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст.

– ваколат вобаста ба иштирок дар таъсиси комиссияҳои интихоботии сатҳҳои гуногун. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксарияти кишварҳо ваколати ҳизбҳои сиёсӣ иштирок дар таъсиси комиссияҳои интихоботӣ,

[195] Ниг.: Шарипов С.И. Политические процессы в таджикском обществе (Сборник статей 1998-2011 г.г.). – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2011. – С. 256.

таъсиси комиссияҳои интихоботӣ дар маҳалҳо, комиссияҳои интихоботии ҳавзавӣ зоҳир мегардад Ҳизбҳои сиёсӣ дар таъсиси комиссияҳои интихоботӣ фаъолона ширкат намуда, намояндаи худро ба комиссияи интихоботӣ ворид менамоянд.

– ваколат оид ба пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо ва рӯйхати ҳизбӣ. Мувофиқи моддаи 30 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» барои пешбарӣ намудани номзадҳои вакилони Маҷлиси намояндагон ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқ доранд. Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд шахсонеро, ки аъзои ҳизбҳои сиёсӣ намебошанд, ҳамчун номзад пешниҳод кунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ба шарте номзадро ба вакилии Маҷлиси намояндагон пешбарӣ карда метавонанд, агар онҳо бо тартиби муқарраркардаи қонун то рӯзи таъини интихобот дар Вазорати адлияи ҶТ ба қайд гирифта шуда бошанд ва дар бораи сарчашмаи даромадашон ҳуҷҷат пешниҳод кунанд. Дар гузашта ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ ҳуқуқи пешниҳод кардани намояндаҳои худро ба аъзогии комиссияҳо доштанд ва ҳоло мувофиқи тағйироти қонунгузории кишвар ин ҳуқуқро надоранд.

Мувофиқи моддаи 31 ин Қонуни конститутсионии мазкур муқаррар карда шудааст, ки пешбарии номзадҳои вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ аз ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи мақомоти шаҳрӣ, ноҳиявии ҳизбҳои сиёсӣ дар пленумҳои онҳо бо зикри ҳавзаи интихоботӣ, ки номзадашон пешбарӣ мешавад, сурат мегирад. Мақомоти шаҳрию ноҳиявии ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳар як ҳавзаи интихоботие, ки дар ҳудуди шаҳр ва ноҳия воқеъ гардидааст, як номзад пешбарӣ мекунанд. Қарор дар бораи пешбарии номзад ба таври пинҳонӣ қабул карда мешавад. Рӯйхати номзадҳо ва тартиби ҷобаҷокунии номзадҳоро дар рӯйхат ҳизби сиёсӣ муайян мекунад. Рӯйхати номзадҳо ва тартиби ҷобаҷокунии номзадҳо дар рӯйхат баъд аз пешниҳод намудани он ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ тағйир дода намешавад, ба истисноии ҳолатҳои хориҷ шудани номзад аз рӯйхат.

Дар моддаи 24 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар гардидааст, ки номзад ба

мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҳизбҳои сиёсии ҷумҳурӣ, ки мувофиқи тартиби муқarrаргардида ба қайд гирифта шудаанд, пешбарӣ карда мешавад.

Бо бақайдгирии расмии номзадон ва рӯйхатҳои ҳизбӣ марҳилаи дуюми раванди интихоботӣ ба итмом мерасад. Дар ин марҳила, мавқеи ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ тағйир меёбад:

– ҳизбҳои сиёсӣ номгӯи васеи ҳуқуқҳоро барои амалӣ намудани амалҳои пешазинтихобӣ ба даст меоранд;

– ваколати ҳизбҳои сиёсӣ дар ташвиқоти пешазинтихоботӣ.

Дар ин марҳила ҳизбҳои сиёсӣ ба мубориза барои ҷойҳои вакилӣ дар парламент оғоз менамоянд, бархӯрди манфиатҳои нерӯҳои мухталифи сиёсӣ ба миён меояд. Маҳз бо ташвиқоти пешазинтихоботӣ миқдори зиёди амалҳои интихоботӣ алоқаманд мебошад. Ин марҳила дар муборизаи барои овози интихобкунандагон калидӣ ва ҳалкунанда ба ҳисоб меравад, аз ин хотир миқдори зиёди хазинаи интихоботии ҳизбҳои сиёсиро талаб менамояд. Дар ин марҳила махсусан муборизаи байни номзадҳо мушоҳида карда мешаванд, аз ин рӯ ин марҳилаи раванди интихоботӣ диққати махсус ва танзими қонунгузориро талаб менамояд.

Дар моддаи 39 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ», ки ба ҳизбҳои сиёсӣ дар давраи пешазинтихоботӣ бе монеа имконияти ташвиқотӣ таъмин карда мешавад. Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд бо шаклу усулҳои қонунӣ барои иштирок дар интихобот озодона ва ҳаматарафа ташвиқот баранд, барномаҳои пешазинтихоботии номзадҳо, сифатҳои сиёсӣ, корӣ, шахсии онҳо, ҳамчунин барномаҳои пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсиро муҳокима намоянд, ба тарафдорӣ ё зидди ин ё он номзад дар маҷлисҳо ва воситаҳои ахбори омма ташвиқот баранд. Комиссияи интихоботӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ барои гузаронидани ин вохӯриҳо мусоидат мекунанд, биноҳо ҷудо менамоянд, аз вақту маҳалли вохӯриҳо пешакӣ хабар медиҳанд ва дигар чорабиниҳои заруриро амалӣ

мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ барои истифодаи ахбори омма шароитҳои баробар кафолат дода мешавад.

Ҳамзамон, дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» ба фаъолияти пешазинтихоботии номзад диққат дода шуда, фаъолияти пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ муайян нагрдидааст. Бо дарназардошти ин мо чунин мешуморем, ки дар ҳолати пешниҳод гардидани номзад аз тарафи ҳизб, маҳз тамоми сохтори ҳизбӣ бояд ба ташвиқот ва тарғиботи барномаи номзад, ки аз барномаи ҳизбӣ сарчашма мегирад, машғул гардад.

– ваколати мушоҳидаи ҷараёни овоздиҳӣ, ҳисоби овозҳо ва муайян намудани натиҷаи интихобот. Лекин қайд намудан зарур аст, ки ба ақидаи мо, бояд мушоҳидаи ҳизбӣ на танҳо дар ин марҳила, балки дар тамоми марҳила ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тариқ, яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ иштироки онҳо дар интихобот, интихоби намояндагони онҳо дар мақомоти интихобии ҳокимият ба ҳисоб меравад. Маҳз тариқи интихобот ҳизбҳои сиёсӣ бо интихобкунандагон ҳамкорӣ менамоянд, барномаи рушди ҷомеа, роҳҳо ва воситаҳои ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаро пешниҳод менамоянд. Илова бар ин, ҳизбҳои сиёсӣ ба воситаи интихобот сарварон ва аъзоёни худро бо интихобкунандагон шинос менамоянд.

Дар шароити муосир фазои сиёсӣ ва равандҳои ҷамъиятиро бе воситаҳои иттилоотӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Таҳия, коркард ва интиқоли иттилоот сарчашмаи бунёдии истеҳсолот ва ҳокимият маҳсуб меёбад[196]. Дар бештари давлатҳои муосир, ки роҳи эъмори ҷомеаи демократиро касб намудаанд, иттилоотонии халқ шарти муҳимтарини ҷомеа маҳсуб меёбад[197]. Барандаи асосии иттилоот воситаҳои ахбори омма ба ҳисоб меравад, ки айни замон ба сифати субъекти муҳимтарини равандҳои ҷамъиятӣ баромад мекунанд.

---

[196] Ниг.: Каслельс М. Информационная эпоха: экономика, общество и культура / Пер. с англ.; Под научн. ред. О.И. Шкаратана. – М., 2000. – С. 28.

[197] Ниг.: Телятник Т.Е. Информақия как ресурс властного влияния в общестенно-политической сфере / Т.Е. Телятник // Теория и практика общественного развития. – 2011.– №3. – С. 235.

Воситаҳои ахбори омма дар раванди интихоботӣ нақш ва мақоми хосса доранд, зеро онҳо ба таъминоти иттилоотӣ дар давраҳои гуногуни интихоботӣ муосидат менамоянд. Иттилоот воситаи муҳими ташаккули фазои иттилоотӣ аст, ки бе он тасаввур намудани маъракаи интихоботӣ ғайриимкон аст, чунки интихоб намудан метавонад дар асоси ба даст овардани маълумот ва иттилоот имконпазир гардад. Имкониятҳо ва васеъ гардидани захираҳои иттилоотӣ ва дастрасии номаҳдуд ва бемонеа ба онҳо имконият медиҳанд, ки ҳар як шаҳрванд, ки ба ҳайси интихобкунанда маълумоти пурра ва заруриро оид ба номзад ё ҳизби сиёсӣ ба даст орад. Интихобкунанда имконият пайдо менамояд, ки маълумотҳои дахлдорро оид ба номзадҳо муқоиса намуда, мазмуни барномаҳои пешазинтихоботии онҳоро ошкор намояд ва мустақилона мавқеи худро нисбати ҳар як номзад ва ҳизби сиёсӣ муайян намояд.

Дар ин самт ҳар як шаҳрванд имконият пайдо менамояд, ки бо арзишҳо, меъёрҳо ва барномаҳои нави номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ шинос гардида, моҳияти ҳар яке аз онҳоро дарк карда, дар натиҷа маҷмуи донишҳои нави сиёсиро аз худ намояд, ки ба рушди минбаъдаи шахсияти шаҳрванд таъсири амиқ мерасонад.

Ҳамзамон, воситаҳои ахбори омма ба татбиқи усули ошкорбаёнӣ дар давраҳои интихоботӣ мусоидат намуда, воқеиятро дар ин раванд инъикос менамояд. Воситаҳои ахбори омма ҷиҳати татбиқи усули мазкур нақши калидиро мебозанд, яъне онҳо мақоми бетарафро барои худ ихтиёр намуда, иттилоотро ба таври воқеӣ бояд пешниҳод намоянд. Дар сурати акс хонандагони иттилооти марбут ба интихобот метавонанд тасаввуроти нодурустро вобаста ба масъалаҳои мухталифи интихобот барои худ қабул намоянд[198].

Аз тарафи дигар, номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар давраҳои интихоботӣ ширкат меварзанд, тариқи воситаҳои ахбори омма барномаҳои худро паҳн

[198] Ниг.: Папкова А., Малиненко Э.В. Институционалная роль СМИ в избирательном процессе / А. Папкова, Э.В. Малиненко // Colloquium–journal. – 2021. – №13 (100). – С. 44.

намуда, барои овози ҳар як интихобкунанда мубориза мебаранд. Ҳарчи қадаре номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ аз воситаҳои ахбори омма истифода намоянд, то ҳамон андоза муборизаи онҳо тезутунд ва рақобатнок мегардад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар раванди интихоботӣ бузург аст. Вобаста ба ин, нисбат ба субъекти раванди интихоботӣ будани воситаҳои ахбори омма мавқеи ягона ҷой надорад. Дар навъбандиҳои мухталифи субъектҳои раванди интихоботӣ воситаҳои ахбори омма ба гурӯҳҳои гуногуни субъектҳо дохил карда мешаванд. Масалан, К.В. Краснов дар асоси мазмуни фаъолият субъектҳоро ба шаш гурӯҳ ҷудо намуда, ташкилотҳои иттилоотдиҳандаро ба як гурӯҳи алоҳида ворид намудааст. Ӯ чунин субъектҳоро ҷудо намудааст:

– мақомоти давлатӣ, ки таърихи баргузории интихоботро мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ таъин менамоянд;

– комиссияҳои интихоботӣ;

– субъектҳои ҳуқуқи фаъол ва ғайрифаъоли интихоботӣ;

– воситаҳои ахбори умум, ки иттилоотонии интихобкунандагонро амалӣ менамоянд;

– субъектҳое, ки қонунӣ будани интихоботро назорат менамоянд;

– шахсоне, ки аз ҷиҳати моддӣ баргузории интихоботро таъмин менамоянд[199].

Таҳлили гурӯҳбандии зикргардида ва дигар таснифоти субъектҳои раванди интихоботӣ нишон медиҳад, ки қариб тамоми муаллифон ба сифати субъекти раванди интихоботӣ воситаҳои ахбори оммаро ворид намудаанд. Танҳо мавқеи он дар низоми субъектҳои раванди интихоботӣ гуногун аст. Як қатор муаллифон воситаҳои ахбори умумро ба субъектҳои асосии раванди интихоботӣ дохил менамоянд, ки бе онҳо гузаронидани интихобот ғайриимкон аст. Гурӯҳи дигар, воситаҳои ахбори оммаро ба қатори субъектҳои ёрирасон ворид менамоянд.

---

[199] Ниг.: Краснов К.В. Субъекты избирательного процесса в Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 8.

Барои равшанӣ андохтан ба ин масъала зарур аст, ки як қатор ҷанбаҳо дар самти субъекти раванди интихоботӣ баромад намудани воситаҳои ахбори омма мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Субъекти ҳуқуқ шахсони инфиродӣ ва созмонҳое мебошанд, ки дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ метавонанд иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ бошанд, яъне барандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ баромад намоянд. Мувофиқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» воситаҳои ахбори умум аз идораҳои матбуоти даврӣ, радио, телевизион, агентиҳои иттилоотӣ, дигар муассисаҳое, ки ахбори омма нашр менамоянд, иборат аст[200].

Дар асоси ин метавон қайд намуд, ки дар доираи чунин фаҳмиши воситаи ахбори омма, ки дар қонунгузорӣ муқаррар гардидааст, наметавонад барандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектӣ бошад, яъне воситаҳои ахбори омма наметавонанд субъекти раванди интихоботӣ бошанд.

Ба сифати субъекти раванди интихоботӣ бояд созмон ё ташкилот, ки нашри ахбори умумро амалӣ менамояд (ҳайати таҳририя) баррасӣ карда мешавад, худи воситаҳои ахбори умум бошад танҳо доира ва воситае мебошад, ки дар раванди интихоботӣ истифода карда мешавад.

Таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки чунин нуқтаи назар аз тарафи як қатор муаллифон пешниҳод карда шудааст. Масалан, Н.Н. Ковалев қайд менамояд, ки ба ҳам монанд намудани воситаҳои ахбори омма ва ҳайати таҳририяи онҳо нодуруст ва хато аст. Дар нисбати воситаҳои ахбори омма мо маҳз бо мазмуни ҳуқуқии онҳо дахл менамоем, зеро дар воқеият ҳар як нусхаи алоҳидаи шумораи алоҳидаи рӯзнома мавҷуд аст, лекин рӯзномаҳо ҳамчун як навъ объекти ҷамъбастӣ, ки тамоми шумораҳои пешина ва ояндаи ин нашрияи давриро фаро мегиранд, вуҷуд надоранд[201].

Илова бар ин, дар ҷомеаи муосир амалияи истифодаи мафҳуми «воситаҳои ахбори умум» ба сифати субъекти фаъолияти иттилоотӣ ташаккул ёфтааст, ки ба халалдор гардидани дақиқии сохтори ҳуқуқии мафҳуми мазкур

[200] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2013. – №3. – мод. 124.
[201] Ниг.: Ковалева Н.Н. Информационное право России. – М., 2007. – С. 216.

халал ворид менамояд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки маҳз ташкилотҳо, ки нашри воситаҳои ахбори умумро амалӣ менамояд, субъекти раванди интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти он, ки аксарияти муаллифон маҳз мафҳуми «воситаҳои ахбори омма»-ро ба сифати субъекти раванди интихоботӣ истифода менамоянд, як қатор муаллифон пешниҳод менамоянд, ки зери ин мафҳум ташкилот ва созмонҳо, ки нашри воситаҳои ахбори оммаро амалӣ менамоянд, фаҳмида шавад[202].

Бо ҳамин мазмун, М.А. Андрионов иброз менамояд, ки ба сифати шахсоне, ки метавонанд субъекти ҳуқуқ бошанд, шахсони зеринро ҷудо намудааст:

– ҳайати таҳририя;

– сармуҳаррир;

– рӯзноманигор;

– муассис;

– паҳнкунанда[203].

Н.Е. Колобаева бошад, ин номгӯи субъектҳои раванди интихоботиро баррасӣ намуда, ба муаллифи болозикр ҳамфикр буда, аммо илова намудааст, ки дар муайяннамоии воситаҳои ахбори омма ҳамчун субъекти раванди интихоботӣ танҳо ду субъекти аввали пешниҳодгардида, яъне ҳайати таҳририя ва сармуҳаррирро ворид намудааст[204].

Ҳамин тариқ, мо ақидаи муаллифони зикргардидаро дастгирӣ намуда, қайд менамоем, ки танҳо ҳайати таҳририя ва сармуҳаррир метавонанд ҳамчун субъектҳои раванди интихоботӣ баромад намоянд. Дар таҳқиқоти мазкур бо истифода намудани мафҳуми «воситаҳои ахбори омма» бо ташкилот ва созмонҳо, ки нашри воситаҳои ахбори оммаро амалӣ менамоянд, дар назар дорем.

---

[202] Ниг.: Пашкова О.В. Роль средств массовой информации в формировании избирательных информационных правоотношений / О.В. Пашкова // Социально-экономические науки и гуманитарные исследования. – 2015. – №6. – С. 130-133.

[203] Ниг.: Андрианова М.А. Конституционно-правовые основы участия средств массовой информации в избирательном процессе в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2013. – С. 49-50.

[204] Ниг.: Колобаева Н.Е. Проблемы информационного обеспечения выборов в России с участием средств массовой информации / Н.Е. Колобаева // Российское право: образование, практика, наука. – 2015. – №2 (86). – С. 16-19.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ташкилоте, ки нашри воситаҳои ахбори оммаро амалӣ менамояд, ҳамчун субъекти раванди интихоботӣ баромад менамояд. Дар ин самт зарур аст, ки нақши воситаҳои ахбори оммаро ҳамчун воситаи асосии расонидани иттилоот оид ба рақибони сиёсӣ ба интихобкунандагон таҳлил карда шавад.

Таъсири воситаҳои ахбори омма ба рафтори электоралии (ҳайати интихобкунандагон) интихобот бештар дар раванди ташвиқоти пешазинтихоботӣ зоҳир мегардад. Қайд намудан зарур аст, ки номзад ва намояндаи ҳизбҳои сиёсӣ наметавонанд, ки бевосита ба ҳар як интихобкунанда алоқаҳоро ба роҳ монанд, аз ин хотир зарурат пайдо мешавад, ки интихобкунанда аз намуна ва қоидаҳои тариқи миёнаравони мухталиф паҳншаванда истифода барад[205].

Таҳлили қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ташвиқоти пешазинтихоботӣ, нақш ва мақоми воситаҳои ахбори умум ба таври лозима муқаррар карда шудааст. Албатта, чунин ҳолат озод, шаффоф ва демократӣ будани раванди интихоботиро нишон медиҳад.

Аз таҳлили қонунгузории аксарияти кишварҳо бармеояд, ки меъёрҳои алоҳидаи онҳо ба ташвиқоти пешазинтихоботӣ бахшида шудааст. Масалан, дар Қонуни федеролии Федератсияи Россия «Дар бораи кафолатҳои асосии ҳуқуқи интихоботӣ ва ҳуқуқ ба иштирок дар раъйпурсии шаҳрвандони Федератсияи Россия» мафҳуми «ташвиқоти пешазинтихоботӣ» чунин муайян гардидааст: ташвиқоти пешазинтихоботӣ – ин фаъолиятест, ки дар давраи маъракаи интихоботӣ амалӣ гардида, мақсади ҳавасманднамоии интихобкунандагон ба овоздиҳӣ барои номзад, номзадҳо, рӯйхат, рӯйхати номзадҳо, ё баръакс, бар зидди онҳоро дорад[206].

[205] Ниг.: Попова О.О. Правовые основы агитационной деятельности политических партий в РФ / Избирательная комиссия Белгородской области; сост.: Н.Т. Плетнев, Л.Б. Белая, Г.В. Калинина // Сб. матер. областного конкурса среди студентов высших учебных заведений Белгородской области на лучшую работу по вопросам избирательного права и избирательного процесса. – Белгород, 2010. – Вып. 5. – С. 99.
[206] Федеральный закон от 12 июня 2002 года, №67-ФЗ (ред. от 03.04.2017) «Об основных гарантиях избирательных прав и права на участие в референдуме граждан Российской Федерации» // Собрание законодательства РФ. – 2002. – №24. – С. 2253.

Бояд зикр намуд, ки на ҳар як иттилоот, ки тариқи воситаҳои ахбори омма паҳн карда мешаванд, хусусияти тарғиботӣ доранд ва наметавонад онҳоро ба тарғиботи пешазинтихоботӣ ворид намуд. Барои муайян намудани моҳияти фаъолияти ташвиқотӣ зарур аст, ки намудҳои асосии фаъолият ва амалҳо, ки ба ташвиқоти пешазинтихоботӣ дохил карда мешаванд, мавриди таҳлил қарор дода шаванд.

Дар заминаи фаҳмиши фаъолияти ташвиқотӣ, муайян мегардад, ки фаъолият дар ҳолате ҳамчун фаъолияти ташвиқотӣ эътироф карда мешавад, ки самтгирии он ба мавқеъгирии шахсони муайян ба сифати номзадҳо дар шуури интихобкунандагон ва паҳн намудани даъватҳо баҳри овоз додан ба номзади мувофиқ ё баръакс бар зидди номзади мутобиқ равона гардидааст.

Дар кишварҳои демократӣ ташвиқоти пешазинтихоботӣ воситаи қонунии калидии муборизаи сиёсӣ дар раванди интихоботӣ, воситаи таъмини шароити озоди баргузории онҳо, ошкорбаёнӣ ва рақобатнокӣ буда, ба интихобкунандагон имконият медиҳад, ки ба қадри имкон иттилооти бештарро ба даст оранд. Маҳз, миқдори зиёди иттилоот имконият медиҳад, ки ҳар як интихобкунанда ақидаи муайянро нисбати ин ё он номзад ё ҳизби сиёсӣ ба даст орад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки моҳиятан, ташвиқоти пешазинтихоботӣ афзал донистани ин ё он номзадро таъмин намуда, натиҷаи онро муайян менамояд. Аз ҳамин хотир зарур мешуморем, ки дар қонунгузории интихоботии кишвар, ба масъалаи ташвиқоти пешазинтихоботӣ диққати махсус равона карда шуда, мафҳумҳои дар ин самт истифодашаванда, ба таври алоҳида муқаррар карда шаванд.

Дар раванди омӯзиш ва баррасии таъсири воситаҳои ахбори омма ба рафтори электоралии шаҳрвандон аз тарафи як қатор муаллифон се тарҳи ҷавоби интихобкунандагон ба таъсиррасонии воситаҳои ахбори умум ҷудо карда шудааст:

– тарҳи баландтарини ҳассосияти иттилоотӣ, вақте ки афзалияти электоралии шаҳрвадон аз воситаҳои ахбори омма бевосита бо тасаввуроти муайян оид ба ҳизби сиёсӣ алоқаманд аст;

– тарҳи пасттарини ҳассосияти иттилоотӣ, ки дар он алоқаи байни афзалиятҳои электорат ва иттилооти аз тарафи воситаҳои ахбори омма паҳншаванда вуҷуд надорад ё дар сатҳи паст қарор дорад;

– тарҳи ҳассосияти ҷавобӣ, ҷавоби истеъмолгарони воситаҳои ахбори умуми мушаххас ба тасаввуроти ҷавобии сиёсатмадор дар ин воситаи ахбори умум[207].

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон асосан тарҳи якум мушоҳида карда мешавад, яъне таъсири воситаҳои ахбори омма ба рафтори электоралии шаҳрвандон дар сатҳи баланд қарор дорад. Чунин ҳолат, ба фикри мо, аз сатҳи баланди фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии аксарияти шаҳрвандон ба миён омадааст.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки ду муносибати асосии таъсири воситаҳои ахбори омма ба рафтори электоралии шаҳрвандон ҷудо карда мешавад:

– воситаҳои ахбори омма дар сатҳи баланд ба рафтори электоралии шаҳрвандон таъсир мерасонад. Интихоби шаҳрвандон пурра аз таъсири воситаҳои ахбори омма вобаста аст. Воситаҳои ахбори омма воситаи устувори таъсиррасонӣ ба шуур ва интихоби шаҳрвандон баромад менамоянд;

– воситаҳои ахбори омма наметавонанд афзалияти интихобкунандагонро ташаккул диҳанд. Дар чунин ҳолат иттилоот, ки аз тарафи воситаҳои ахбори омма паҳн карда мешавад, монеаи асосии ташаккули эътиқоди субъективии шаҳрвандон мегардад. Воситаҳои ахбори омма на танҳо ба интихоб ва рафтори электоралӣ таъсир намерасонанд, балки дар самти пайдо намудани афзалиятнокии ин ё он номзад барои шаҳрвандон монеа эҷод менамоянд[208].

---

[207] Ниг.: Городецкая Е.Г. Влияние средств массовой информации на формирование электорального поведения избирателей [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://archive.nbuv.gov.ua/portal/Soc_Gum/Staptp/2012_54/files/ST541210.pdf (дата обращения: 25.11.2022).

[208] Ниг.: Зимин М.В. Стратегии средств массовой информации в развитии социально-политической активности регионального электората: автореф. дис. … канд. соц. наук: 22.00.08 «Социология управления». – Белгород, 2006. – С. 14.

Дар ин самт метавон ба И. Задорин ҳамфикр гардид, ки ӯ чунин мешуморад, ки таъсири бузурги воситаҳои ахбори омма ҳамчун воситаи рафтори электоралии таъсиррасонӣ дар ҳолати иҷро намудани ду шарт имконпазир аст:

– таъсиррасонӣ бояд яктарафа ва тариқи тамоми роҳҳову воситаҳои иттилоотӣ амалӣ гардад;

– таъсиррасонӣ бояд ба таври назаррас идома намояд, то ки самаранокии назаррас ба даст оварда шавад[209].

Амалияи интихоботи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки маҳз ин ду шарт дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар раванди интихоботӣ ба назар мерасад. Иттилооти муайян чандин маротиба тариқи воситаҳои мухталифи иттилоотӣ байни мардум паҳн карда мешавад. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар Тоҷикистон таъсири воситаҳои ахбори омма ба шуур ва рафтори электоралии шаҳрвандон бузург аст.

Конститутсияи ҶТ дар моддаи 17 баробарии ҳуқуқи шаҳрвандонро дар назди қонун ва суд муқаррар намудааст. Ин усул дар амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон дар интихоб намудан ва интихоб шудан дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ муҳим ба ҳисоб меравад. Мувофиқи моддаи 37 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» ба ҳамаи номзадҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар кафолат дода мешавад. Яке аз намудҳои амалӣ намудани ин ҳуқуқ баробарии дастрасии номзадҳо ва иттифоқҳои интихоботӣ ба воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар моддаи 39 Қонуни конститутсионии мазкур қайд карда шудааст, ки ба номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ барои истифодаи ахбори омма шароитҳои баробар кафолат дода мешавад.

Дар ҳолати зиёд гардидани миқдори ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар интихобот ширкат менамоянд, масъалаи таъмини кафолати дастрасии баробар ба фаъолияти ташвиқотӣ дар воситаҳои ахбори умум дар марҳилаи электоралӣ

[209] Ниг.: Задорин И. Выступление на Круглом столе «СМИ и информационные ресурсы выборных кампаний»: науч. конф. факультета журналистики МГУ, февраль 2004 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.zircon. ru/russian/1/0305/news.htm (дата обращения: 14.01.2022).

тезутунд мегардад. «Маҷмуи меъёрҳои тавсияшавандаи гузаронидани интихобот», ки аз тарафи Комиссияи аврупоии демократия тариқи ҳуқуқ (Комиссия Венетсия) соли 2002 қабул карда шудааст, ба давлат масъулияти таъмини имкониятҳои баробари номзадҳоро оид ба таҷассум намудани маъракаҳои пешазинтихоботии онҳо дар воситаҳои ахбори омма вогузор намудааст.

Махсусан, ин уҳдадорӣ ба пешниҳоди миқдори зарурии вақт, фазои рекламавӣ ва заминаи нашриявӣ дар воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла дар радио ва телевизиони давлатӣ, дар матбуоти даврӣ ба номзадҳо барои то ба интихобкунандагон расонидани моҳияти барномаҳои пешазинтихоботии номзадҳо ва ҳизбҳо, ифодаи ақидаҳо оид ба ин ё он ҳолатҳо, ки имконият медиҳанд оид ба онҳо тасаввуроти муайянро ташаккул диҳанд, алоқаманд аст. Маҳз дар асоси пешниҳоди чунин имкониятҳо ба номзадҳо ё ҳизбҳо интихобкунандагон метавонанд интихоби воқеӣ ва бошуури худро амалӣ намоянд.

Муҳим аст, ки дар ҳолати пешниҳоди ин имкониятҳо, давлат бетарафиро пеша намояд, яъне нисбат ба номзадҳо ё ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар раванди интихоботӣ ширкат меварзанд, беғараз бошад. Махсусан, муҳим аст, ки беғаразӣ нисбат ба ҳизбҳои сиёсӣ риоя карда шавад, зеро баҳсҳои асосӣ маҳз дар алоқамандӣ бо мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар марҳилаҳои раванди интихоботӣ пайдо мешавад.

Ҳамин тариқ, ба сифати субъекти мустақил ташкилот ва созмоне, ки нашри воситаҳои ахбори умумро амалӣ менамоянд, ҷудо намудан зарур аст. Бо дарназардошти ин нуқтаи муҳим мо чунин мешуморем, ки ин созмонҳо ва ташкилотҳоро маҳз ба субъектҳои асосии раванди интихоботӣ ворид намудан зарур аст, зеро маҳз онҳо ҳалқаи пайвасткунандаи байни интихобкунандагон ва номзадҳо баромад менамоянд.

Илова бар ин, воситаҳои ахбори омма ба сифати яке аз воситаҳои асосии расонидани иттилоот оид ба рақибони сиёсӣ ба интихобкунандагон баромад менамоянд. Дар даврони муосир иртиботи оммавӣ дар Тоҷикистон нақши

захираи калидии идоракунии иҷтимоиву сиёсии ҷомеаро касб намуда, он ба ташаккули муносибатҳои ҳуқуқии иттилоотии интихоботӣ мусоидат менамоянд.

# ХУЛОСА

Таҳлил ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи асосҳои ҳуқуқии конститутсионии раванди интихоботӣ имкон медиҳад, ки хулоса ва тавсияҳои зеринро манзур намоем:

1. Интихобот унсури муҳимми амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки сатҳу сифати ташкилу баргузории дар кишвари алоҳида сатҳи демократикунонии онро нишон медиҳад. Интихобот воситаи ташаккули мақомоти намояндагӣ, воситаи ҳалли осоиштаи низоҳои доимамалкунанда дар ҷомеа, воситаи ташаккули сарварони сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, интихобот ҳамчун воситаи бунёди мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ баромад менамояд.

Бояд тазаккур, дод, ки низоми интихоботии амалкунандаи ҶТ, ки бо раъйпурсии соли 1999 робита дорад ва тавассути ислоҳоти конститутсионӣ, қабули қонунҳои нави конститутсионӣ мазмуни ҳуқуқӣ пайдо кардааст, зиёда аз 20 сол инҷониб дар амал мебошад. Дар ин давра панҷ маъракаи интихоботи вакилони Маҷлиси Олӣ ва интихоботи вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва се маъракаи интихоботи Президенти ҶТ баргузор гардид. Дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқи интихобот дар амал татбиқ гардида, устуворӣ ва мукаммалии худро исбот карданд. Рафти минбаъдаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи интихобот ногузир ба боз ҳам мукаммал гаштани онҳо мусоидат менамоянд. Бинобар ин, тағйиру иловаҳое, ки бо мақсади боз ҳам такмил ва беҳтар кардани моҳияти демократии қонунгузории интихобот ба онҳо дохил карда мешаванд, раванди муътадили рушди қонунгузории интихоботӣ дониста мешаванд [6-М].

2. Ҳуқуқи интихоботӣ маҷмӯи қоидаҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки тартиб, усулҳо, ташкил ва гузаронидани интихобот, ҷамъбасти натиҷаҳои интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон, вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони

халқ, инчунин вакилони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳотро муқаррар ва танзим менамояд.

Меъёрҳои ҳуқуқи интихоботӣ барои танзим ва таҳкими муносибатҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

– муайян намудани доираи шахсоне, ки ҳуқуқи интихоб кардан (ҳуқуқи фаъолонаи интихобот) ва интихоб шудан (ҳуқуқи ғайрифаъолонаи интихобот) ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, вакили маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва вакили ҷамоатро доранд;

– муқаррар намудани усулҳои асосии интихобот;

– тартиби ташкили интихобот ва ҷараёни баргузории он;

– тартиби ҷамъбаст ва эълони натиҷаҳои интихобот;

– танзими тартиби баргузории овоздиҳии такрорӣ ва интихоботи такрорӣ;

– муайян намудани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории интихоботӣ;

– танзими муносибатҳои байни интихобкунандагон ва вакилон [6-М].

3. Бо татбиқи ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мансабҳои олии давлатӣ, мақомоти намояндагии олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шаҳрвандон имконияти иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатро ба даст меоранд. Татбиқи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон шарти асосии ташкил ва фаъолияти қонунии ин мақомоти номбаршуда мебошад. Ҳуқуқи интихобот на танҳо маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ аст, балки ҳуқуқи субъективии ҳар як шаҳрвандро низ дар бар мегирад. Дар ин замина, ҳуқуқи интихоботӣ ба ду бахш ҷудо мешавад: ҳуқуқи интихоботи фаъол, ки иштирок дар раванди интихоботро таъмин мекунад ва ҳуқуқи ғайрифаъоли интихобот, ки имкон медиҳад шаҳрвандон ба унвони номзад пешбарӣ шаванд. Ҳарду ҳуқуқ танҳо ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд.

4. Тарзу воситаи иштироки шаҳрвандон дар интихобот гуногун мебошад. Иштироки шаҳрвандон дар ҳамаи давраҳои маъракаи интихобот шарти дар доираи талаботи қонунҳо баргузор гаштан ва ҷамъбаст намудани натиҷаи он аст. Ҳамчунин, шаҳрвандон тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳайати комиссияҳои интихоботӣ, дар пешбарии номзадҳо, дар ташкили ташвиқоту тарғиботи пешазинтихоботӣ ба рафти ташкил ва гузаронидани интихобот таъсир мегузоранд. Дар интихоботи Президенти ҶТ чунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ба монанди Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ҳизбҳои сиёсии то рӯзи таъйини интихобот дар Вазорати адлия ба қайд гирифташуда, дар интихоботи вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ташкилотҳои маҳаллии ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқи пешбарии номзад ба вакилӣ доранд, яъне шаҳрванд ҳам ба таври фардӣ ва ҳам дар ҳайати иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар кори тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ҳисса дорад [7-М].

5. Нисбат ба қонунҳои пешина қонунҳои амалкардаистодаи интихобот субъектони ҳуқуқи пешбарии номзадҳо ба вакилиро ба воқеияти имрӯза хеле наздик кардаанд. Пешбарии номзадҳо ба вакили Маҷлиси намояндагон бо ду роҳ амалӣ карда мешавад. Барои пешбарии номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон ва вакилии Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ба ҳизбҳои сиёсӣ ва шаҳрвандон имконият дода шудааст, ки тавассути худпешбарӣ амал намоянд. Ҳизбҳои сиёсие, ки аз ҷониби Вазорати адлия ба қайд гирифта шудаанд, ҳуқуқ доранд номзадҳои худро ба вакилии ин мақомот пешниҳод намоянд.

6. Сатҳи демократӣ баргузор гаштани интихоботи Президент ва вакилони халқ на фақат бо иштироки озодонаи шаҳрвандон дар овоздиҳӣ вобаста аст, балки бештар ба дуруст ташкил кардани шароити мусоиди баргузории овоздиҳӣ, беғаразона ҷамъбаст ва эълон кардани натиҷаи он алоқаманд аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин меъёр риоя гардида, дар ҳар маъракаи

интихоботӣ қоидаҳои интихоботӣ бо қатъият ва беғаразона амалӣ мешаванд, ки ин ҷузъи муҳимми раванди демократӣ мебошад.

7. Яке аз давраҳои муҳим дар раванди интихобот тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон мебошад. Дар ин давра дар вақти муайяншуда тартиб додан ва ба эътибори умум барои шиносоӣ пешниҳод кардани рӯйхати интихобкунандагон, ошкор кардани камбудиҳои дар он ҷойдошта ва бартараф кардани онҳо, барои ба интихобот ҷалб кардани шаҳрвандони ҳуқуқи интихоботӣ дошта, барои риоя шудани усули умумии ҳуқуқи интихобот мусоидат намуда, шарти риояи усули демократии ҷалби онҳо ба интихобот мебошад [2-М].

8. Дар ташкил ва баргузор намудани раванди интихоботӣ бояд истилоҳи «маҳрум кардани фардро аз ҳуқуқи интихоботӣ» муқаррар намуд. Маҳрум кардани фард аз ҳуқуқи интихоботӣ асосан бо вазъи равонию руҳӣ ва маҳкум будани он алоқаманд аст. Интихобкунанда аз саломатии руҳию равонӣ то он андозае бархӯрдор бошад, ки тавонад бо истифодаи ақли солим некро аз бад фарқ кунад ва натиҷагириаш ҳам ба нафъи ҷомеа ва ҳам ба манфиати худаш бошад. Аз ин рӯ, қонунҳои асосӣ ва қонунҳои интихоботии давлатҳои муосир афродеро, ки аз нигоҳи руҳию равонӣ солим нестанд аз ҳаққи овоз додан маҳрум кардаанд. Аммо, ба манзури пешгирии ҳама гуна сӯистифодаҳои номатлуб ҳамаи санадҳои ҳуқуқии амалкунанда эътирофи вазъи носолими рӯҳию равонии фардро ба уҳдаи мақомоти судӣ вогузор кардаанд [10-М].

9. Дар радифи ин ҳама талаботу маҳдуд кардани ҳуқуқи интихоботӣ инчунин ниҳоди номувофиқӣ маълум аст, ки он ба ҳам як ҷо кардани ваколати вакили парламент ва ё шахси мансабдори интихобиро бо вазифаи муайян, бо ваколати дигари интихобӣ ва ё шуғли муайян имконнопазир мекунад. Ниҳоди номувофиқӣ барои ба даст овардани якчанд мақсад, қабл аз ҳама, бо мақсади таъмини амалан татбиқ шудани асли таҷзияи ҳокимият, яъне хориҷ кардани парламент ва ё мақоми дигари интихоби аз таъсиру узвияти мақомоти иҷроия ва ё дигар мақомоти давлатӣ, муқаррар карда мешавад. Таъмини комили озодӣ барои интихобкунандагон аз роҳи имкон надодан ба номзадҳо ҷиҳати

истифода аз мансаби худ ва расонидани ҳар гуна таъсиру фишор ба интихобкунандагон мақсади дигари ниҳоди номувофиқӣ мебошад [10-М].

10. Тамоми амалу рафторе, ки ҷиҳати ташкил ва гузаронидани интихобот сурат мегиранд, дар қонунҳои танзимкунандаи ин ниҳоди сиёсию ҳуқуқӣ пешбинӣ мешаванд. Маҷмуи фаъолияти пайдарпайи мақомот ва шахсони зикргардида оид ба қабули қарор ҷиҳати ташкил ва гузаронидани интихобот, ки дар меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи марбута пешбинӣ шудаанд, мафҳуми раванди ташкил ва гузаронидани интихоботро дар бар мегирад. Мафҳуми зикргардида метавонад ҳангоми ташкил ва гузаронидан раъйпурсӣ ва дигар ниҳодҳои демократияи мустақим бо баъзе истисноҳо истифода шавад [5-М].

11. Маҷмуи интихобкуандагони мамлакат ва ё воҳиди марзию ҳудуди марбута ҳайати (корпуси) интихобкунандагони онҳоро ташкил медиҳад.

Дар асоси иштироки интихобкунандагон ё ворид шуданашон ба ҳайати интихобкунандагон, онҳоро ба намудҳои зерин тақсим мекунанд:

– ҳайати интихобкунандагони қонунии сабтшуда, яъне маҷмӯи шахсоне, ки ба рӯйхати интихобкунандагон дохил карда шудаанд;

– ҳайати интихобкунандагони воқей, ки он шахсоне мебошанд, ки дар раванди овоздиҳӣ иштирок мекунанд;

– ҳайати интихобкунандагони эҳтимолӣ, ки шахсони ба рӯйхат шомилшуда ва инчунин шахсоне, ки бо сабабҳои гуногун дар рӯйхати интихобкунандагон сабт нашудаанд, иборатанд.

Ҳайати интихобкунандагон ба таври доим васеъ мешавад, ки ин натиҷаи демократикунонии ҳуқуқи интихоботӣ ва зиёд шудани аҳолии кишвари марбута мебошад [5-М].

12. Дар шароити имрӯза қонунгузории аксарияти кишварҳо, аз он ҷумла қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми «раванди интихоботӣ» тавсиф нашудааст. Дар доираҳои илмӣ ва қонунгузории як қатор кишварҳо мафҳуми «маъракаи интихоботӣ» мавриди истифода қарор дода шудааст.

Мо бар онем, ки истифодаи мафҳуми «раванди интихоботӣ» қобили қабул аст, зеро он моҳияти ҳуқуқии амалҳо ва чараёнҳои марбут ба ҳуқуқи

интихоботиро, ки субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ ҳангоми омодагӣ ва гузаронидани интихобот анҷом медиҳанд ва натиҷаҳои онро муайян мекунанд, нисбат ба мафҳуми «маъракаи интихоботӣ» дақиқтар ва комилтар тавсиф менамояд [10-М].

